**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 329.1.6 (575.3)**
**ТКБ: 66.61 (2) (2 тоҷик)**
**С-20**

**САИДОВА МАЛИКА АБДУРАСУЛОВНА**

# БИСЁРҲИЗБӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ РАВАНДҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ**
**аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои сиёсӣ,**
**профессор Акмалова М.А.**

ХУҶАНД - 2024

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| | **ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ....................................** | 3 |
| | **МУҚАДДИМА .......................................................** | 4 |
| **БОБИ I.** | **МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ПАЖӮҲИШИ БИСЁРҲИЗБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН** | |
| 1.1. | Асосҳои назариявӣ ва методологии низоми бисёрҳизбӣ ҳамчун институти бунёдӣ ва навсозии ҳокимияти сиёсӣ.. | 20 |
| 1.2. | Мақом ва нақши системаи бисёрҳизбӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир.................................................................. | 50 |
| 1.3. | Характер ва нақши ҳамкории системаи бисёрҳизбӣ бо институтҳои дигари низоми демократӣ .......................... | 67 |
| **БОБИ II.** | **СИСТЕМАИ БИСЁРҲИЗБӢ ВА РУШДИ РАВАНДҲОИ ДЕМОКРАТӢ: АМАЛИГАРДИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН** | |
| 2.1. | Генезиси бисёрҳизбии ҷомеаи Тоҷикистон ва тартиби ҷойгиршавии неруҳои ҳизбӣ ............................................ | 89 |
| 2.2. | Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун миёнарав байни ҷомеа ва давлат: таҷрибаи Тоҷикистон ...................................................... | 110 |
| 2.3. | Масъалаҳо ва дурнамои рушди системаи бисёрҳизбӣ дар раванди демократии Тоҷикистони муосир ......................... | 134 |
| | **ХУЛОСА** ……………………………………………… | 152 |
| | Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот | 152 |
| | Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот | 155 |
| | Номгӯйи адабиёт ...................................................... ....... | 157 |
| | Феҳристи интишороти илмии довталаб......................... | 167 |

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО**

ИМА –Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИҶШС – Итиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ҲКТ – Ҳизби коммунистии Тоҷикистон

ҲНИТ –Ҳизби назҳати исломи Тоҷикистон

ҲДТ –Ҳизби демократии Тоҷикистон

ҶШС –Ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ

ҲХДТ -Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон

ҲСДТ -Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон

ҲСТ – Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон

ҲАТ - Ҳизби аграрии Тоҷикистон

ҲИИТ -Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза таҳкими демократия яке аз масъалаҳои асосии аксари кишварҳо, ки дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ қарор доранд ва ё худ демократикунониро ҳамчун ҳадафи муҳимми давлатдории хеш эълон намудаанд, ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид масъалаи асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки чӣ тавр ва бо кадом роҳ ва воситаҳо метавон низоми демократиро дар шароити ҷомеаи тағйирпазир мустаҳкам намуд. Албатта, дар ин самт муҳаққиқон шароитҳои мухталифро ҳамчун заминасоз барои таҳкими низоми демократӣ шинохтаанд. Аз ҷумла, ба хусусиятҳои ниҳодии таҳкимбахшии демократия таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Воқеан, барои таҳкими низоми демократӣ ҷиҳати ниҳодӣ хеле муҳим мебошад.

Дар мавриди такмил ва таҳкими низоми демократӣ таваҷҷуҳ намудан ба якчанд ҷиҳатҳои ниҳодӣ муҳим дониста мешавад. Аз ҷумла, барои баҳогузории ҳолати таҳкими низоми демократӣ зарур мешуморем, ки ҳолати рушди мақомоти қонунгузор, шароитҳои амали низоми судӣ ва ниҳодҳои ҳокимияти иҷроия, рушд ва фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хусусан, низоми ҳизбии амалкунанда ҳамаҷониба омӯхта ва баҳогузорӣ гарданд. Дидгоҳи ниҳодӣ ба нақши институтҳои мухталиф ва режимҳои сиёсии хоса дар таҳкими институтҳо ва равандҳои демократӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб дорад.

Низоми демократиро бидуни фаъолияти таркиботии ҳизбҳои сиёсӣ, системаҳои муайяни ҳизбӣ ва таъсиргузории онҳо дар шаклгирии сиёсии ҷомеа тасаввур намудан ғайриимкон аст. Агар мо ба зуҳури таърихии ҳизбҳои сиёсӣ таваҷҷуҳ намоем, пас он ба пайдоиши ниҳодҳои намояндагӣ чун парлумонҳо, бунёди низомҳои ҷумҳуриявӣ ва рушди рақобати неруҳои сиёсӣ барои расидан ба қудрати сиёсӣ пайванди ногусастанӣ дошт.

Раванду ҳодисаҳои таърихӣ дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон як навъ “нуқтаи оғози”

ташаккули давлатдории навин ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра дар ҳудуди кишвари мо ташаккули падидаҳои муосири демократӣ оғоз гардид, ки яке аз онҳо ниҳоди бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Бисёрҳизбӣ шаҳодати муҳимми мустаҳкамгардии асосҳои демократии инкишофи давлат, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, масъулият ва уҳдадориҳои инсон дар назди ҷомеаи сиёсӣ  ба ҳисоб меравад.

Бисёрҳизбӣ ниҳоди фазои сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ёрии он интиқоли манфиатҳои намояндагии иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ мешаванд. Дар пайвастагӣ бо вазъияти бисёрҳизбӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими мутобиқати сохти иҷтимоию сиёсии кишварҳо ба низоми муосири ҷомеаи демократӣ дониста мешавад.

Даҳсолаҳои охири асри XX ба таърихи ҷаҳонӣ ҳамчун марҳилаи тағйиротҳои бузурги сиёсӣ ворид гардидааст. Дар ин радиф омӯзиши масъалаҳои мухталифи сиёсӣ, ки бо гузариши тарҳҳои ниҳодии демократии сохтори сиёсӣ ва ташаккули низомҳои нави сиёсӣ дар ҷомеаҳои тағйирпазир алоқаманд мебошанд, муҳим ва саривақтӣ гардиданд. Дар як қатор ҳолатҳо ин равандҳо бо як сатҳи муайяни тасҳеҳ амалӣ гардиданд, ки бо хусусиятҳои фарҳанги сиёсӣ ва анъанаҳои ниҳодии кишвари алоҳида алоқаманд буд. Дар кишварҳое, ки дигаргуниҳои ниҳодӣ бе назардошти хусусиятҳои фарҳангиву сиёсии маҳаллӣ амалӣ гардиданд, бо гузашти вақт рад намудани ниҳодҳои нави сиёсӣ ё ивазнамоии онҳо бо амалияҳои ғайрирасмии сиёсӣ ба миён омаданд.

Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим рушди мутаносиби ҳизбҳои сиёсӣ ва системаи махсуси ҳизбӣ ба ҳисоб меравand, ки дар сатҳи мухталиф дар кишварҳои гуногун паҳн гардидааст. Пайдоиш ва паҳншудани ниҳоди бисёрҳизбӣ яке аз аломатҳои муҳими самаранокии низоми сиёси ҷомеа, омили муҳими мустаҳкам намудани хусусияти

демократии низоми давлатдорӣ, эътироф ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, масъулияти байниҳамдигарии институтҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дониста мешаванд.

Рушди бисёрҳизбӣ ба ифода намудани манфиатҳо ва иродаи сиёсии одамон, ки заминаи муҳимми ташаккули ҳокимият дар заминаи манфиатҳои омма ба ҳисоб меравад, пеш аз ҳама, ба дархосту манфиатҳои электорати асосӣ ва шаклгирии сиёсии низоми интихоботии хоса мусоидат менамояд. Ҳизбҳои сиёсӣ қисми муҳими низоми алоқаҳои ҷавобӣ байни мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолии кишвар ба ҳисоб мераванд. Бе мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ амалӣ намудани сиёсати баҳисобгирии манфиатҳои аксарият ва ақаллиятҳо ғайриимкон мегарданд.

Дар шароити ҳозира дар сатҳи давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври доимӣ муҳиммияти фаъолияти самараноки ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар таъкид мегардад. Раванди ташаккули ҳизбҳои муосир ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон солҳои 1989-1990 оғоз гардида, дар ин давра миқдори зиёди ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пайдо гардиданд. Он раванди хосае буда, дар баробари айниятҳо дар нисбати кишварҳои дигар тафовутҳои гуногунеро касб намуда буданд. Хусусияти фарқкунандаи бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон дар радифи мухолифатҳо тағйироту дигаргуниҳо дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва дар сохтори давлатдорӣ зоҳир мегардад. Дар ин самт низоми ҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ ба таври мақсаднок бунёд нагардида, ба таври стихиявӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти унсурҳои фаъол аз намояндагони гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, миллӣ ва маҳаллию минтақавӣ ташаккул ёфтааст.

Дар шароити тағйирпазирии низоми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои нисбатан мураккаб ва пурихтилоф ҷустуҷӯи шаклҳои нави муносибатҳои тарафайни байни ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун иштирокдорони асосии раванди сиёсӣ ба ҳисоб

меравад. Дар сохторҳои давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ накши муҳим мебозанд. Маҳз аз фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ инкишофи муътадили давлат ва рушди равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ вобаста мебошанд. Аҳамияти ин масъала, махсусан дар шароити имрӯза, ки низоми ҳизбӣ чандон марҳилаи рушди муътадилро пайдо накардааст муҳим ва арзишманд аст.

Дигаргуниҳои сиёсӣ дар ҷомеа баъди барҳам хурдани Иттифоқи Советӣ ба таври мухталиф баҳогузорӣ мешаванд. Проблемаҳои иҷтимоӣ шиддатнок гардида, бештар хосияти моҷарогароиро касб намуданд. Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тағйиротҳои мухталиф, ба монанди ташаккули парламенти касбӣ, низоми бисёрҳизбӣ, эътирофи плюрализми сиёсӣ, муносибатҳо ва баҳогузориҳои нави раванду ҳодисаҳо ба миён омаданд. Аз ин хотир, омӯзиш ва таҳлили самтгириҳои асосии ҳизбҳо ва созмону ҳаракатҳои сиёсӣ, иштироки онҳо дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеа, мутобиқати онҳо ба самтгириҳои мутаносиби демократикунонии ҳаёти ҷомеа муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегарданд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи масъалаи бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими раванди демократикунонии ҷомеа дар шароити воқеияти нави сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар як қатор таҳқиқотҳои олимони макон ва замони мухталиф ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ, асосҳои методологии онҳо,низомҳои ҳизбӣ, мақом ва нақши низоми бисёрҳизбӣ дар равандҳои сиёсии давраҳои мухталифи инкишоф мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Раванди омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мухталифи бисёрҳизбӣ ва таҳкими равандҳои демократикунониро метавон ба бахшҳои гуногун ҷудо намуд.

Ташаккул ва инкишофи назарияи ҳизбҳои сиёсӣ ва методологияи муносибат ба онҳо дар заминаи таълимоти муҳаққиқони барҷаста, ба монанди Н. Макиавелли, Т. Гоббс, Д. Локк, Ш. Монтескё, Ж.Ж. Руссо, А. Токвил, Т. Гегел, К. Маркс, Ф. Энгельс, К. Поппер, Ю. Хабермас, Т.

Парсонс, Р. Дарендорф, П. Сорокин, Т. Ҷефферсон, Ҷ. Мэдисон, М. Вебер[1] пайвасти бевосита доранд.

Таваҷҷуҳи хосаро ба масъалаи мазкур муҳаққиқон ва сиёсатмадорони охири асри XIX – ибтидои асри XX, аз ҷумла Г. Плеханов, П. Струве, П. Милюков, В, Ленин, П. Акселрод, Л, Мартов, А. Потресов, М. Родзянко, И. Гессен ва др[2]. ҷалб намудаанд.

Дар шароити ҳозира низ як зумра муҳаққиқон ба масъалаҳои ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ, низоми ҳизбӣ ва мақоми онҳо дар раванди сиёсӣ рӯ оварда, паҳлуҳои мухталифи масъалаҳоро, махсусан, ҷанбаҳои назариявию методологии онҳоро аз нигоҳи вақт ва макони нав мавриди таваҷуҳҳи хоса қарор додаанд. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои М.Дюверже, Г.Алмонд, Ҷ. Пауэлл, К. Стром, Р.Далтон, Р. Арон, Л.Бурде, К.Ҷанда, В. Зултсбах,И. В. Котляров, Э. Ласуэлл, Е.В. Макаренков, Т. Парсонс, Н.Ф. Саюров, М. В Барабанов, Р. Михелс, Т.В. Шмачкова ва дигаронро ёдрас намуд.[3]

---

[1] Ниг.: Макиавелли Н. Государь. [Текст] / Н. Макиавелли. - М, 1990. - С. 19-26; Гоббс Т. «Левиафан» или материя, форма и власть государства церковного и гражданского. [Текст] /Т.Гоббс. ~ М., 1936. – С.43-147; Локк Дж. Два трактата о правлении. Сочинения. [Текст] / Дж.Локк. - М., 1989; Токвил А. де. Демократия в Америке. [Текст] / Токвил А. де. М., 1991. Мэдисон Дж. Федералист. Политическое эссе А. Гамильтона, Дж. Мэдисона и Дж. Джея. [Текст] / Дж. Медисон. - М., 1993; Джефферсон Т. О демократии. [Текст] / Т. Джефферсон. - СПб., 1992; Поппер К. Открытое общество и его враги. Т.1-2. [Текст] /К. Поппер. - М., 1992; Хабермас Ю. Демократия. Разум. Нравственность. [Текст] / Ю. Хабермас. - М.; 1995; Парсонс Т. О структуре социального действия. [Текст] /Т. Парсонс. - М., 2000; Дарендорф Р. Дорога к свободе; демократизация и ее проблемы в Восточной Европе. [Текст] /Р. Дарендорф //Вопросы философии. 1990, №9; Сорокин П., Социологические теории современности. [Текст] /П.Сорокин. - М., 1992; Гегель Г. Гражданское общество. Обязанность перед государством. [Текст] / Г.Гегель.//Работы разных лет. Т.2. - М., 1972; Маркс К. и Энгельс Ф. Немецкая идеология. [Текст] //Маркс К. и Энгельс Ф. Сочинения. Т.3. - М., 1955.

[2] Ниг.: Плеханов Г.В. Дневник социал-демократа. [Текст] /Г.В. Плеханов. - Женева 1905; Струве П.С. Марксовская теория социального развития. [Текст] / П.С. Струве. - Киев, 1906. Милюков П.Н. Воспоминания государственного деятеля. [Текст] / П.Н. Милюков. - Нью-Йорк, 1982; Ленин В.И. Что делать? [Текст] / В.И. Ленин // ПСС. Т.6.; Боз вай. Рассказ о II съезде РСДРП. 1903 [Текст] / В.И. Ленин // ПСС. Т.8; Боз вай. Шаг вперед, два шага назад (кризис в нашей партии). [Текст] / В.И. Ленин //ПСС. Т.8; Аксельрод П.Б. Объединение российской социал-демократии и ее задачи [Текст] / П.Б. Аксельрод // Искра. 1904. №55, 57, 68; Мартов Л. Политические партии в России. 2-е изд. [Текст] /Л.Мартов. - М., 1917.

[3] Ниг.: Алмонд, Г., Пауэлл Дж., Стром К., Далтон Р.Сравнительная политология сегодня. Мировой обзор. Учеб.пособие. [Текст] /Г.Алмонд и др. - М., 2002; Арон, Р. Демократия и тоталитаризм. [Текст] / Р.Арон. - М., 1993; Бурдье, Л.Социология политики. [Текст] / Л.Бурдье - М., 1993; Джанда, К. Сравнение политических партий: исследования и теория [Текст] / К.Джанда // Современная сравнительная политология. - М., 1997; Дюверже, М. Политические партии [Текст] / М. Дюверже; пер. с франц. - М.: Академический Проект, 2000. –С. 78. Зульцбах, В. Основы образования политических партий. [Текст] / В. Зульцбах. - М., 2006; Котляров, И. В. Социология политических партий. [Текст] / И.В. Котляров. - Минск, 2011; Ласуэлл, Э. Правительства и политические партии в государствах Западной Европы. [Текст] /Э. Ласуэлл - М.: Изд. С.Скирмунта, 1905; Макаренков, Е.В. Политические

Гурӯҳи дигари адабиётро асарҳои муаллифоне ташкил менамоянд, ки ҷанбаҳои мухталифи низомҳои ҳизбӣ, махсусан, низоми бисёрҳизбиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои Л.Н. Алисов, М.И. Амосов, А.П. Галкин, Б.А. Исаев, Ю.Г. Коргунюк, И.В. Котляров, В.Я. Швейсер, В.Я. Гелман, Г.В. Голосов, Д.С. Герасимов. А.Н.Набиев ва дигаронро қайд намуд.[1]

Гурӯҳи дигари адабиёти истифодашударо таҳқиқотҳое ташкил медиҳанд, ки раванди ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти сиёсии онҳоро дар шароити тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, бахусус, замони гузариши сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Таҳқиқотҳои Б.Шокиров, А. Маҳмадкаримов, В. Набиев, В. Амелин, А. Абдукадыров, А.Н. Маҳмадов, М.А Олимов, С.И Шарипов, Р. Зоиров, В.М. Зайченко ва дигарон аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравонд.[2]

---

партии и партийные системы [Текст] / Е.В. Макаренков, И.К. Харичкин. - М.: МПИ ФСБ России. – 2007; Парсонс, Т. О социальных системах. [Текст] / Т. Парсонс. - М., 2002; Саюров, Н.Ф. Партии в политической системе германского общества. [Текст] /Н.Ф. Саюров. - Липецк: ЛЭТИ. 2000; Барабанов, М. В. Роль и место политических партий современной России в формировании государственной власти [Текст] / М.В. Барабанов // Социально-гуманитарное знание. – 2006. – № 5; Михельс, Р. Социология политических партий в условиях демократии: Главы из книги [Текст]/ Р. Михельс // Диалог. 1990. № 3; Шмачкова, Т.В. Мир политических партий [Текст] /Т.В. Шмачкова // Полис. 1992. № 1, 2.

[1] Ниг.: Алисова, Л.Н. Партийная система [Текст] / Л.Н. Алисова // Политическая энциклопедия в 2 т.: т. 2. – М., 1999; Амосов, М.И. Многопартийность: опыт демократических стран и его значение для России. [Текст] /М.И. Амосов. - СПб.: Прогресс, 1998; Галкин, А.П. Политические партии и партийные системы // Актуальные проблемы современной политической науки. В 2 ч. [Текст] / А.П. Галкин. - Волгоград: Принт. – 2007; Исаев, Б.А. Теория партий и партийных систем. 2-е изд., испр. и доп. [Текст] / Б.А. Исаев. - М.: Юрайт, 2016; Коргунюк, Ю.Г. Становление партийной системы современной России. [Текст] / Ю.Г. Коргунюк. - М.: Фонд ИНДЕМ, Московский городской педагогический университет, 2007; Котляров, И.В. Феномен многопартийности в современном белорусском обществе. [Текст] / И.В. Котляров. –Минск, 2009; Швейцер, В.Я. Многопартийность: перемены на западном фронте. [Текст] /В.Я. Швейцер. – М., 207; Гельман, В.Я. О становлении российской партийной системы и практиках политических коалиций. [Текст] /В.Я. Гельман. // Полис, 2007. №3; Голосов Г.В. Форматы партийных систем в новых демократиях: институциональные факторы неустойчивости и фрагментации. [Текст] /Г.В. Голосов. // Полис, 1998. № 1; Герасимов Д.С. Многопартийность в условиях переходных систем: автореф. дис. … канд. полит. наук. [Текст] - М., 2009.

[2] Ниг.: Шокиров, Б., Махмадкаримов, А. Возникновение политических партий и движений в Таджикистане и их деятельность (1989-1992г) [Текст] / Б.Шокиров, А. Махмадкаримов. – Душанбе, 1999; Набиев, В. Созмонҳои ҷавонон дар Тоҷикистон. [Матн]/ В. Набиев. -Душанбе, 1995; Амелин, В. Межнациональные конфликты в республиках Средней Азии и роль общественных движений и политических партий в их разрешении (вторая половина 80-х начало 90-х гг.). [Текст] /В.Амелин. -М., 1992; Абдукадыров, А. Освещение общественно-политической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы (1990-1995гг.). [Текст] / А. Абдукадыров. - Душанбе, 1997.

Масъалаҳои тағйири системаи сиёсӣ, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, демократикунонии раванди сиёсӣ, инкишофи парламентаризм, ки ҳамчун заминаи ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ва системаи нави ҳизбӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтаанд, дар асарҳои муҳаққиқон И.Р. Абдуллоев, Ш.Р. Ахмедов, Г.Н Зокиров, О. Каримов, С. Кенҷаев, Р.Г. Курбонов, Г.Р. Муродова, В.М Набиев, Л.Ш Сафаров, И. Усманов, С.И. Шарипов ва дигарон инъикоси хешро пайдо намудаанд.[1]

Ниҳоят, таҳқиқот, таҳлилҳо, натиҷагириҳо ва тавсияҳои судманд дар мавриди масъалаи матраҳшаванда инъикоси хешро дар асарҳо ва суханрониҳои Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намудаанд. Ӯ ба масъалаҳои мухталифи равандҳои сиёсии Тоҷикистон, аз он ҷумла демократикунонӣ ва бисёрҳизбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.[2]

Дар воқеъ, дар мавриди масъалаи ҳизбҳои сиёсӣ ва системаи бисёрҳизбӣ асарҳои таҳқиқотии зиёде нашр гардидаанд, ки паҳлуҳои

---

[1] Ниг.: Абдуллоев, И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х – начало 90-х годов: дисс. …кан. полит. наук. [Текст] –Душанбе, 2000; Ахмадов, Ш.Р. Демократический режим: специфика становления и развития: на примере Республики Таджикистан: дисс. ...канд. пол. наук. [Текст] –Душанбе, 2011; Каримов, О. Политическое состояние Таджикистана. [Текст] /О. Каримов. - Худжанд, 2007; Кенҷаев, С. Табаддулоти Тоҷикистон. Ҷ. 1[Матн]/ С. Кенҷаев. – Душанбе, 1993. –С. 145; Курбонов Р.Г. Политические партии в Республике Таджикистан: становление, проблемы, прогноз: дисс. …кан. полит. наук. [Текст] –Душанбе, 2014; Муродова Г.Р. Политические партии в условиях трансформации общества: опыт Таджикистана. Дисс.кан. полит. наук. [Текст] / Г.Р. Муродова. –Душанбе, 2012; Набиев, В. Созмонҳои ҷавонон дар Тоҷикистон. [Матн]/В. Набиев. - Душанбе, 1995; Боз вай. Сулх, ризоият, ваҳдат. [Матн]/ В.Набиев. –Худжанд: “Хуросон”, 2007; Боз вай. Политические партии Таджикистана. [Текст] / В. Набиев. - Душанбе, 2002; Олимов, К. Демократический процесс становится устойчивым. [Текст]/ К. Олимов. - Душанбе, 1998; Сафаров Л.Ш. Избирательная система в Таджикистане: проблемы и перспективы ее совершенствования. [Текст] / Л.Ш. Сафаров // «Таджикистан и современный мир» 2012. №1. (30); Усманов, И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. [Матн]/ И.Усманов. - Худжанд, 2003; Шарипов С.И. Демократизация политических процессов в современном Таджикистане: дисс….док. полит. наук. [Текст] / С.И. Шарипов. - Душанбе, 2001;

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // 23.12.2022. ш.Душанбе. [Матн] (Манбаи электронӣ) http://www.president.tj/node/29823. Раҳмон, Э. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2018. - 305 с.; Боз вай. Долгий путь к миру [Текст] / Э. Раҳмон. - Душанбе, 1998. – 125 с.; Боз вай. Таджикситан на пути демократии и цивилизованного общества [Текст] / Э. Раҳмон. - Душанбе, 1996. - 312 с.; Боз вай. Наша цель – единство, согласие, созидание [Текст] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2000. –160 с.; Боз вай. Политика мира и созидания [Текст] / Э. Раҳмон. - Душанбе, 2001. - 216.; Боз вай. Наша цель – национальное согласие [Текст] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 1997. -72.; Боз вай. Давлатдории тоҷикон: Аз Сомониён то оғози асри XXI [Матн] / Э. Раҳмон. - Душанбе, 1999. – 228 с.; Боз вай. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: иборат аз 4 ҷилд [Матн] / Э. Раҳмон. - Душанбе, 2002. -512 с.

гуногуни масъаларо мавриди таҳлил қарор додаанд. Аммо дар адабиёти мавҷуда бевосита масъалаи бисёрҳизбӣ ва таъсири бевоситаи он ба раванди сиёсии Тоҷикистони муосир мавриди омӯзиши зарурӣ қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, қарор додем, ки масъаларо ба таври амиқ омӯхта, хулосаҳои заруририро барои такмил ва таҳкими системаи сиёсии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои гуногуни он ирсол намоем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар чаҳорчӯбаи мавзуи кори илмию таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон "Раванди сиёсии ҷаҳон ва Тоҷикистон дар низоми сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ: муаммо, рушд ва дурнамо" барои солҳои 2015-2020 ва «Хусусиятҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки иҷроиши он солҳои 2021-2025 дар бар мегирад, ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро т**аҳлилу натиҷагириҳои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракату созмонҳои сиёсӣ дар шароити низоми бисёрҳизбӣ дар раванди демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин аҳамияти муҳимро касб менамоянд:

- таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии низоми бисёрҳизбӣ ва таъсири онҳо ба навсозии ҳокимияти сиёсӣ;

- омӯзиш ва таҳлили бисёрҳизбӣ ҳамчун асоси ташаккул ва навсозии ҳокимияти сиёсӣ дар шароити муосир;

- муайян намудани мақом ва нақши низоми бисёрҳизбӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир;

- омӯзиш ва таҳлили характер ва нақши ҳамкориҳои низоми бисёрҳизбӣ бо самтҳои мухталифи низоми демократӣ;

- омӯзиш ва таҳлили таҳаввулоти бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон ва ошкор намудани ҷойгиршавии неруҳои ҳизбӣ дар кишвар;

- омӯзиш ва таснифи ҳизбҳо ҳамчун миёнарав байни ҷомеа ва давлат дар таҷрибаи сиёсии Тоҷикистони муосир;

- муайян намудани муаммоҳо ва дурнамои рушди низоми бисёрҳизбӣ дар раванди демократии Тоҷикистони муосир.

**Объекти таҳқиқотро** фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми бисёрҳизбӣ, ки ба демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ равона гардидааст ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** низоми бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими рушди равандҳои демократикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқотро** номукаммалии назарияи раванди сиёсӣ муайян намудаанд. Нопуррагии донишҳо ва нокифоягии тасаввуротҳо дар бораи низоми бисёрҳизбии Тоҷикистон, инъикоси фаъолияти онҳо дар афкори ҷамъиятӣ норозигӣ ва нофаҳмиҳои гуногунро дар мавриди фаъолияти ин

навъи институти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба амал овардааст. Мавҷудияти бисёрҳизбӣ бояд имконияти мусоиде фароҳам орад, ки неруҳои сиёсӣ дар ҳалли мушкилоти мухталифи ҷомеа иштирок намуда, ҷойгоҳи худро муайян намоянд. Ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбии воқеӣ ҳамчун омили муҳими таҳкими демократия дар Тоҷикистон бояд мақоми хоса пайдо намояд ва дар ҳалли масъалаҳо, махсусан самаранок намудани раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва амалинамоии онҳо мусоидат кунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои классикони донишҳои сиёсию иҷтимоӣ, ки дар саромади таълимот дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, системаҳои ҳизби ва инкишофи равандҳои демократӣ дар макон ва замони мухталиф қарор доранд, асарҳои муаллифони муваффақи масъалаҳои мазкур, санадҳои сиёсии ватанию байналхалқӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ташкил менамоянд. Дар манбаъҳои мазкур хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва мақоми онҳо дар раванди таъсиррасониҳои сатҳи гуногун ба тағйири ҳокимият ва инкишофи ҷомеаи демократӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагириҳои амиқ қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқ бо вазифаҳои зикргардида муайян гардида, ба принсипҳои таҳлили сиёсӣ, ниҳодӣ, объективият, мушаххасӣ, таърихият, низоманд дар омӯзиши раванду ҳодисаҳо асос меёбанд. Дар омӯзиш ва баррасии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, масъалаи иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, низоми бисёрҳизбӣ ва мавқеи он дар раванди демократикунонии муносибатҳои сиёсии ҷомеа методи таҳлили сиёсӣ васеъ истифода гардидааст. Муносибати ниҳодӣ таҳлили низоми бисёрҳизбиро ҳамчун заминаи асосии таҳкими демократия ва арзишҳои демократӣ пурра намуд. Муносибати ниҳодӣ имконият дод, ки нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми ҳамкориҳои сиёсӣ ҳамчун миёнарави байни давлат ва ҷомеа ошкор гардад. Дар доираи муносибати системавӣ воқеияти фаъолияти ҳизбҳои

сиёсӣ таҳлил гардида, алоқа ва муносибатҳо, ки ба рафтори оммаи мардум таъсир мерасонанд, ошкор шудаанд. Муносибати муқоисавӣ дар таҳлили раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун принсипи муҳим дар ташаккул ва инкишофи низоми бисёрҳизбӣ дар кишвар мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муносибати сиёсии таҳлили бисёрҳизбӣ ҳамчун омили асосии демократикунонии ҷомеа зоҳир мегардад. Навгонии мушаххаси таҳқиқ дар ҷанбаҳои зерин ифода гардидааст:

- ба таври маҷмӯавӣ ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди асосии амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, муаллиф назари худро нисбати масъала мушаххасан муайян намудааст, таснифоти бисёрҳизбиро ҳамчун омили таҳким ва навсозии ҳокимияти сиёсӣ дар заминаи таҳлили донишҳои назариявӣ ва амалияи сиёсии муосир пешниҳод намудааст;

- бо баррасӣ ва таҳлили вазифа ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа нақш ва мақоми низоми бисрҳизбӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, дар таҳким ва рушди демократия, дар раванди амалишавии ҳокимияти сиёсӣ, дар намояндагӣ ва ҳифзи манфиат ва талаботҳои мухталифи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ошкор ва мавриди таҳлили қарор дода шудааст;

- хусусиятҳо ва нақши ҳамкориҳои низоми бисёрҳизбӣ бо ҷанбаҳои мухталифи идоракунии сиёсии демократӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, муаллиф назари хешро нисбати масъалаҳои гуногуни равиши мазкур иброз намудааст;

- ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта, заминаҳои асосии он дар солҳои охири мавҷудияти давлати советӣ натиҷагирӣ гардида, дар асоси хусусият ва таркиби ҳизбӣ

фаҳми хосаи марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбиро дар Тоҷикистон пешниҳод намудааст;

- миёнаравии ҳизбҳои сиёсӣ байни ҳукумат ва ҷомеа мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта, масъалаҳои мухталифи фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар асоси санадҳои амалкунанда ошкор гардидаанд;

- дар асоси хулосагирии раванду ҳодисаҳои муосир муаллиф инкишофи бисёрҳизбӣ ва дурнамои онро барои Тоҷикистон мавриди таҳлил ва натиҷагириҳо қарор додааст. Рушди бисёрҳизбӣ на аз афзудани шумораи ҳизбҳои сиёсӣ, балки аз такмили идоракунии сиёсии ҷомеа, таъмини шароит ва имконияти баробар барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ вобаста аст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- бисёрҳизбӣ бо мавҷудияти якчанд ҳизби сиёсӣ дар низоми сиёсии идоракунии ҷомеа, ки дар раванди муборизаи рақобатнок ба вазъияти ҷомеа таъсир мерасонанд, тавсиф карда мешавад. Бисёрҳизбӣ на танҳо арҷгузории анъанаҳо, балки талаботи ҷиддии амалияи сиёсӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз бо кумаки гуногунии ҳизбҳо ивазнамоии демократии ҳокимият, рушди давлат на бо роҳи инқилобӣ, балки бо роҳи таҳаввулотӣ таъмин карда мешавад. Дар низоми бисёрҳизбӣ ҳизбҳои оппозитсионӣ низ амал менамоянд, ки имконияти танқиди созанда, нишон додани камбудӣ ва номуваффақии ҳизби ҳукмронро таъмин менамоянд. Албатта, чунин ҳолат боиси беҳтар гардидани идоракунии давлатӣ гардида, дар самти ташаккули монополияи ҳокимият монеаҳо эҷод менамояд. Ба туфайли фаъолияти миқдори зиёди ҳизбҳо, ки дорои барномаҳои  воқеӣ ва амалишаванда мебошанд, ва дар ҳаёти сиёсӣ фаъолона ширкат менамоянд, рушди демократия, шаффофияти ҳокимият, васеъгардии ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин мешавад;

- мақом ва нақши низоми бисёрҳизбӣ дар низоми сиёсии ҷомеа аз вазифаҳои умумии ҳизбҳо бармеояд. Нақш ва аҳамияти ҳизбҳои сиёсӣ

дар ҷомеаҳое, ки дар сатҳҳои мухталифи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, анъанаҳои мушаххаси таърихӣ ва миллӣ қарор доранд, ягона нест. Вазифаҳои умумии ҳизбҳои сиёсӣ ба мувофиқнамоии манфиатҳо ва талаботи мухталифи гурӯҳҳо ва афрод, амалисозии барномаҳо, талаботҳо, таъмини намояндагиҳои иҷтимоӣ, истифода ва ҷорӣ намудани қоидаҳои ҳамкориҳои ниҳодҳои сиёсӣ асос ёфтаанд;

- дар омӯзиш ва таҳлили ҳамкориҳои бисёрҳизбӣ бо ҷанбаҳои мухталифи низоми демократӣ ба ҷиҳатҳои зерин диққат дода мешавад: алоқамандии ташаккули бисёрҳизбӣ ва принсипҳои демократии ташкили ҳокимияти давлатӣ; бисёрҳизбӣ ва принсипи плюрализми сиёсӣ; бисёрҳизбӣ ва рақобатнокӣ дар низоми сиёсӣ; бисёрҳизбӣ ва муаррифии манфиатҳо, аз ҷумла манфиати ақаллиятҳо; бисёрҳизбӣ ва рушди ниҳоди намояндагӣ (парламентаризм), ки унсури муҳимми демократия мебошад; низоми бисёрҳизбӣ ва тақвияти низоми интихоботӣ; нақши низоми бисёрҳизбӣ дар рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; низоми бисёрҳизбӣ ва шаффофият; низоми бисёрҳизбӣ ва таъмини тавозуни ҳокимият; низоми бисёрҳизбӣ ва рушди оппозитсияи сиёсӣ;

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули бисёрҳизбӣ бо амалинамоии сиёсати "бозсозӣ" оғоз гардида, пас аз соҳибистиқлол гардидан заминаҳои воқеии инкишофи он таъмин гардид. Лекин, ҷанги шаҳрвандӣ ба инкишофи бисёрҳизбӣ таъсири манфӣ расонид. Новобаста аз ин, солҳои 1994-98 дар кишвар ҳизбҳои нав пайдо шуданд, ки ба раванди сиёсӣ таъсири амиқ мерасонанд. Дар шароити имрӯза, ба мавҷудияти зиёди ҳизбҳо нигоҳ накарда, ташаккули низоми бисёрҳизбӣ ба охир нарасидааст;

- муносибати мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ, вақте ки ҳизбҳо дар сатҳи конститутсионӣ эътироф гардиданд, тағйироти ҷиддӣ пайдо намуд. Дар конститутсияхои аксари давлатҳо тартиби иштироки ҳизбҳо дар ташкили мақомотҳои мухталифи идоракунии давлатӣ расмият ёфтааст. Дар давлати демократӣ ҳизбҳо

вазифаҳои гуногунро иҷро намуда, бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд. Назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти хокимияти давлатӣ ахамияти махсус дорад. Аммо дахолати ҳизбҳо ва намояндагии манфиатҳо ба амалӣ гардондани ҳокимият қобили қабул нест. Он боиси оқибатҳои манфӣ барои давлат ва ҷомеа мегардад;

- дар шароити имрӯза дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми бисёрҳизбӣ проблемаҳои муайян, шароит ва имконияти нобаробар мавҷуд аст, ки то андозае ба ғайрисамаранок гардидани низоми бисёрҳизбӣ оварда мерасонад. Дурнамои инкишофи низоми бисрҳизбӣ дар Тоҷикистон маҳз аз бартараф намудани ин масъалаҳо, такмили қонунгузорӣ ва таъмини шароит ва имконияти баробар барои ҳизбҳои сиёсӣ вобаста аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқотҳои назариявии муҳаққиқони мухталифи ватанӣ ва хориҷӣ мавриди гардиши илмӣ қарор гирифтаанд. Дар асоси чунин тарзи муносибат муаллиф таҳлил ва баррасии назария, хулосаҳои нав, тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст. Онҳоро метавон бо мақсадҳои таълимӣ ва дар фаъолияти мақомоту идораҳои давлатӣ, ки ба масъалаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, равандҳои демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ сарукор доранд, мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур инчунин барои дарки ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳодҳои асосии демократикунонӣ, бисёрҳизбӣ, пешниҳод ва ҳифзи манфиат ва талаботҳои мухталифи умумиятҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дақиқӣ ва саҳеҳии махдумот, кифоя будани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса

ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими рушди равандҳои демократӣ дар Тоҷикистони муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти тӯлонии муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, биснес ва сиёсат мавриди муҳокима қарор гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотии он пазируфта гардидааст. Рисолаи илмии мазкур ҳамчун кори илмии аслӣ баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА. 001тавсия гардидааст.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи илмӣ – амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон тахти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ" (21-24 апрели соли 2020, Хуҷанд); конференсияи илмӣ-байналмилалӣ таҳти унвони "Масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замони

муосир” (Душанбе, 2020); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ тахти унвони “СҲШ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: 20 соли фаъолияти самарабахш ва дурнамо” (Хуҷанд, 2021); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ таҳти унвони “Консепсияи миллии тарбия - асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор” (Хуҷанд, 2021) дар шакли маърӯзаҳо пешниҳод гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар чаҳор мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза ироа карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аст.

# БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ПАЖӮҲИШИ БИСЁРҲИЗБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

## 1.1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ НИЗОМИ БИСЁРҲИЗБӢ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ БУНЁДӢ ВА НАВСОЗИИ ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ

Дар шароити муосир масъалаи бисёрҳизбӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун ниҳоди ташаккул ва барқарорсозии ҳокимияти сиёсӣ, танзимкунандаи муносибати байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчун омили асосии равандҳои демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ баромад менамояд. Аз тарафи дигар, мавҷудияти бисёрҳизбӣ боиси пайдо гардидани гурӯҳҳои мухталиф мегардад, ки бо якдигар барои амалӣ намудани ҳокимият мухолифат ё рақобат карда, метавонанд ба шиддатнок гардидани вазъияти сиёсӣ мусоидат намоянд. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза баррасии илмии бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди ташаккулдиҳанда ва барқарорсозандаи ҳокимияти сиёсӣ аҳаммияти илмӣ ва амалиро касб намудааст.

Бисёрҳизбӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ имконияти озоди худтасдиқнамоӣ ва худифоданамоӣ, назорати фаъолияти якдигар, баробарӣ дар назди қонун, роҳ надодан ба монополияи як нерӯи сиёсиро пешниҳод менамояд. Дар доираи низоми бисёрҳизбӣ саҳнаи асосии рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ интихоботи парламентӣ ба ҳисоб меравад.

Ба хотири муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди ташаккулдиҳанда ва барқарорсозандаи ҳокимияти сиёсӣ, пеш аз ҳама, зарур аст, ки моҳият ва хусусиятҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ ошкор ва мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Ҳизбҳои сиёсӣ қисми ҷудонопазири низоми сиёсии ҷомеаи муосири демократӣ ба ҳисоб мераванд. Пайдоиши шаклҳои аввалини ҳизбҳои сиёсии муосир ҳанӯз дар Юнони Қадим оғоз гардидааст, ки бо мақсади

дастгирии сиёсатмадори муайян ва пешниҳоди номзадӣ ба сохтори ҳокимият, ба таври стихиявӣ гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ таъсис меёфтанд. Лекин пайдоиши аввалин ҳизбҳои сиёсӣ дар фаҳмиши классикӣ дар Амрико, Британияи Кабир, Фаронса, Олмон дар солҳои 1830-1860 пайдо шудаанд. Аллакай дар охири асри XIX созмонҳои ҳизбӣ дар тамоми кишварҳои Аврупои Ғарбӣ фаъолият доштанд, дар солҳои 50-уми асри XX бошад, ҳизбҳои сиёсӣ падидаи умумиэътирофгардида ва умумиҷаҳонӣ гардиданд. [1]

Раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ тулонӣ ва мураккаб буд ва сатҳи ибтидоии муборизаи пайравони самтҳои мухталифи давлатдории навинро таҷассум мекард. Пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ бо шикасти авторитаризм ва маҳдудгардии монархияи мутлақ, ташаккули буржуазия ҳамчун синф, рушди ҳаракати коргарӣ, афзоиши моҷароҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва намояндагони буржуазия ва аъёну ашроф, паҳншавӣ ва тавсеаи ҳуқуқи интихоботӣ, фаъолгардии мақомоти ҳокимият, пайдоиши муборизаи рақобатноки ғоявӣ ва сиёсӣ алоқаманд карда мешавад.[2]

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои аввали пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ муносибати аҳолӣ ба онҳо бештар хусусияти манфӣ дошт, зеро онҳо ҷомеаро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, сарчашмаи моҷарои манфиатҳои муайяни гурӯҳӣ гардида буданд. Бо мурури замон тақсимбандии иҷтимоии ҷомеа ба тағйирпазирии вазифаи ибтидоии ҳизб ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои умумиллӣ мусоидат намуда, ҳизбро ба воситаи легитимии ҳимояи манфиатҳо мубаддал гардонид.

Хусусияти фарқкунандаи ҳизбҳо дар марҳилаи аввали пайдоиш дар таъсиррасонии тӯлонии сиёсиву идеологӣ ба ҷомеа, ҷалби миқдори ҳарчи бештари намояндагони содиқ, самтгирии дақиқ дар мубориза барои бадастории ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардид. Дар ин марҳила

[1] Ниг.: Котляров И.В. Феномен многопартийности в современном белорусском обществе. –Минск, 2009. –С. 54.
[2] Ниг.: Бирюков С. В., Барсуков А. М. Этнорегиональные партии как фактор демократизации общеевропейского политического процесса // Регионология. 2010. № 4. С. 17–27.

фаъолияти ҳизбҳо бо маъракаҳои интихоботӣ қонунӣ гардонида мешуд, мақомоти доимамалкунанда дар сатҳи маҳаллӣ вуҷуд надошт. Дар заминаи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, механизми иштироки онҳо дар муборизаи сиёсӣ такмил ёфтанд. Бо гузашти вақти муайян ҳизбҳо шаклҳои бенизом ва стихиявии фаъолнокии ҷамъиятиро бо сохтори дақиқи муташаккили дорои маркази муайяни сиёсӣ иваз намуданд.

Дар шароити имрӯза ҳизбҳо яке аз ниҳодҳои муҳимми ҷомеа ба ҳисоб мераванд, ки интиқоли легитимӣ ва осоиштаи ваколатҳои ҳокимиятӣ, сафарбарнамоии сиёсии оммаи мардум, қонунигардонии режимҳои сиёсии мавҷударо таъмин мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ифодакунандаи манфиат ва талаботи гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ба коркарди мақсадҳо, самтҳои рушди низоми сиёсӣ, рушди иҷтимоии ҷомеаи давлати рушдкардаи демократӣ таъсир мерасонанд. Фарқи онҳо дар мавҷудияти дастгоҳи ҳизбӣ ва сиёсатмадорони касбӣ, инчунин, фарогирии оммавии иштироки сиёсӣ зоҳир мегардад.

Ҳизби сиёсӣ ташкилоти ҳамфикрон аст, ки манфиатҳои шаҳрвандон, гурӯҳҳо ва синфҳои иҷтимоиро ифода менамояд. Мақсади асосии ҳизбҳо бадастории ҳокимияти давлатӣ ё иштирок дар амалигардонии ҳокимият буда, тариқи ҳокимият  манфиат ва талаботи шаҳрвандон ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоиро амалӣ мекунанд. Дар бобати тавсифи ҳизбҳо муносибатҳои мухталиф мавҷуданд, ки дар доираи онҳо ҳизби сиёсӣ ҳамчун гурӯҳи одамон, ки дар асоси идеологияи муайян муттаҳид гардидаанд, ҳамчун ифодакунандаи манфиат ва талаботи синфи муайян аст, ҳамчун ташкилот дар низоми давлат муайян карда шудаанд.[1]

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза тавсифи мухталифи ҳизбҳо пешниҳод гардидааст, ки бо назардошти

---

[1]Ниг.: Политические партии. Политологический словарь-справочник / под ред. Г.В. Полуниной. - М., 1996. –С. 91-92.

ҷанбаҳо ва аломатҳои мухталифи онҳо сурат гирифтанд. П.А.Берлин ҳизбро ҳамчун “ташкилоти озоди оммаи мардум барои бадастории мақсади муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ” маънидод кардааст.[1] Зикр намудан зарур аст, ки таърифи мазкур хеле васеъ буда, метавонад иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракату созмонҳои мухталифро низ фарогир бошад. Лекин бадастории мақсадҳои сиёсӣ танҳо хоси ҳизбҳои сиёсӣ аст.

Д.Сартори ҳизби сиёсиро ҳамчун гурӯҳи сиёсӣ, ки дар гузаронидани интихобот фаъолона иштирок менамояд ва бо шаҳодати ин дорои имконияти ворид намудани номзадҳои худ ба муассисаҳои давлатӣ мебошад, тавсиф кардааст.[2] Дар таърифи мазкур ҷанбаи муҳимми фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ – иштироки ҳатмии онҳо дар интихобот таъкид шудааст. Маҳз бо ин хусусияти худ ҳизбҳои сиёсӣ аз созмонҳои ҷамъиятӣ тафовут доранд.

К.Лоусон бошад, дар таърифи худ ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ – амалигардонии ҳокимият дар давлат такя кардааст: “Ҳизби сиёсӣ ин ташкилоти афрод аст, ки тариқи интихобот ё ба ғайр аз интихобот, бо идома додани ваколати халқ ё қисме аз он кӯшиш мекунад, то ки ҳукмронии сиёсиро амалӣ намояд.”[3]

К.Маркс шарҳи зерини ҳизби сиёсиро пешниҳод кардааст: “Ташкилоти сиёсӣ ва идеологии синфи муайян ва гурӯҳи иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи интихобот ё бо роҳҳои дигар мақсади бадастории ҳокимияти давлатӣ ё нигоҳ доштани онро барои амалигардонии манфиатҳои худ, пеш аз ҳама, манфиатҳои синфӣ дорад”.[4] Дар таърифи мазкур таркиби синфии ҳизбҳо пайгирӣ карда мешавад, ки ифодагари ирода ва манфиати синфи ҳукмрон ба ҳисоб меравад.

---

[1] Ниг.: Джанда К. Сравнение политических партий: исследования и теория // Современная сравнительная политология. М., 1997. -С.84.
[2] Ниг.: Михельс Р. Социология политических партий в условиях демократии: Главы из книги // Диалог. 1990. № 3. –С. 84.
[3] Зульцбах В. Основы образования политических партий. М., 2006. С. 17–61
[4] Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 22. -С.435.

М.Дюверже, сиёсатшиноси фаронсавӣ ҳизби сиёсиро ҳамчун ташкилоте, ки дар доираи низоми давлатӣ амал менамояд, тавсиф кардааст.[1] Чунин муносибат ба ҳизб ба ҷараёне оғоз бахшидааст, ки дар мутлақгардонии ҷанбаҳои ниҳодии фаъолияти ҳизбҳо асос меёбад. Муносибати ниҳодӣ барои дарки аҳаммияти муташаккилии гурӯҳҳои бузурги иҷтимоӣ дар мубориза барои ҳокимият ва таъсиррасонӣ ба ҳокимият муҳим аст. Ҳизбҳои сиёсӣ падидаи гуногунҷабҳа мебошанд, ки дар онҳо масъалаи ташкилнамоӣ бо масъалаҳои идеология, доктринаҳо, барномаҳо, таъсиррасонӣ ба афкори умум алоқаманд мебошад.

Дар як қатор ҷараёнҳои ниҳодӣ масъалаҳои ташкилнамоӣ бо самтгирӣ ба иштирок дар маъракаҳои интихоботӣ дар мубориза барои ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мебошанд.[2] Дар чунин ҳолат унсурҳо ва вазифаҳои сохтори ҳизбҳо, ки ба иштирок дар интихобот равона гардидаанд, аҳаммияти илмӣ пайдо мекунанд. Ҷанбаи ниҳодӣ соҳаи муҳим мебошад, ки дар амалия алоқамандии тамоми унсурҳои низоми сиёсии ҷомеаро таъмин менамояд. Ташаккул ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа аз воситаҳои режими сиёсӣ, ки дар ҳаёти сиёсии кишвар ҳукмронӣ мекунад, вобаста аст.

Муносибати идеологӣ ҳизбро ҳамчун гурӯҳи одамон бо умумияти идеология муайян менамояд. Маҳз идеология омили муҳимми фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як идеология таҷассуми ҳастии ҷамъиятӣ, маҷмуи мақсад ва муқаррароти доираи муайяни одамон ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи идеологӣ рамзи муайяни ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми сиёсии ҷомеа маҳсуб мегардад. Идеология ҳамчун маҷмуи ғоя ва назарҳо, ки манфиати доира ва қишрҳои муайяни ҷомеаро пешниҳод мекунад, дар як ҳолат ҳамчун ҳимоятгари ин манфиатҳо баромад

[1] Ниг.: Дюверже, М. Политические партии / М. Дюверже; пер. с франц. - М.: Академический Проект, 2000. –С. 78.
[2]Ниг.: Купряшин Л.Г. Государственное управление посредством институциональных изменений / Г.Л. Купряшин //Политические исследования. - 2012. -№6. -С. 112-125.

менамояд.[1] Манфиатҳо, ки ҳамчун воситаҳои асосии муттаҳидшавии одамон хизмат мекунанд, асоси ҳар як идеологияро ташкил мекунанд. Аҳаммияти ҳар як идеология дар ҳамон ҳолат меафзояд, ки бо воқеият наздик бошад, ба таври пурра ва дақиқ онро таҷассум намояд, дастоварди оммаи мардум бошад. Маҳз дар чунин маврид идеология ба ҳайси омили муайянкунандаи пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ баромад менамояд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таърифҳо ва муносибатҳои зикргардида метавон чунин таърифи ҳизбро пешниҳод намуд: ҳизби сиёсӣ ташкилоти муайяни одамон аст, ки дар асоси идеология муттаҳид гардида, дорои мақсад ва вазифаҳои умумӣ мебошад. Он ҳамчун ҳалқаи пайвасткунандаи давлат ва ҷомеа баромад намуда, вазифаи пешбарии ғоя ва талаботи шаҳрвандонро иҷро менамояд.

Нақш ва мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаҳое, ки дар сатҳҳои мухталифи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор доранд ва дорои, анъанаҳои мушаххаси таърихӣ ва миллӣ мебошанд, албатта, гуногун аст. Лекин метавон як қатор ҷанбаҳо ва вазифаҳои умумии ҳизбҳоро ҷудо намуд. Яке аз вазифаҳои муҳимми ҳизбҳо мувофиқа ва ҷамъбастнамоии манфиатҳо ва талаботи мухталиф гурӯҳҳо ва афрод ба ҳисоб меравад. Сипас, ин манфиатҳо дар барнома, талабот, шиорҳо таҷассум гардида, то ба сохторҳои ҳокимият расонида мешаванд. Ин вазифа вазифаи намояндагии ҳизбҳои сиёсӣ шуморида мешавад. Илова бар ин, ҳизбҳо метавонанд бо иштирок дар коркард, истифода ва ҷорӣ намудани қоидаҳои ҳамкории ниҳодҳои сиёсӣ, тобеъ ё назорат кардани мақомоти ҳокимият вазифаи "ҳукуматӣ"-ро иҷро кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ иродаи оммаи мардум, ва манфиати гурӯҳҳои иҷтимоиро ифода ва намояндагӣ намуда, онҳоро то ба мақомотҳои ҳокимиятӣ мерасонанд ва бо ин васила вазифаи коммуникативиро иҷро мекунанд, яъне ҳизбҳои сиёсӣ алоқаи мутақобилаи ҳокимият ва ҷомеаро таъмин менамоянд.

[1] Ниг.: Котляров И. В. Социология политических партий. - Минск: Белорусская наука, 2011. 388 с.

Арзишҳо ва қолабҳои муайяни рафторро ташвиқ карда, ҳизбҳои сиёсӣ вазифаи иҷтимоишавиро иҷро менамоянд, ки дар доираи он интиқоли таҷрибаи сиёсӣ, анъанаҳо ва фарҳанг ба наслҳои минбаъда сурат мегирад. Дар охир, номзадҳои беҳтаринро ба мансабҳои роҳбарикунанда интихоб карда, ҳизбҳо ба беҳтар гардидани сифати таркиби элита мусоидат менамоянд.[1]

Дар марҳилаи инқилобҳои буржуазии асрҳои XVII–XVIII намунаҳои ҳизбҳои муосир пайдо шуданд, ки теъдоди азоёнашон кам, яъне элитарӣ буда, танҳо дар парламент фаъолият мебурданд. Лекин, рушди интихобот дар охири асри Х1Х, гузаронидани маъракаҳои оммавии интихоботӣ ба пайдоиши ҳизбҳои оммавӣ бо тартиби муайяни узвият, сохтори ташкилӣ ва танзими меъёрӣ мусоидат карданд. “Умуман, рушди ҳизбҳои сиёсӣ бо рушди демократия, яъне бо васеъгардии изҳори иродаи халқ ва ҳуқуқи парламентҳо алоқаманд аст. Чӣ қадаре, ки вазифа ва мустақилияти ассамблеяҳои сиёсӣ афзояд, то ҳамон андоза аъзоёни он талаботро ба муттаҳидшавӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои қавмӣ эҳсос менамоянд, ки барои фаъолияти муташаккил зарур аст. Чӣ қадаре, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ васеъ гардад ва миқдори овоздиҳандагон зиёд шавад, ҳамон қадар ташкили интихобкунандагон бо ёрии кумитаҳо, ки метавонанд интихобкунандагонробо номзадҳо шинос намуда, овози онҳоро ба манфиати номзадони мазкур ҷалб намоянд, зарур мегардад”.[2]

Нақши муосири ҳизбҳои сиёсиро тавсиф намуда, метавон ба тарҳи ҳизбӣ, ки аз тарафи сиёсатшиноси америкоӣ К.Лоусон пешниҳод гардидааст, таваҷҷуҳ намуд. К. Лоусон зарурати мавҷудияти ҳизбҳои сиёсиро дар ҷаҳони муосир, нақши “миёнаравӣ”-и онҳоро байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат баррасӣ намуда, чунин нақшҳои ҳизбҳои сиёсиро муайян кардааст:

---

[1] Ниг.: Дюверже, М. Политические партии / М. Дюверже; пер. с франц. - М.: Академический Проект, 2000. –С. 78.

[2] Дюверже М. Политические партии / пер. с фр. М., 2000. С. 22.

-ниҳодҳо, ки тариқи онҳо шаҳрвандон дар идоракунии ҳукумат иштирок менамоянд;

-ниҳодҳо, ки ба инобат гирифтани манфиат ва талаботи интихобкунандагони одиро аз тарафи ҳукумат кафолат медиҳанд;

-воситаи ивазнамоии тарафайни овозҳо ва дастгириву ҳамоҳангсозии фаъолият мебошанд;

- фишангҳо, ки онҳоро сохторҳои ҳокимиятӣ бо мақсади назорати маҷбурии субъектҳои худ истифода мебаранд.[1]

Ҳамин тариқ, метавон зикр  намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи муосир нақши миёнаравро иҷро карда, ирода, манфиат ва талаботи гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоиро ба сохторҳои ҳокимият расонида, баҳри амалӣ гардидани онҳо кӯшиш менамоянд.

Хусусиятҳои низоми муосири сиёсиро ба риштаи таҳлил кашида, метавон зикр  намуд, ки дар натиҷаи таҳаввулоти он механизми фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, нақш ва мақоми онҳо дар раванди сиёсии муосир тағйир ёфтааст. Аз як тараф, ҳизбҳо унсури зарурӣ ва эътирофшудаи ҷомеа дар самти қонунӣ намудани ҳокимият мегардида, аз тарафи дигар, дар алоқамандӣ бо тағйирпазирии муносибатҳои ҷамъиятӣ, нақш ва таъсири онҳо дар баробари ниҳодҳои дигари анъанавии намояндагии сиёсӣ дар ҷомеаи муосири пасосаноатӣ босуръат коҳиш меёбад.

Бо вуҷуди зуҳуроти бӯҳронӣ дар фаъолияти ҳизбҳо ва низоми ҳизбӣ, ҳизбҳои сиёсӣ худро ҳамчун ниҳоди муҳимми ҷамъиятӣ-сиёсӣ нигоҳ медоранд.  Ин нукта аз устуворӣ ва қобили фаъолият будани онҳо шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, якчанд ҷанбаҳо ба фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми бисёрҳизбӣ мусоидат мекунад:

-то ба имрӯз дар ҳеҷ давлат ҳизбҳо худ ба худ аз байн нарафтаанд, яъне ҳизбҳои сиёсӣ дар идома додани фаъолияти худ манфиати муайян доранд;

---

[1] Lawson K. Political Parties and Democracy. California, 2010. P. 33.

-дар марҳилаи гузариш дар кишварҳои мухталиф миқдори ҳизбҳои сиёсӣ ба маротиб боло меравад, ки шаҳодати ба ҳизбҳо вогузор намудани ҳалли масъалаҳои мухталиф дар ин марҳила мебошад;

- дар кишварҳое, ки бисёрҳизбии анъанавӣ муддати тулонӣ вуҷуд дорад, нақши муҳимми ҳизбҳоро дар механизми давлатӣ ва амалинамоии ҳокимият идрок намуда, аз ин хотир барои танзими ҳуқуқии ниҳодигардии онҳо ва танзими фаъолияти онҳо чораҳои зарурӣ андешидаанд.[1]

Ҳамин тариқ, зикр кардан зарур аст, ки ба коҳиши нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити муосир нигоҳ накарда, фаъолияти онҳо дар доираи стандартҳои демократӣ яке аз аломатҳои фаъолияти ҷомеа ва кафолати муваффақияти давлати рушдкардаи демократӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҳизбҳои сиёсӣ зарур аст, ки бо коркарди механизмҳои нав, такмили механизмҳо ва вазифаҳои мавҷуда муносибатро ба интихобкунандагони худ беҳтар кунанд, манфиат ва талаботи ҷомеаи шаҳрвандиро ба давлат расонанд ва бо ин васила вазифаҳои муттаҳиднамоии хешро дар ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин намоянд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҷаҳони сиёсатро дигаргун намуда, имконияти нави таъсиррасонии шаҳрвандонро ба ҳокимият ба миён оварданд. То пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқи интихоботӣ бо анҷоми интихобот ба итмом мерасид, номзади интихобгардида ба хоҳиши интихобкунандагони худ тобеъ намегардид. Чунин номзади ғолибгардида танҳо намояндаи ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Бо пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ намояндаи интихобгардида хоҳиши худро ба ҳизб месупорад ва ба дастгирии он такя менамояд. Бо назардошти он, ки ҳизбҳо муташаккил буда, фаъолияти онҳо дар самти масъалаҳои сафаркунии афкори умум, намояндагӣ ва амалигардонии манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ самаранок аст, дар ҷаҳон дар муборизаи сиёсӣ беҳтар аз ҳизб ниҳоде вуҷуд надорад.

[1] Ниг.: Швейцер В.Я. Многопартийность: перемены на западном фронте. С.61.

Вобаста ба мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми сиёсӣ, инчунин хусусияти ҳамкории байни онҳо ва “навъи” худи ҳизбҳо дар ҳар як кишвари алоҳида ҷойгиршавии махсуси онҳо, яъне низоми ҳизбӣ ташаккул меёбад. Байни ҳизбҳои сиёсӣ дар натиҷаи фаъолияти онҳо алоқа ва муносибатҳои устувор пайдо мешаванд. Маҷмуи ҳизбҳои қонунан амалкунанда дар кишвар, муносибат ва алоқаи байни онҳо низоми ҳизбиро ташкил мекунад.[1]

Низоми ҳизбӣ маҷмуи ҳизбҳои сиёсӣ ва алоқаи мутақобилаи байни онҳо мебошад, ки дар асоси қоида ва қонунҳои муайян ба роҳ монда шудааст. Низоми ҳизбӣ механизми ҳамкорӣ ва рақобати ҳизбҳо дар мубориза барои ба даст овардани ҳокимият буда, ҳамон ниҳоди фазои сиёсӣ аст, ки ҷомеа ва ҳокимиятро алоқаманд менамояд, бевосита ба рушди иштироки сиёсии шаҳрвандон ва мутобиқан иҷтимоишавии сиёсии онҳо мусоидат мекунад. Хусусиятҳои низоми ҳизбӣ, аз бисёр ҷиҳат, хусусияти фаъолияти тамоми низоми сиёсиро муайян менамояд. Сатҳи рушди ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми сатҳи таҳкими демократия дар ҷомеаҳои муосир ба ҳисоб меравад.[2]

Низоми ҳизбӣ тарҳи такроршавандаи ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ дар саҳнаи интихоботӣ ва саҳнаҳои дигари сиёсӣ – ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти низоми ҳизбӣ танҳо бо мушоҳидаи интихобот ҳамчун ҳодисаи алоҳида ба итмом намерасад. Таҳкими низоми ҳизбӣ дар ҷараёни якчанд марҳилаи интихоботӣ муайян карда мешавад.

Унсури муҳимми низоми сиёсӣ – низоми ҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Низоми ҳизбӣ ин маҷмуи муносибатҳо байни ҳизбҳои сиёсии расман амалкунанда мебошад, зеро низоми бисёрҳизбӣ танзими муносибати

---

[1] Ниг.: Коргунюк Ю.Г. Становление партийной системы современной России. - М.: Фонд ИНДЕМ, Московский городской педагогический университет, 2007. - 544 с.

[2] Ниг.: Голосов Г.В. Форматы партийных систем в новых демократиях: институциональные факторы неустойчивости и фрагментации // Полис. -1998. - № 1.

ҳизбҳои сиёсиро дар соҳаи ҳокимияти сиёсӣ талаб мекунад. Ин муносибатҳо дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

- рақобат дар мубориза барои таъсиррасонии сиёсӣ, барои ҳокимияти сиёсии давлатӣ;

- мухолифат ва бархурд;

- бетарафӣ, бе муташаннич сохтани муносибатҳо;

- фаъолияти якҷоя дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ.[1]

Дар низоми ҳизбӣ мавқеи марказиро ҳамон ҳизбҳои сиёсӣ ишғол менамоянд, ки бевосита имконияти бадастории ҳокимияти сиёсиро дар алоҳидагӣ ё дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои сиёсӣ доранд. Сатҳи камолоти сиёсии гурӯҳҳои гуногун, муносибати онҳо, урфу одатҳои мавҷуда, восита ва роҳҳои ҳукмронӣ ва муборизаи қувваҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ фаъолияти низоми ҳизбиро муайян мекунанд. Ҳангоми ошкор кардани хусусиятҳои фаъолияти низоми ҳизбӣ сохти сиёсии ҷамъият, миқдори қувваҳои сиёсиро, ки дар мамлакат барои ба даст овардани хокимияти сиёсӣ мубориза мебаранд, ба назар гирифтан лозим аст.

Дар доираи таҳқиқоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ масъалаи навъбандии низомҳои ҳизбӣ муҳим аст, ки дар асоси миқдори ҳизбҳои амалкунанда, мавқеи ҳуқуқии онҳо, муносибат ба ҳокимият сурат мегирад. Масалан, А.А.Мишин дар асоси истифодаи нишондиҳандаҳои мухталиф чунин навъҳои низоми бисёрҳизбиро ҷудо намудааст:

-бисёрҳизбӣ бе монополияи ҳизби ҳукмрон;

-бисёрҳизбӣ бо монополияи ҳизби ҳукмрон;

- бисёрҳизбӣ, ки дар он асосан ду ҳизби асосии пешбар фаъолият мекунанд.[2]

---

1 Ниг.: Барабанов М. В. Роль и место политических партий современной России в формировании государственной власти / М.В. Барабанов // Социально-гуманитарное знание. – 2006. – № 5. – С. 330–338.

[2] Ниг.: Мишин А.А. Конституционное право зарубежных стран. 14-е изд., перераб. и доп. М., 2009. С. 48.

Дар навъбандии мазкур нишондиҳандаҳои асосӣ миқдори ҳизбҳои сиёсӣ ва муносибати онҳо ба ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар аксарияти кишварҳои фазои собиқи шӯравӣ, маҳз навъи дуюм – бисёрҳизбӣ бо монополияи ҳокимият аз тарафи ҳизби ҳукмрон мушоҳида карда мешавад. Яъне мавҷудияти миқдори зиёди ҳизбҳои сиёсӣ танҳо хусусияти расмӣ дошта, дар воқеият онҳо дар ҳалли масъалаҳои умумидавлатӣ мавқеъ надоранд.

Дар доираи навъбандии дигар низоми плюралистӣ, низоми дуҳизбӣ, низоми ҳизбии дувунимҳизбӣ ва низоми ҳизбии якунимҳизбиро ҷудо менамоянд.[1] Дар асоси навъбандии мазкур муқаррароте гузошта шудааст, ки ҳар як ҳизби сиёсӣ як навъ марказ ё қутби ҷаззобияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки дар атрофи он нерӯ ва ҳизбҳои сиёсии мухталиф муттаҳид мешаванд. Масалан, агар дар парламент ду ҳизби пурқувват фаъолият дошта бошанд ва ҳеч кадоме аз онҳо бартарӣ надошта бошад, ба хотири ба даст овардани нерӯи ҳалкунанда онҳо бояд ягон ҳизби камтаъсирро, ки дар парламент миқдори муайяни ҷой дорад, ҷалб намоянд. Чунин навъбандӣ ба ошкор намудани ҷойгиршавии сиёсии қувваҳо дар давлат равона карда шудааст.

Илова бар ин, як қатор муаллифон низоми бисёрҳизбӣ бо як ҳизби ҳукмрон, низоми ба таври қонунӣ муқарраргардидаи миқдори ҳизбҳо, ки дар як қатор кишварҳои рушдкунанда мавҷуд аст ва низоми бисёрҳизбӣ, ки дар ҳолати мавҷудияти миқдори зиёди ҳизбҳо танҳо ду ҳизб ҳукуматро ташаккул медиҳанд, зикр кардаанд. Низомҳои якҳизбӣ, асосан ба кишварҳои ғайридемократӣ хос мебошад, ки мавқеи қонунӣ ва ҳуқуқи ташаккули ҳукумат танҳо ба як ҳизб тааллуқ дорад, ки бо роҳи инқилобӣ ҳокимиятро ба даст овардааст. Дар чунин ҳолат эҳтимоли нигоҳ доштани шакли бисёрҳизбӣ мавҷуд аст, ки бо муқаррар намудани

---

[1] Ниг.: Конституционное (государственное право) зарубежных стран: учебник: в 4 т. Т. 1–2: Часть Общая / отв. ред. Б.А. Страшун. 3-е изд., обновл. и дораб. М., 2000. С. 167.

конститутсионии нақши пешбари як ҳизб бартараф карда мешавад, яъне мавҷудияти оппозитсияи воқеӣ манъ карда мешавад.[1]

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки навъбандиҳои мазкур, ба ақидаи мо, ба таври умумӣ нақш ва аҳаммияти бисёрҳизбиро дар давлати алоҳида нишон медиҳад. Зикр намудан зарур аст, ки бисёрҳизбии воқеӣ ва хаёлӣ, ки на дар амалия, балки танҳо дар конститутсия, мавҷуд аст, ҷудо карда мешаванд.

Назарияи низомҳои ҳизбӣ аз назарияи умумии низом, ки асосгузори он Людвиг фон Берталанфи ва таҳлили низоманди ҷомеа, ки дар саргаҳи он Т.Парсонс қарор дорад, сарчашма мегирад. Т.Парсонс сиёсатро яке аз зернизомҳои ҷомеа дониста, вазифаи онро аз бадастории мақсад иборат медонад.[2] Лекин, ба ин нигоҳ накарда, асосгузори воқеии назарияи низомҳои ҳизбӣ М.Дюверже ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти худ М.Дюверже масъалаҳои назарияи низомҳои ҳизбиро ҷудо намудааст: навъбандӣ аз рӯи аломати миқдорӣ (дуҳизбӣ, бисёрҳизбӣ, якҳизбӣ); алоқаи таркиби миқдории низомҳои ҳизбӣ бо формулаи интихоботӣ; мутобиқати низоми якҳизбӣ ва демократия; миқдори ҳизбҳо дар низом ва сиёсати коалитсионии онҳо; ҳизбҳо ва интихобот; ҳизбҳо ва намояндагии афкори умум; ҳизбҳо ва сохтори идоракунӣ; ҳизбҳо ва вазифаи оппозитсия.[3]

Ба фикри инҷониб то ба имрӯз назарияи универсалии низомҳои ҳизбӣ вуҷуд надорад, аз ин хотир назарияи умумӣ ва махсуси низомҳои ҳизбӣ истифода карда мешавад, ки дорои ҷанбаҳои зерин мебошад:

- муайян кардани низомҳои ҳизбӣ, мақом ва нақши онҳо дар ҷомеа;

-шароити ташаккули низомҳои дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ;

-сохтори низомҳои сиёсӣ; навъбандии низомҳои ҳизбӣ;

-алоқамандии низомҳои ҳизбӣ ва интихоботӣ.

---

[1] Ниг.: Комкова Г.Н., Колесников Е.В., Афанасьева О.В. Конституционное право зарубежных стран. 3-е изд. - М., 2013. С. 236.
[2] Ни.г: Парсонс Т. О социальных системах. - М.,2002. –С. 567-568.
[3] Ниг.: Бурдье Л.Социология политики. - М., 1993. -С. 173.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки низомҳои ҳизбӣ аз рӯи миқдори ҳизбҳо ва сифати онҳо ба низомҳои якҳизбӣ, дуҳизбӣ, бисёрҳизбӣ, низом бо ҳизби ҳукмрон ҷудо карда мешаванд. Сохтори низоми ҳизбӣ ва таснифоти функсионалии он аз бисёр ҷиҳат аз навъи режими сиёсӣ вобаста аст. Марбутан ба режими сиёсӣ низомҳои ҳизбии демократӣ, авторитарӣ ва тоталитарӣ ҷудо карда мешаванд.

Оид ба навъбандиҳои низомҳои ҳизбӣ сухан ронда, навъбандии Ҷ.Сарториро махсусан зикр кардан зарур аст, ки он васеъ паҳн гардида, навъбандии нисбан эътирофгардида ба ҳисоб меравад. Навъбандии мазкур дар се замина асос ёфтааст. Якум, мавҷудияти ҳизби аксарият, яъне маҷудияти ҳизб, ки дар парламент 50% ҷамъи як овозро дар даст дорад. Мувофиқи ин нишондиҳанда, низомҳои дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ ҷудо карда мешаванд. Дуюм, масофаи идеологӣ, ки одатан онро қутбият низ меноманд, яъне то кадом андоза ҳизбҳое, ки дар низоми мазкур амал менамоянд, аз рӯи идеология наздиканд. Дар асоси ин нишондиҳанда навъҳои мухталифи бисёрҳизбӣ ҷудо карда мешаванд. Сеюм, иваз намудани якдигар, яъне оё ҳизбҳо якдигарро дар ҳокимият иваз мекунанд? Мувофиқи ин нишондиҳанда ҳизби ҳукмрон ҷудо карда мешавад. Илова бар ин, низом бо ҳизби хукмрон метавонад ҳам дуҳизбӣ ва ҳам бисёрҳизбӣ бошад.[1]

Мақоми низоми ҳизбӣ дар ҷомеа аз ҷойгиршавии ҳизбҳо байни давлат ва ҷомеа, байни давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бармеояд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ дар даромади низоми сиёсии ҷомеа қарор доранд ва вазифаи асосии онҳо қабули иттилоот аз муҳит, яъне ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад, ки дар интизориҳо, ангезаҳо, манфиатҳо, муқарраротҳои идеологӣ ифода мешаванд.[2]

Масъалаҳои махсуси низомҳои сиёсӣ аз равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар равандҳои ҷомеа, ки хусусиятҳои онҳоро таҷассум

---

[1] Ниг.: Sartori, Giovanni. Parties and Party System: A Framework for Analysis. Cambridge: Cambridge University Press. 1976. –P. 43.
[2] Ниг.: Easton D. A system analysis of political life. N.Y., 1965. –P.74.

менамоянд, бармеояд. Ба чунин равандҳо марҳилаҳои таърихӣ, марҳилаҳои даври иқтисодӣ ва сиёсӣ ва дигар ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ ворид карда мешаванд. Ҳамин тариқ, низоми ҳизбӣ аз тағйироту дигаргуниҳо вобаста буда, тавассути низоми интихоботӣ, фаъолнокии аъзоёни ҳизб ва интихобкунандагон, вазъияти умумии ҷомеа бо вазъияти низоми сиёсӣ ва ниҳодҳои асосии он муайян карда мешавад. Дар навбати худ, низоми ҳизбӣ ба сифати нишондиҳандаи ба худ хоси вазъияти ҷомеа баромад мекунад ва оид ба парокандагӣ ё ризоият, якдилӣ, муттаҳидгардӣ ва устувории ҷомеа иттилоъ медиҳад.

Дар солҳои охир парокандашавии низоми ҳизбӣ мушоҳида мерасад, ки моҳияти низоми интихоботӣ ва намояндагии демократиро дигаргун мекунад. Чунин самт метавонад барои низоми идоракунии демократӣ, махсусан, дар шароити иҷрои ғайрифаъоли нақш ва вазифаҳои ҳизбӣ дар муттаҳидкунии манфиат ва пешниҳодоти интихобкунандагон, дар интихобот ғолибиятро ба ҷои аввал гузоштани ҳизбҳо ва оқибатҳои манфӣ оварда расонад.[1] Ҳизбҳои сиёсӣ танҳо бевосита дар давраи маъракаҳои интихоботӣ фаъол гардида, вақти зиёди марҳилаи байниинтихоботӣ дар ҳолати ғайрифаъол қарор доранд. Дар ин марҳила, роҳу ва воситаҳои коммуникатсияи ҳизбӣ бо аҳолӣ қариб, ки аз байн мераванд.[2]

Зикр намудан зарур аст, ки вазифаҳои асосии аз ҷойгиршавии низоми ҳизбӣ бармеояд. Д.Истон зикр менамояд, ки вазифаи асосии низоми ҳизбӣ интиқоли талабот ба низоми сиёсӣ, дастгирии шаҳрвандон ва қабули иттилоот аз ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ҷавоби онро дар қарори ҳокимият таҷассум менамояд, ба ҳисоб меравад.[3]

Г. Алмонд вазифаҳои низоми ҳизбиро чунин арзёбӣ намудааст:

---

[1]Ниг.: Best E. Political Parties, Voters, and Institutions: An Examination of Party System Fragmentation in Advanced Democracies, 1950–2005. Binghamton, 2007. –C. 145-149

[2]Ниг.: Голосов Г.В. Форматы партийных систем в новых демократиях: институциональные факторы неустойчивости и фрагментации // Полис. -1998. - № 1.

[3]Ниг.: Easton D. A system analysis of political life. N.Y., 1965. –P. 74.

- муттаҳид намудани манфиат ва талабот, яъне ба ҳам овардани дархостҳои мухталифи шаҳрвандон, ба инобат гирифтани пайдарпайӣ ва алоқамандии онҳо;

-ташаккул додан ва ифода намудани манфиат ва интизориҳои шаҳрвандон, ба онҳо додани шакли шиорҳои пешазинтихоботӣ, барномаҳо ва лоиҳаҳои сиёсӣ;

-иҷтимоигардонии сиёсӣ, ки раванди шиносоии одамонро ба сиёсат, воридшавии онҳоро ба фазои сиёсӣ, қабул ва азхудкунии арзишҳои сиёсӣ, меъёр ва намунаҳои рафторро пешниҳод менамояд;

-интихоб ва ташаккули элитаи сиёсӣ, омода намудани он дар амалигардонии ҳокимият дар низоми сиёсӣ;

-коммуникатсияи сиёсӣ, ки қабул ва коркард, инчунин интиқол ва паҳн кардани иттилооти сиёсиро байни унсурҳои низоми сиёсӣ пешниҳод менамояд. Илова бар ин, низоми ҳизбӣ бо воситаҳои ахбори умум ҳамкорӣ намуда, ба афкори умум таъсир мерасонад.[1] Нақш ва мақоми низоми ҳизбӣ дар асоси вазифаҳои зикргардида муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, метавон зикр  намуд, ки низоми ҳизбӣ доираи фаъолияти сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ, ки меъёр ва қоидаҳои муайяни бозиро мушаххаси менамояд, ба ҳисоб меравад.

Дар доираи навъбандии низомҳои ҳизбӣ, маҳз низоми  бисёрҳизбӣ мавқеи хоса дорад, ки дар шароити имрӯза васеъ паҳн гардида, муносибати байни ҳокимият ва аҳолиро муайян менамояд. Аксарияти коршиносон зикр  менамоянд, ки бунёди давлати муосири демократии ҳуқуқӣ бо монополияи мутлақи тамоми низоми сиёсӣ аз тарафи як ҳизби сиёсӣ ғайриимкон аст. Аз ин хотир, дар шароити таъмини устувори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва самаранокии рушди ҷамъиятӣ афзалият ба тарҳи низоми  сиёсии дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ дода мешавад. Мисолҳои дақиқи бисёрҳизбӣ давлатҳои аврупоӣ ба ҳисоб меравtotal, ки фарқҳои иҷтимоӣ-

[1] Ниг.: Алмонд Г., Пауэлл Дж., Стром К., Далтон Р.Сравнительная политология сегодня. Мировой обзор. Учеб. пособие. М., 2002. –С. 81-82.

иқтисодӣ, динӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва дигар тафовутҳо боиси мухталифияти ҳизбӣ гардидаанд. Масалан, дар Олмон, Британияи Кабир, Италия, Норвегия зиёда аз 20 ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шудааст. Фаъолияти чунин миқдори ҳизбҳои сиёсӣ аз мавҷудияти базаи оммавӣ ва иҷтимоии ҳизбҳо шаҳодат медиҳад, ки хусусияти он дар гуногунии иҷтимоиву сиёсии ҷомеа таҷассум мегардад.

Дар шароити муосир ҳизбҳои сиёсӣ дар давлатҳои демократӣ як навъ механизми алоқаи байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои давлатӣ, назорати мақомоти давлатӣ аз ҷониби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар чунин ҳолат ташаккули низоми ҳизбӣ, ки дар муборизаи рақобатноки қонунӣ барои ҳокимияти сиёсӣ асос ёфтааст, бо рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, манфиатҳои устувори гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ алоқаманд аст. Намояндагии манфиатҳои аҳолӣ тариқи муттаҳид намудани манфиати интихобкунандагон, фишороварии шаклҳои мухталиф ба ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди коркард ва қабули қарорҳои сиёсӣ амалӣ карда мешавад.[1]

Бисёрҳизбӣ, инчунин, бо мавҷудияти якчанд ҳизби сиёсӣ дар низоми сиёсии давлат, ки дар раванди муборизаи рақобатнок ба якдигар ва ба вазъияти ҷомеа таъсир мерасонанд, тавсиф карда мешавад. Дар аксарияти кишварҳо бисёрҳизбӣ на танҳо арҷгузорӣ ба анъанаҳо, балки талаботи фаврии амалияи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз бо кумаки гуногунии ҳизбҳо ивазкардани демократии ҳокимият, рушди давлат на бо роҳи инқилобӣ, балки бо роҳи таҳаввулотӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, дар ҳолати бисёрҳизбии воқеӣ як қатор ҳизбҳо ба таври ҳатмӣ ҳизбҳои оппозитсионӣ мегарданд, ки имконияти танқиди созанда, нишон додани камбудӣ ва номуваффақии ҳизби ҳукмронро таъмин менамояд. Албатта, чунин ҳолат боиси беҳтар гардидани вазъ дар давлат

[1] Ниг.: Алисова Л.Н. Партийная система // Политическая энциклопедия в 2 т.: том 2. - Национальный общественно - научный фонд, 1999. - 191 с.

гардида, дар самти ташаккули монополияи ҳокимият монеаҳо эҷод менамояд.

Агар дар ҳаёти сиёсии давлат миқдори зиёди ҳизбҳо, ки дорои барномаҳои воқеӣ ва татбиқпазир мебошанд, фаъолона ширкат намоянд, рушди демократия, шаффофияти ҳокимият, тавсеаи ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин карда мешавад. Миқдори матлуби ҳизбҳо дар ҳар як давлат гуногун аст, лекин шумораи зиёди ҳизбҳо аҳаммияти ҳалкунанда надорад. Мавқеи воқеии ҳизбҳо, таъсиррасонии онҳо ба якдигар ва ба давлат, имконияти воридшавӣ ба коалитсия ё бунёди блокҳои интихоботӣ, иштироки фаъол дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии давлат аҳаммияти бештарро соҳибанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ навъи махсуси иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравaнд, ки дорои заминаи идеологии худ буда, ба ташаккули иродаи сиёсии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоии шаҳрвандон тариқи таъмини намояндагии сиёсӣ дар мақомоти ҳокимият бо роҳи интихобот мусоидат менамоянд. Чунин тавсифи ҳизб хеле муҳим аст, зеро маҳз он омиле ба ҳисоб меравад, ки интихобкунандагонро ҷалб намуда, ба пешравӣ ва ба ҳокимият воридшавии ҳизб мусоидат менамояд.[1]

Т.М.Пряхин зикр мекунад, ки муқарраротн ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ дар самти ташаккули доктринаҳои конститутсиониро метавон ҳамчун асоси амалҳоиояндаи барномавӣ, ки дар натиҷа ба сиёсати давлатӣ мубаддал шуданашон мумкин аст, арзёбӣ намуд.[2] Маҳз аз ҳамин хотир, бисёрҳизбии рушдкарда ва давлат бояд ба барномаи ҳизбҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд, ки дар он мақсади асосӣ муқаррар карда шудааст. С.В.Кабишев ва А.Д. Ермаков зикр мекунанд, ки мақсади ҳизбҳои сиёсӣ лоиҳаи конститутсионии амалҳоиояндаи он мебошад, ки хусусият ва тартиботи низомманди амалҳои мухталифи ҳизбро, ки ба нигоҳдорӣ ва тағйирдиҳии асосҳои сохти конститутсионии давлат равона карда

---

[1] Ниг.: Шмачкова Т.В. Мир политических партий // Полис. - 1992. - № 1, 2.

[2] Ниг.: Пряхина Т.М. Конституционная доктрина современной России. Саратов, 2002. С. 83–84.

шудаанд, муайян менамояд.[1] Дар ин замина, ба низоми бисёрҳизбӣ рақобати сиёсии якчанд ҳизб хос аст. Дар иртибот бо миқдори ҳизб низомҳои ҳизбии плюрализми муътадил (аз се то панҷ ҳизб) ва плюрализми ниҳоӣ (миқдори ҳизбҳо аз шаш боло) ҷудо карда мешаванд, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо мустақилона наметавонад ҳокимиятро дар даст дошта бошад. Дар натиҷа зарурати ташкили коалитсия ҳам барои таъсиси ҳукумат ва ҳам барои фаъолияти дохилипарламентӣ ба миён меояд. Ҳамин тариқ, рушди бисерҳизбӣ ба ифодаи сохтории манфиатҳо ва иродаи сиёсии интихобкунандагон ва бунёди шаклгирии сиёсии сохтори худи интихоботӣ мусоидат менамояд. Ҳизбҳо қисми муҳимми низоми алоқаи ҷавобии байни мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва аҳолии кишвар ба ҳисоб мераванд. Бе мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ на пешбурди сиёсати аксарият ва на ҳимояи мавқеи аққалиятҳо ғайриимкон аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир бисёрҳизбӣ таърихи тӯлонӣ надорад. М.Дюверже чунин зикр  намудааст, ки ҳанӯз дар соли 1850 дар ҳеҷ як аз кишвари ҷаҳон (ба ғайр аз ИМА) ҳизбҳои сиёсӣ ба маънои муосири ин мафҳум мавҷуд набуданд: мо ҷараёни афкори ҷамъиятӣ, клубҳои халқӣ, ҷомеаҳои фалсафиро пайдо мекунем, лекин ҳизб ба маънои аслӣ вуҷуд надошт. Соли 1950 ҳизбҳо дар аксарияти кишварҳои мутамаддин фаъолият мебаранд, дигарон мекушанд аз онҳо ақиб намонанд.[2]

Мавҷудияти ниҳоди бисёрҳизбӣ кафолати демократияи воқеии амалкунанда мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ навъи ягонаи муттаҳидшавӣ ба ҳисоб мераванд, ки метавонанд ҳокимиятро ба даст оранд, метавонанд ба режими сиёсӣ дар кишвар таъсири назаррас расонанд. Онҳо аз дигар созмонҳо, ки дар саҳнаи сиёсӣ амал менамоянд, тафовут доранд, онҳо ба

[1] Ниг.: Кабышев С.В., Ермаков А.Д. Конституционные цели политических партий современной России. М., 2015. С. 27.
[2]Ниг.: Дюверже, М. Политические партии / М. Дюверже; пер. с франц. - М.: Академический Проект, 2000. –С. 21.

интихобкунандагон тарҳҳои иҷтимоии ҳамаҷониба ва воситаҳои амалигардонии ин пешниҳодҳоро пас аз омадан ба ҳокимият манзур мекунанд.

Мафҳуми бисёрҳизбӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба таври мухталиф тавсиф карда шудааст: ҳамчун яке аз шаклҳои плюрализми сиёсӣ; ниҳоди махсуси ҳуқуқӣ; принсипи сохтори конститутсионии давлати демократӣ-ҳуқуқӣ; ниҳоди ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва ғайра. Як қатор намояндагони илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ чунин мешуморанд, ки бисёрҳизбӣ ба сифати ниҳоди сиёсӣ-ҳуқуқӣ баромад менамояд. А.В.Толочко зикр намудааст, ки бисёрҳизбӣ на танҳо ниҳоди сиёсиву ҳуқуқии гуногунҷанба, ки манфиати ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро ифода менамояд, балки нишондиҳандаи мутобиқати сохтори сиёсии ин ё он давлат ба стандартҳои демократӣ, инчунин механизми таҳким ва такмили низоми сиёсии ҷомеа мебошад.[1] Дар ин тавсиф на танҳо хусусиятҳои бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳод пешниҳод шудааст, балки вазифаҳои асосии он низ зикр гардидааст. Муайян намудани мутобиқати кишвар ба стандартҳои демократӣ, имконияти мусоидат ба ташаккул ва рушди онҳо аз он ҷумлаанд.

Муҳаққиқи рус Д.С. Герасимов зикр менамояд, ки бисёрҳизбӣ яке аз шаклҳои муҳимми амалигардоии принсипи конститутсионии плюрализми сиёсӣ ва идеологӣ ба ҳисоб меравад, ки дар мавҷудияти якчанд ҳизб, инчунин имконияти бунёд ва фаъолияти механизмҳои мухталифи иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷомеа ифода мегардад.[2] Дар ин асос зикр намудан ба маврид аст, ки низоми бисерҳизбӣ ҳамчун ниҳоди ташаккул ва барқароркунии ҳокимияти сиёсӣ як қатор ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳо дорад. Аз ҷумлаи бартариии бисёрҳизбӣ ҳавасманднамоии ҷустуҷӯи ризоият дар сиёсат, назорати

---

[1] Ниг.: Толочко А.В. Многопартийность в современной России: роль государства: автореф. дис. … канд. полит. наук. Воронеж, 2011. -С. 10.
[2] Ниг.: Герасимов Д.С. Многопартийность в условиях переходных систем: автореф. дис. … канд. полит наук. М., 2009. С. 9.

ҳукумат ва нигоҳ доштани тавозун дар он, мавқеи ягонаи масъулияти коллективиро, ки плюрализми манфиатҳо ва назарҳоро ба инобат мегирад, номбар кардан мумкин аст. Мушкилоти ноилгардӣ ба ризоият, бунёди ҳукумати коалитсионӣ, пайдо шудани монеаҳо дар баҳсу мунозираҳои ҳалли масъалаҳои мавҷудаи давлатӣ аз ҷумлаи камбудиҳои бисёрҳизбӣ ба шумор мераванд. [1]

Э.Гидденс зикр менамояд, ки дар доираи категорияи умумии бисёрҳизбии давлатӣ навъҳои мухталифи низомҳои ҳизбӣ амал менамоянд. Рушди навъи низоми ҳизбӣ аз бисёр ҷиҳат аз табиати ҷараёнҳои интихоботӣ вобаста аст. Агар интихобот дар асоси принсипи "ғолиб ҳама ҷанбаҳоро ба даст меорад" гузаронида шавад, пас дар низоми сиёсии ҷомеа ду ҳизби асосӣ рушд мекунад. Агар интихобот дар асоси принсипҳои дигар, масалан, принсипи намояндагии мутаносиб вобаста ба ҳиссаи овозҳои бадастомада баргузор гардад, заминаҳои зарурии рушди бисёрҳизбӣ таъмин карда мешавад.[2] Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки низоми бисёрҳизбӣ ҳамчун шакли гуногунии сиёсӣ манфиатҳои мухталифи сиёсии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро дар асоси татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ таъмин менамояд. Дар аксарияти кишварҳои муосири Ғарб бисёрҳизбӣ на танҳо риояи анъана, балки талаботи зарурии амалияи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз бо кӯмаки гуногунии ҳизбҳо ивазнамоии демократии ҳокимият, рушди давлат на бо роҳи инқилобӣ, балки бо роҳи таҳаввулотӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, дар ҳолати ҷой доштани бисерҳизбии воқеӣ, қисме аз ҳизбҳои мавҷуда ҳатман ҳизбҳои оппозитсионӣ мегарданд. Онҳо мухолифи ҳокимияти амалкунанда баромад намуда, метавонанд танқиди созандаро пеш баранд, камбудӣ ва хатоиҳои ҳизби ҳукмронро нишон диҳанд. Чунин муносибати ҳизбҳо дар

[1] Ниг.: Галкин А.П. Политические партии и партийные системы // Актуальные проблемы современной политической науки. В 2 ч. - Волгоград: Принт. - 2007. - С. 65-74.
[2] Ниг.: Рубеж. Альманах социологических исследований. 1992, №3. С, 75-98.

доираи низоми бисёрҳизбӣ, бешубҳа, ба беҳтар гардидани вазъияти корҳо дар давлат мусоидат менамояд.

Дар ҳолате, ки дар кишвар миқдори зиёди ҳизбҳо амал менамояд, онҳо дорои барномаҳои аслии худ мебошанд ва дар ҳаёти сиёсӣ фаъолона ширкат меварзанд, ки ин ба рушди демократияи воқеӣ, шаффофияти ҳокимият, тавсеаи назорати шаҳрвандии фаъолияти ҳокимият мусоидат менамояд. Миқдори мусоиди ҳизбҳо барои давлатҳо мухталиф мебошад. Зимнан, на миқдори ҳизбҳо, балки мавқеи воқеии онҳо, таъсири онҳо ба якдигар ва ба давлат, имконияти бунёди коалитсия ё блокҳои интихоботӣ, иштироки фаъол дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар аҳаммияти бузургро касб намудааст.

Муҳаққиқи рус Л.В. Сморгунов ду ҳолати муайянро ҷудо кардааст, ки нақш ва мақоми ҳизбҳоро тавсиф менамояд. Якум, ҳизбҳо механизми муҳим мебошанд, ки ҳассосияти давлатро ба манфиатҳои ҷамъиятӣ таъмин менамоянд ва дар алоқамандӣ бо ин нуқта дар низоми муосибатҳои "ҷомеаи шаҳрвандӣ – ҳизбҳо - давлат" парадигмаи устувори омӯзиши ҳизбҳо мавҷуд аст. Дуюм, демократияи муосир ҳамчун демократияи ҳизбӣ дар ҳолати мавҷудияти навъҳои идеалӣ ва тарҳҳои воқеии он боқӣ мемонад. Тамоми маҷмуи ҳизбҳои сиёсӣ дар алоқамандӣ байни худ, бо ҷомеа ва давлат низоми бисёрҳизбиро ташкил мекунанд.[1]

Дар асоси низоми сиёсии ҷомеа заминаҳои идеологӣ ва консептуалии бисерҳизбӣ бунёд гардидааст, ки ба ташаккули тарҳи рушди ҳуқуқии устувор ва дигаргуниҳо равона карда, аҳаммияти стратегии онҳо дар бунёди давлати ҳуқуқӣ ва демократӣ зоҳир мегардад. Конститусияҳои кишварҳои пасошӯравӣ асоси ҳуқуқии тарҳи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ гардиданд, ки дар онҳо нақши муҳимми ҳизбҳо ҳамчун иттиҳодияи шаҳрвандон, ҳомилонии ғояҳои муайян эътироф шудааст.

[1] Ниг.: Макаренков Е.В. Политические партии и партийные системы / Е.В. Макаренков, И.К. Харичкин - М.: МПИ ФСБ России. - 2007. - 32 с.

Илова бар ин, дар конститутсияҳо гуногунии сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ зикр гардидааст, манъи дахолати мақомоти давлатӣ ва шахсони ваколатдор ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин дахолати ҳизбҳо ба фаъолияти мақомоти давлатӣ муқаррар шудааст. Мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботӣ доираи васеи ваколатҳо муқаррар гардидааст: иштирок дар ташаккули комиссияҳои интихоботӣ, ки интихоботро ташкил менамоянд; ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба мансабҳои инхоботӣ, аз он ҷумла парламент; дастрасии ҳизбҳои сиёсӣ ба воситаҳои ахбори омма; пешниҳоди дастгирии молиявии давлатӣ дар интихобот; баҳсу мунозираи натиҷаи интихобот ва ғайра.

Дар шароити режимҳои демократӣ маҳз иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ принсипи низоми бисёрҳизбии воқеии уфуқиро амалӣ менамояд, вақте ки ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар асоси демократия тариқи бунёди коалитсия ҳукмронии ҳизбӣ ба роҳ монда мешавад. Дар чунин ҳолат ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси консепсияҳои анъанавии демократӣ, асосноккунии табиии меъёрии ҳуқуқии демократии таҳкими ҳокимияти сиёсӣ ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравaнд. Тамоми ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити баробар ба иштирок дар ташаккули ҳокимияти сиёсӣ, ба рақобат барои иштирок дар бунёди аксарияти ҳукмрон роҳ дода мешаванд. Дар ин сурат иштироки давлат, бо вазифаҳои давлати ҳуқуқӣ маҳдуд карда мешавад. Тағйирёбии ин шарт ба дигаргуншавии хусусияти низоми ҳизбӣ ва асосноккунии таҳкими ҳокимияти сиёсӣ оварда мерасонад.[1]

Дар низомҳои сиёсии авторитарӣ, дар шароити шартан эълон доштани бисёрҳизбӣ, давлат кӯшиш менамояд, ки назорати раванди ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мутобиқан элитаи сиёсии ҳукмронро амалӣ намояд. Дар сатҳи қонунгузорӣ чунин “қоидаҳои бозӣ”-ро муқаррар мекунад, ки тибқи онҳо танҳо афзалиятнокии ҳамон

---

[1] Ниг.: Пшизова С. Н. Какую партийную модель воспримет наше общество? // Полис, 2008, №4. - С.101-113.

ҳизбҳое таъмин карда мешавад ки қоидаҳои мазкурро қабул намудаанд,. Дар чунин ҳолат, ҳизбҳои дигар аз иштироки парламентӣ дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ифодаи демократии барнома, идеология ва вазифаҳои худ дур мешаванд.[1]

Натиҷа барои таҳкими ҳокимияти сиёсӣ марбутан ба муҳлати мавҷудияти бисёрҳизбӣ бо ҳизби ҳукмрон чунин арзёбӣ мешавад:

-афзоиши бепарвоии иҷтимоӣ дар ҷомеа нисбат ба иштирок дар шаклҳои демократии ҳаёти сиёсӣ. Дар чунин ҳолат, ҳатто ба сатҳи баланди иттилоотонӣ оид ба ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсӣ, ҳизбҳои оппозитсионии парламентӣ дар муддати тулонӣ наметавонанд, ки ба ҷомеа ва ҳокимият чизеро пешниҳод намоянд. Характери бисёрҳизбӣ бо имконият ва сатҳи воқеии иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама, ҳукумат, инчунин имконияти таъсиррасонии ин ҳизбҳо ба коркард ва татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муайян карда мешавад[2].

-мавқеи эълонгардидаи ҳизбҳои парламентии оппозитсионӣ. Зикр намудан зарур аст, ки дар ҳолати кушиши муттаҳид намудани ҳизбҳои оппозитсионӣ дар парламент аз ҷониби давлат монеаҳои муайян бунёд карда мешаванд. Аз ин хотир, чунин ҳизбҳои сиёсӣ муддати тулонӣ дар мавқеи ҳизбҳои парламентии оппозитсионӣ боқӣ мемонанд. В.Я.Гелман зикр мекунад, ки конститутсия ба таври назаррас ваколатҳои парламентро аз болои ҳукумат маҳдуд менамояд, ки ба рушди бисёрҳизбӣ таъсири манфӣ мерасонад;[3]

-фаъолгардии ҳизбҳои ғайрисистемавӣ. Интихобкунанда, аз ҳукмронии тӯлонии як ҳизби ҳукмрон дар доираи бисёрҳизбӣ, ки

[1] Ниг.: Глебова И.И. Партия власти // Полис, 2004, №2. С.85-92.
[2]Ниг.: СоловьевА.И. Политология: Политическая теория, политические технологии. М., 2001. С.155
[3] Ниг.: Гельман В.Я. В.Я. О становлении российской партийной системы и практиках политических коалиций // Полис, 2007, №3. - С.189.

тағйироту дигаргуниҳоро ба миён намеорад, хаста гардида, ба ҳизбҳои ғайрисистемавӣ рӯй меорад;[1]

-қувват гирифтани методҳои авторитарии идоракунӣ, аз ҷумла, истифодаи маҳдудиятҳои маъмурӣ, зӯриву зӯроварӣ нисбат ба ҳизбҳои ғайрисистемавӣ.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки дар шароити имрӯза, дар самти таҳкими ҳокимияти сиёсӣ дар доираи бисёрҳизбӣ кушиш карда мешавад, ки ба иштироки ҳизбҳои сиёсӣ монеаҳо эҷод карда шаванд. Дар чунин ҳолат, албатта, мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар таҳкими ҳокимияти сиёсӣ маҳдуд гардонида мешавад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар фазои пасошӯравӣ як навъи муайяни бисёрҳизбӣ ташаккул ёфтааст, ки онро метавон бисёрҳизбии амудӣ номид. Ташаккули чунин навъи бисёрҳизбӣ аз ҷанбаҳои зерин бармеояд:

- ҳизби ҳукмрон чун унсури заминавии сохториву функсионалӣ боқӣ мемонад. Дар чунин ҳолат ҳизби ҳукмрон чаҳорчубаи низоми гурӯҳиву маъмуриро ташкил менамояд ва, гарчанде ҳамчун ҳизб ҳомили идеологияи муайян аст, моҳиятан идеологияи муайян надорад. Надоштани идеологияи муайян аз зарурати тағйир додани самти фаъолият вобаста ба вазъияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккулёфта дар кишвар вобаста аст. Илова бар ин, унсури заминавӣ будани ҳизби ҳукмрон аз он бармеояд, ки дар парламент аксарияти мандатҳоро дар даст дорад.

-хусусияти амудии бисёрзиҳбӣ дар муносибати сохториву функсионалии зербинои сиёсӣ, ки аз тарафи ҳизби ҳукмрон дар асоси интихоби як ҳизб барои бунёди коалитсия, аз ҷумла, ҳизби ғайрисистемавӣ ва ғайрипарламентӣ бунёд карда мешавад, муайян мегардад. Масъулияти асосии ин ҳизб таъмин намудани 5-6% мандатҳо барои коалитсия бо ҳизби сиёсии ҳомили идеологияи муайян ки дар

[1] Ниг.: Милюков П.Н. Россия на переломе. Большевистский период русской революции. - Париж: Imp. d'Art Voltaire, 1927. - Т. 1. - 276 с.

марҳилаи мушаххаси таърихӣ дар фазои сиёсии ташаккулёфта ҳукмрон ҳисобида мешавад, иборат аст.

- бисёрҳизбии амудии системавиву функсионалӣ муттасил иваз кардани зербинои сиёсиро бо мақсади таъмини босамари сиёсӣ ва идеологӣ вобаста ба таҳдидҳои сиёсӣ, устувории иҷтимоӣ, амнияти иқтисодӣ ва миллӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон зикр кард, ки новобаста аз мавҷудияти бисерҳизбӣ, танҳо ҳизби ҳукмрон доираи фаъолияти ҳизбҳои дигарро маҳдуд менамояд. Бисёрҳизбӣ ҳамчун маҷмуи ҳизбҳо метавонад боиси пайдоиши миқдори зиёди падидаҳои манфӣ гардад. Масалан, мубориза барои ҳокимият бештар аз доираи шаклҳои мутамаддини он берун мебарояд ва боиси зиддияту мухолифатҳои гуногун мегардад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти бисёрҳизбӣ дар давлат, ки ҳамчун система амал менамояд, падидаҳои сершумори манфӣ, ки дар ҳолати мавҷудияти бисёрҳизбӣ ҳамчун маҷмуи ҳизбҳои сиёсӣ пайдо мегарданд, бартараф менамояд.

Мавҷудияти якчанд ҳизб дар кишвар барои асосноккунии низоми бисёрҳизбӣ кифоя нест. Лозим ба таъкид аст, ки вазифаҳои ҳизби сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ ба ҳам монанд нестанд. Агар ҳар як ҳизб дар алоҳидагӣ ба амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ ё назорати он барои иҷрои иродаи интихобкунандагони худ саъйу кӯшиш намояд, пас низоми ҳизбӣ намояндагии самараноки иродаи халқро аз тарафи ниҳодҳои сиёсӣ ва намояндагии мутавозини манфиатҳои гурӯҳҳои пешбари иҷтимоиро дар мақомоти ҳокимияти давлатиро таъмин менамояд. Маҷмуи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳамон ҳолат ҳамчун навъи низоми ҳизбӣ баромад менамоянд, ки онҳо дар муносибати алоқа ва таъсиррасонии мутақобила қарор дошта, маҷмуи қоидаҳои муборизаи сиёсиро ба роҳбарӣ гирифтаанд.

Муҳаққиқи амрикоӣ Л.Эпстейн зикр менамояд, ки низоми дуҳизбӣ наметавонад тамоми гуногунии методологӣ ва мавқеъҳои сиёсиро дарбар гирад, аз ин хотир дар доираи низомҳои дуҳизбӣ ба таври доимӣ

ҳизбҳои дигар пайдо мешаванд ва ҳизбҳои пешбар фраксияҳоро ташкил менамоянд. Чунин ҳолат низоми дуҳизбиро ба низоми бисёрҳизбӣ наздик мекунад, ки дар навбати худ, аз ҳисоби сиёсати коалитсионӣ ба ду ё се қутб ҷудо мешаванд. Дар натиҷа, тафовути байни низоми дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ аз байн меравад.[1]

Ҳамин тариқ, дар доираи илмҳои сиёсӣ ақидае ҳукмфармо шуд, ки мувофиқи он низоми бисёрҳизбӣ дар шароити муайян, ба монанди монеаҳои парламентӣ, низоми омехтаи интихобот, ҳокимияти пурқуввати президентӣ метавонад намунаи идоракунии устуворро пешниҳод намояд.

Чунин мавқеи низоми бисерҳизбӣ бо бартариҳои низоми бисёрҳизбӣ аз дигар низомҳои ҳизбӣ асоснок карда мешавад, ки онро метавон чунин арзёбӣ намуд:

- ба ҳар як "қисме" аз халқ озодии ҳадди ақалро таъмин менамояд, яъне, ба ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ имконияти "овоздиҳӣ" ба ҳизби аз рӯи идеология наздикро медиҳад;[2]

- аз ҳисоби мавҷудияти на танҳо ҳизбҳои марказӣ, балки нерӯҳои сиёсии канорӣ ба низом тавозун мебахшад;

-таҷассум ёфтан дар сохтори низоми ҳизбӣ, дар гуногунии ҳизбҳои сиёсӣ, таърихӣ, миллӣ, этникӣ ва гуногунии динии ҷомеа.[3]

Маҳз ин бартариҳо боиси мавҷудияти бисёрҳизбӣ дар аксарияти давлатҳо гардидааст. Илова бар ин, низоми бисёрҳизбӣ дар шароити имрӯза диққатҷалбкунанда ба ҳисоб меравад. Бартарии асосии низоми бисёрҳизбӣ дар адолати иҷтимоӣ ва қонеъгардии сиёсии шаҳрвандон, ки ба афзудани иштироки сиёсӣ дар шароити мавҷудияти ҳизбҳои сершумор оварда мерасонад, зоҳир мегардад.

[1]Ниг.: Epstein L.D. Political parties in Western Democracies. Transaction Pablishers. NewBrunswick (USA), London (U.K.), 1979. 405 p. – P. 17.
[2]Ниг: Дюверже М. Политические партии. М.: Академический проект, 2000. 558 с.
[3]Ниг.: Исаев Б.А. Теория партий и партийных систем: учебник для бакалавриата и магистратуры. 2-е изд., испр. и доп. М.: Юрайт, 2016. 370 с – С. 296.

Муҳаққиқи америкоӣ Д.Брайс зикр менамояд, ки бисёрҳизбӣ дар Аврупо зери таъсири якчанд омил, ки ҳам шуури ҷамъиятӣ ва ҳам худи ҷомеаро ба якчанд гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷудо намудаанд, ташаккул ёфтааст. Ин омилҳо заминаи объективии ташаккули ҳизбҳо ба ҳисоб меравнд. Таъсири ин омилҳо дар як ҳолат ба ташаккули бисерҳизбӣ мусоидат намудааст. Ҳамин тариқ, дар кишварҳои Аврупо Д.Брайс чунин омилҳои ташаккули бисёрҳизбиро муайян намудааст:

-хусумат ва зиддияту мухолифати сарватмандон ва камбағалон (сармоядорон ва коргарон);

-мухолифат дар масъалаҳои заминдорӣ;

- муборизаи динӣ;

-хусумати байни миллатҳо;

-баҳсу мунозираҳо оид ба бартарии идоракунии монархистӣ ва ҷумҳуриявӣ;

-мухолифат дар масъалаи тавсеаи фаъолияти давлат ва баланд бардоштани озодии тиҷорат.[1]

Муҳаққиқи дигари америкоӣ Э. Лоуэлл омилҳои ташаккули низоми бисёрҳизбиро чунин арзёбӣ намудааст:

-мавҷуд набудани ризоият оид ба амалигардонии ҳокимият дар ҷомеа;

-мавҷудияти гурӯҳҳои иҷтимоии оштинопазир нисбат ба ҳукумат дар ҷомеа, ки мақсадҳои инқилобӣ доранд ва ба идоракунии давлат роҳ дода намешаванд;

- дар гузашта ташаккули ҳокимият бо методҳои истибдодӣ, одати қабули ҳукумат ҳамчун золиму ситамгар, истибдодгар ва душман;

- ҷой доштани роҳҳои инқилобии ивази идоракунӣ дар таърихи кишвар, ки дар ҷомеа ҷонибдорони он боқӣ мондаанд;

---

[1]Ниг.: Брайс Д. Американская республика: в 3 т. - М.: Тип. А.И.Мамонтова и К, 1898. Т. 2, ч. III. 474 с. – С. 270

- набудани шавқу рағбати ҷомеаи шаҳрвандӣ барои табдил ёфтан ба ҳизбҳои сиёсӣ ва мавҷудияти гурӯҳҳои пароканда дар он;

- низоми мажоритарии интихоботӣ дар як давра;

-амалияи истезоҳоти парламентии ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳукумат.[1]

Ҳамин тариқ, мавҷудият ё ҷой надоштани омилҳои мазкур ҳамчун заминаҳои асосии ташаккули бисёрҳизбӣ баромад менамоянд. Албатта, мавҷудият ва таъсири омилҳои мазкур метавонад дар давлат ва минтақаҳои гуногун дар сатҳҳои мухталиф қарор дошта бошад. Ташаккул ва инкишофи назарияи низоми сиёсӣ, назарияи фарҳанги сиёсӣ, назарияи моҷароҳои сиёсӣ нишон дод, ки ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ аз сохтори низоми сиёсӣ, навъи фарҳанги сиёсӣ, парокандагии шуури ҷамъиятӣ, ки боиси хусусияти амали моҷароҳои гуногун мегарданд, вобаста мебошад.

Дар доираи низоми бисерҳизбӣ ҳизбҳо на танҳо ба рушд ва такмили доктринаҳои сиёсӣ, балки ба васеъ паҳн кардани онҳо дар ҷомеа саъю кушиш менамоянд. Бо ин мақсад маводҳои ҳизбӣ, баромади сарварони сиёсӣ дар матбуоти даврӣ, телевизион ва радио дар намоишҳо хизмат кунанд. Ҳизби сиёсӣ манфиатдор аст, ки афкори умумӣ самти фаъолияти онро эътироф ва дастгирӣ кунад. Вазифаи идеологии ҳизби сиёсӣ, инчунин, тарбияи сиёсии аъзоён ва ҷонибдорон, тарбияи аъзои ҷомеа дар рӯҳияи арзишҳо ва анъанаҳои муайян, ҷалби шаҳрвандон ба ҳаёти сиёсӣ, ки ба ташаккули иҷтимоишавии сиёсии онҳо мусоидат мекунад, ба шумор меравад.

Дар доираи низоми бисёрҳизбӣ ҳизбҳои сиёсӣ ба хотири амалигардонӣ ва таҳкими ҳокимияти сиёсӣ дар омодасозӣ ва гузаронидани интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ иштирок менамоянд; фаъолияти парламентиро пеш мебаранд, дар доираи фраксияҳои парламент ва мақомоти маҳаллии ҳокимият

[1] Ниг.: Лоуэлл Э. Правительства и политические партии в государствах Западной Европы. - М.: Изд. С.Скирмунта, 1905. 644 с.

фаъолият мекунанд; дар раванди таҳия ва қабули қонунҳо дар мақомоти давлатӣ иштирок менамоянд, дар таҳкими элитаи сиёсии кишвар иштирок мекунанд.

Дар ҷомеаи муосири демократӣ, аҳзоби сиёсӣ дар мубориза барои ҳокимият методҳои зӯрӣ ва зӯровариро рад мекунанд ва раванди интихоботиро ба роҳбарӣ мегиранд. Интихобот майдони асосии рақобати ҳизбҳо ба ҳисоб меравад. Чи қадаре, ки дар доираи низоми бисёрҳизбӣ миқдори зиёди ҳизбҳо фаъолият дошта бошанд, ҳамон қадар муборизаи онҳо пуршиддат мегардад. Дар муборизаи рақобатнок ҳизбе муваффақ мегардад, ки самти фаъолияти сиёсии он аз ҷониби аксарияти интихобкунандагон дастгирӣ карда мешавад. Аз ин ру, ҳизбҳои сиёсӣ ба таъмини дастгирии интихобкунандагон, ва васеъ намудани миқдори интихобкунандагон диққати махсус медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси баррасии бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди ташаккули ҳокимияти сиёсӣ метавон ба чунин хулосаҳо расид:

- ҳизбҳо яке аз ниҳодҳои муҳимми ҷомеа ба ҳисоб мераванд, ки интиқоли машруи ва осоиштаи ваколатҳои ҳокимиятӣ, сафарбарнамоии сиёсии оммаи мардум, машруияти режимҳои сиёсии мавҷударо таъмин менамоянд;

- ҳизбҳои сиёсӣ ифодакунандаи манфиат ва талаботи гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ба коркарди мақсадҳо, самтҳои рушди низоми сиёсӣ, рушди иҷтимоии ҷомеаи давлати рушдкардаи демократӣ таъсир мерасонанд;

-низоми ҳизбӣ тарҳи такроршавандаи ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ дар саҳнаи интихоботӣ ва саҳнаҳои дигари сиёсӣ – ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия  ба ҳисоб меравад. Фаъолияти низоми ҳизбӣ  танҳо бо мушоҳидаи интихобот ҳамчун ҳодисаи алоҳида ба итмом намерасад;

-ҳизбҳо қисми муҳимми низоми алоқаи ҷавобии байни мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва аҳолии кишвар ба ҳисоб мераванд. Бе

мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ на пешбурди сиёсати аксарият ва на ҳимояи мавқеи аққалиятҳо ғайриимкон аст;

-бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди ташаккул ва барқароркунии ҳокимияти сиёсӣ як қатор бартарӣ ва камбудиҳо дорад. Ба бартариии бисёрҳизбӣ ҳавсмандкунии ҷустуҷӯи ризоият дар сиёсат, назорати ҳукумат ва нигоҳ доштани тавозун дар он, мавқеи ягонаи масъулияти коллективӣ, ки плюрализми манфиатҳо ва назарҳоро ба инобат мегирад, мансубанд;

- ташаккул ва инкишофи назарияи мухталифи сиёсӣ нишон дод, ки ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ аз сохтори низоми сиёсӣ, навъи фарҳанги сиёсӣ, парокандагии шуури ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

## 1. 2. Мақом ва нақши системаи бисёрҳизбӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир

Мақом ва нақши низоми бисёрҳизбӣ дар низоми сиёсии ҷомеа аз вазифаҳои умумии ҳизбҳо бармеояд. Нақш ва аҳаммияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаҳое, ки дар сатҳҳои мухталифи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, анъанаҳои мушаххаси таърихӣ ва миллӣ қарор доранд, якхела нест. Лекин метавон як қатор вазифаҳои умумии ҳизбҳои сиёсиро ҷудо намуд. Вазифаи нисбатан муҳимми ҳизбҳои сиёсӣ ҳамохангсозӣ ва ҷамъбастамоии манфиатҳо ва талаботи мухталифи гурӯҳҳо ва афроди гуногун ба ҳисоб меравад. Чунин манфиатҳои ҷамъбастгардида дар барномаҳо, талабот, шиорҳо таҷассум ёфта, то ба сохторҳои ҳокимият расонида мешаванд, ки дар доираи вазифаи намояндагӣ ба амал татбиқ мегарданд. Ҳизбҳо дар коркард, истифода ва ҷорӣ намудани қоидаҳои ҳамкориҳои ниҳодҳои сиёсӣ иштирок намуда, вазифаи “ҳукуматӣ”-ро иҷро мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ирода ва манфиати гурӯҳҳои иҷтимоиро пешниҳод ва ифода менамоянд ва онҳоро ба мақомоти ҳокимиятӣ мерасонанд ва ба ин васила вазифаи робитавиро иҷро менамоянд, яъне алоқаи ҳокимият ва ҷомеаро таъмин мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ тариқи воситаҳои ахбори умум арзишҳо ва қолабҳои муайяни рафторро ташвиқ

карда, вазифаи иҷтимоишавии сиёсӣ, яъне интиқоли таҷрибаҳои сиёсӣ, анъанаҳо ва фарҳангро ба наслҳои минбаъда иҷро менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ номзадҳои беҳтаринро ба вазифаҳои роҳбарикунанда интихоб намуда, ба такмили сифатии таркиби элитаи сиёсӣ мусоидат мекунанд.[1] Дар шароити афзудани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар равандҳои сиёсӣ ба таври назаррас нақш ва таъсири ҳизбҳои парламентӣ ба раванди ташаккули давлати демократӣ ва қабули қарорҳои сиёсӣ зиёд шудааст. Ҳар як ҳизби сиёсӣ дар интихобот барои ноил гардидан ба мақсадҳои худ, ки ба барномаи онҳо ворид карда шудаанд, мубориза мебарад. Пас аз интихобот, ҳизби ғолиб ҳукуматро ташаккул медиҳад ва кушиш мекунад, ки сиёсати худро дар асоси ваъдаҳои пешазинтихоботӣ коркард намояд.[2]

Дар шароити тағйирпазирии низоми сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ ҷустуҷӯи шаклҳои нави муносибатҳои мутақобилаи ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун иштирокдорони калидии равандҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва пурихтилоф ба ҳисоб меравад. Ин масъала махсусан дар шароити ташаккул ва инкишофи низоми ҳизбӣ, ки ҳанӯз ноустувор ва бекувват аст, шиддатнок мегардад.

Пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ бо тавсеаи ҳуқуқи интихоботӣ ва муташаккил гардидани фаъолияти ҳаракатҳои коргарӣ алоқаманд аст. Маҳз ин омилҳо ба пайдоиши аввалин ҳизбҳои сиёсии оммавӣ ҳамчун ниҳоди алоҳидаи сиёсӣ мусоидат намуданд. Метавон, зикр намуд, ки пайдоиш ва таҳаввулоти ҳизбҳои сиёсӣ аз хусусиятҳои рушди иҷтимоӣ-сиёсӣ ва марҳилаҳои алоҳидаи чунин таҳаввулот бармеояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки гуногунии нақшҳо ва ниҳодҳои сиёсӣ зери таъсири талаботи мавҷудаи низоми сиёсӣ амалӣ мегарданд. Ҳамин тариқ, ҳизбҳои

1Ниг.: Растимешина Т. В., Епифанов А. С. Политические партии: основные подходы к определению понятия, природа и функции / Т. Растимешина, А. Епифанов // Экономические и социально-гуманитарные исследования. – 2017. – № 1. – С. 148–158.
2Ниг.: Сафаров Л.Ш. Избирательная система в Таджикистане: проблемы и перспективы ее совершенствования. / Л.Ш. Сафаров // «Таджикистан и современный мир» №1. (30).- 2012. - С. 130 – 140.

сиёсӣ ҳамчун ниҳоди алоҳидаи низоми сиёсӣ танҳо бо пайдоиши талаботи функсионалӣ ба мавҷудияти онҳо ташаккул ёфтаанд.

Як қатор муаллифон пайдоиши таҳаввулотии ҳизбҳои сиёсиро бо раванди таҷдид, ташаккули давлатҳои миллӣ, бо рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд менамоянд. Илова бар ин, метавон пайдоиши ҳизбҳои сиёсиро бо ташаккули синфҳои нави иҷтимоӣ, инчунин ниҳоди идоракунии намояндагӣ марбут кард.[1]

Дар аввал, муносибат ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ хусусияти манфӣ дошт. Масалан, Т.Гоббс чунин мешуморид, ки мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ ба шӯриш ва исёнҳо оварда мерасонад. Ҷ.Вашингтон зикр намудааст, ки ҳизбҳо метавонанд воситаи ғасби ҳокимияти давлатӣ аз тарафи гурӯҳи алоҳида гарданд, ки ба татбиқи принсипи мустақилияти халқӣ халал мерасонад.[2] Бо вуҷуди ин, як қатор муаллифон ногузир будани фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро қайд кардаанд. Масалан, Ҷ. Мэдисон хусусияти объективӣ ва ногузирии мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро зикр кардааст. Имконияти оқибатҳои манфии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро ошкор намуда, Ҷ.Мэдисон пешниҳод намудааст, ки барои рафъи ҷанбаҳои манфии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ як қатор ниҳодҳо ва принсипҳо, ки чунин ҷанбаҳои манфиро бартараф менамоянд, ҷорӣ карда шаванд. А. Токвил низ хусусияти объективии мавҷудияти ҳизбҳои сиёсиро эътироф карда, зикр намудааст, ки ҳизбҳои сиёсӣ унсури зарурии идоракунии демократӣ мебошанд, зеро плюрализми афкор ва манфиатҳоро таъмин мекунанд ва эҳтимоли ғасби ҳокимиятро рафъ менамоянд.

Ҳизбҳо, чун қоида, дар саҳнаи интихобот "бозигарони" фаъол ва самаранок буда, дар доираи фаъолияти худ номзадҳоро омода менамоянд, дастгирии сиёсӣ ва технологии маъракаи интихоботиро

1Ниг.: Заславский С. Е., Коргунюк Ю. Г. Российская многопартийность: становление, функционирование, развитие / С.Е. Заславский. -М., 1996. -385 с.

2 Ниг.: Политический процесс: основные аспекты и способы анализа: Сборник учебных материалов / Под. ред. Мелешкиной Е.Ю. — М.: Издательский Дом «ИНФРА-М», Издательство «Весь Мир», 2001. -375с.

таъмин мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба таври назаррас тағйирпазирии ҷаҳони сиёсатро таъмин намуда, имкониятҳои нави ба ҳокимият таъсир расонидани шаҳрвандон, гурӯҳҳои мухталифи иҷтиморо ба вуҷуд меоранд. Бо пайдоиши ҳизбҳо, намояндагони халқ иродаи худро ба ҳизб дода, ба дасгирии ҳизб такя мекунанд. Аз баски, ҳизбҳо муташаккиланд, онҳо дар масъалаи сафар баркардани афкори ҷамъиятӣ, намояндагӣ ва амалигардонии манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои иҷтимоӣ самарабахш мебошанд, барои мубориҙаи сиёсӣ дар таърихи инсоният чизе беҳтар аз ҳизб бунёд нагардидааст.[1]

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки низоми бисёрҳизбӣ дар шароити имрӯза яке аз аломатҳои асосии давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Дар асри XX низомҳои асосии тоталитарӣ пароканда гардида, аксарияти кишварҳо роҳи авторитарии инкишофро рад намуда, роҳи демократикунониро пеша карданд. Лекин на ҳамаи кишварҳое, ки ба самти демократия ҳаракат мекарданд, давлати демократӣ гардиданд. Дар як қатор кишварҳо таҳкими демократия, дар баъзеи дигар бозгашт ба низоми зӯриву зӯроварӣ мушоҳида мешавад ва баъзе кишварҳо муддати тӯлонӣ дар марҳилаи гузариш байни демократия ва авторитаризм қарор доранд. Аз ин рӯ, масъалаи муайян кардани ташаккули ниҳодҳои демократӣ дар кишварҳае, ки дар онҳо демократия таҳким ёфтааст ва кишварҳои ноком дар ин раванд яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Методикаи амрикоии муайян намудани сатҳи демократикунонии давлат ба таҳлили як қатор аломатҳои давлат алоқаманд карда мешавад. Дар ин самт метавон чунин аломатҳо, ба монанди низоми ҳизбӣ, низоми ташаккули элитаи сиёсӣ, сатҳи татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, хусусияти маҳдудкунии конститутсионии ҳокимият ва ҳукумат, ҳаракати амудии ҷомеа бо самтгирӣ ба баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, дастрасӣ ба муассисаҳои ҷамъиятӣ, озодии матбуотро махсусан қайд кардан

[1] Ниг.: Политический журнал «Эксперт». - 1998. - № 9. –С. 62.

лозим аст. Лекин муҳаққиқи амрикоӣ зикр  менамояд, ки демократия танҳо маҷмуи падидаву ҷараёнҳои сиёсӣ нест. Ба хотири рушди демократия зарур аст, ки дар беҳтаркардани шароити зиндагии оммаи мардум натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шавад.[1]

П.Меркл чор унсур ё нишондиҳандаи демократияро ҷудо намудааст. Якум, қонуни паҳнгардида, ки тасдиқи он аз тарафи халқ дар раванди интихоботи даврӣ асоснок шудааст, ки дар натиҷаи он нақши асосӣ дар қабули қарорҳо ба намояндагони ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияи интихобгардида тааллуқ дорад. Дуюм, сиёсати рақобатнок, ки интихобот, ва раванди намояндагиро бо мақсади таъмини интиқоли иродаи халқ ва иҷрои он  пешниҳод менамояд. Сеюм, ҳизбҳои сиёсӣ, ки ҳамчун механизми таъминкунандаи ташаккули иродаи халқ, интихоби он ва таъсиррасонӣ ба ҳукумат баррасӣ карда мешаванд. Чорум, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки онҳо асоси демократияи муосирро ташкил мекунанд.[2]

Таҳлили унсурҳои мазкур нишон медиҳад, ки онҳо дар шароити амалкарди бисёрҳизбӣ дар кишвар татбиқ карда мешаванд. Яъне метавон зикр  намуд, ки раванди интихобот ва фаъолияти намояндагони халқ дар ҳолати мавҷудияти бисёрҳизбӣ самаранок мегардад; мавҷудияти ҳизбҳои зиёд дар доираи низоми бисёрҳизбӣ сиёсати рақобатнокро таъмин менамояд; дар доираи бисёрҳизбӣ иродаи халқ ташаккул меёбад ва дар доираи фаъолияти ҳизбӣ мутаносибан ба ҳукумат таъсир расонида мешавад; ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар доираи мавҷудияти бисёрҳизбӣ таъмин карда мешаванд.

Демократия ҳамчун низоми сиёсие баррасӣ карда мешавад, ки ба шаҳрвандон имконияти доимӣ ва конститутсионии ивазнамоии ҳукуматро бо воситаҳои осоишта, бо қарори аксарият пешниҳод

---

[1] Ниг.: Паренти М. Демократия для избранных. Настольная книга о политических играх в США. - ., 2006. С.394.

[2]Ниг.: Меркл П. Каковы сегодняшние демократии? // Международный журнал социальных наук. 1993. №3. С.141-142,

мекунад. Ин ба одамон имконият медиҳад, ки бо кумаки ҳизбҳои сиёсӣ ва ассотсиатсияҳо дар амал бе монеа аз тамоми ҳуқуқҳои аз ҷониби умум эътирофгардидаи шаҳрвандӣ, таъминоти кафолатҳои ҳуқуқӣ истифода намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ, дар ҳолати риоя нагардидани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии одамон метавонанд ба мақомоти дахлдор шикоят намоянд.

Шароит ва заминаҳои демократияро Ш.Эйзштадт ба таври дигар тавсиф намуда, якчанд шартҳоро нишон додааст. Якум, тақсимоти захираҳо ва ҳокимият дар ҷомеа, ки дастрасии доимии иштирокдоронро ба захираҳои барои иштироки сиёсӣ зарурӣ таъмин менамояд. Дуюм, муносибати байни марказҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ ва иқтисодӣ ва ниҳодҳои марказии сиёсӣ, бунёд ва таҳкими соҳаҳои мухтори ҷамъиятӣ.[1]

Барои шарти якум муқаррарот оид ба роҳ надодан ба монополизатсияи захираҳои калидӣ ва сарчашмаҳои ҳокимият дар ҷомеа аз тарафи гурӯҳи муайян, инчунин мавҷудияти марказҳои мухталифи ҳокимият, ки метавонанд берун аз таъсири ҳокимияти сиёсӣ қарор дошта бошанд, муҳим ҳисобида мешавад. Дар ин самт, танҳо тариқи бисерҳизбӣ имконият пайдо мешавад, ки захира ва сарчашмаҳои ҳокимият байни ҳизбҳои сершумори амалкунанда тақсим гардида, эҳтимоли монополизатсия бартараф карда шавад.

Барои шарти дуюм тавсеаи доимии дастрасии мустақили гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба саҳнаи сиёсӣ омили муҳим ҳисобида мешавад. Барои таъмини чунин дастрасӣ рушд ва амали доимии сохторҳо ва ташкилотҳои ниҳодӣ барои алоқаи байни бахши ҷамъиятӣ ва ҳокимияти сиёсӣ зарур аст. Чунин имконияти дастрасии мустақилро маҳз низоми бисёрҳизбӣ таъмин менамояд. Мавҷудияти миқдори зиёди ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми ҳизбӣ метавонад барои ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ имконияти васеи воридшавӣ ба ҳаёти сиёсиро пешниҳод кунад. Илова бар ин

---

[1] Ниг.: Эйзенштадт Ш.Н. Парадокс демократических режимов: хрупкость и изменяемость (II) // Полис. 2002. №3. С.86.

бисёрҳизбӣ метавонад, ки барои ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ имконияти алоқаҳоро бо ҳокимияти сиёсӣ таъмин кунад.

Шарти сеюми демократия мавҷудияти соҳаҳои мустақили ҷамъиятиро, ки ба сохторҳои давлатӣ ва ба доираи корпоративии бахши ҷамъиятӣ тобеъ нестанд, тақозо мекунад. Онҳо бояд аз назорати давлатӣ озод бошанд. Дар ин самт метавон мақомоти калидии намояндагии сиёсӣ ва созмонҳои сиёсӣ, ба монанди ҳизбҳо ва дигар ассосиатсияҳои сиёсӣ, инчунин роҳҳо ва воситаҳои коммуникативиро номбар намуд. Дар шарти сеюми таҳкими демократия низ низоми бисёрҳизбӣ мавқеи хосса дорад.

Демократия чунин шакли ташкили ҳаёти сиёсӣ аст, ки интихоби озод ва рақобатноки ин ё он алтернативаи рушди ҷамъиятӣ, ба раванди демократӣ воридшавии тамоми институтҳои сиёсӣ, шароитро барои фаъолнокии сиёсии тамоми аъзоёни ҷомеаи сиёсӣ таъмин менамояд. Аз ҳисоби иштироки якҷояи тамоми қишрҳои аҳолӣ дар ҳокимият имплементатсияи намояндагии демократия имконпазир мегардад. Демократия ивазнамоии ҳатмии ҳизби ҳукмронро талаб намекунад, лекин имконияти чунин ивазнамоӣ бояд вуҷуд дошта бошад. Дар шароити демократия масъалаи ҳамкории давлат ва ҷомеа бо назардошти дархостҳои мухталифи шаҳрвандон ба фоидаи ҷомеа, ҳал карда мешавад.

А. Хадениус зикр менамояд, ки алоқаи байни рушди бисёрҳизбӣ ва рушди демократия, асосан ҳамчун қонуният қабул карда мешавад. Албатта, имконияти муайяни вобастагӣ имконпазир аст, лекин мавҷудияти он ҳанӯз исбот нашудааст. Ба суханони дигар, бо рушди ҳизбҳои сиёсӣ алоқаманд намудани мавҷудияти демократия навъи муайян муболиғаи иғроқ аст.[1]

[1] Ниг. : Hadenius A. Party Development: Russia in a Comparative Perspective. В кн.: The Political Party System in Russia in the period of Yeltsin Presidency / Ed. by A. Hadenius, V. Sergeev. Moscow: Letny Sad, 2008. P. 6.

Раванди ниҳодигардонӣ шарти муҳимми устуворӣ ва самаранокии низоми сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми "ниҳодигардонӣ" раванди таъсис, рушд ва азхудкунии меъёр ва нақшҳои зарурӣ, арзишҳо ва намунаҳои рафтори сиёсӣ, воситаҳои назорати рафтор, инчунин натиҷаи раванде, ки дар доираи он амалҳои сиёсӣ танзим гардида, хусусиятҳои устувори сохтори сиёсиро касб менамоянд, фаҳмида мешавад.[1] Дар ҳар як ҷомеа ҷойгиршавии махсуси ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ сурат мегирад. Ниҳодҳои ҳокимиятӣ бояд ба хусусиятҳои вазъияти мушаххаси таърихӣ мувофиқ гардида бошанд.[2] Ниҳодҳои сиёсӣ ба ниҳодҳои ҳокимият ва ниҳодҳои иштирок ҷудо мешаванд. Ба ниҳодҳои ҳокимиятӣ ҳамон ниҳодҳое ворид карда мешаванд, ки дар сатҳҳои мухталиф дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ иштирок менамоянд. Ба ниҳодҳои гурӯҳи дуюм-ниҳодҳои иштирок сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил мешаванд.

Маҷмуи ниҳодҳои сиёсӣ низоми сиёсиро ташкил мекунад, ки ягонагии муайян, ҳамкории субъектҳои сиёсат, дигар унсурҳои воқеияти сиёсиро пешниҳод менамояд. Механизми ҳокимияти сиёсӣ бо хусусияти фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ, восита ва методҳои истифодашаванда муайян карда мешавад. Ба ҳайси ниҳоди асосии ҳокимиятӣ давлат баромад менамояд, ки тамоми ҳокимияти ҷамъиятиро амалӣ мекунад. Давлат бо фаъолияти худ тамоми аъзоёни ҷомеаро фаро мегирад, ба пуррагӣ манфиати тамоми синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ифода менамояд, дастгоҳи идоракуниро ташаккул медиҳад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолиятро танзим менамояд. Дар амалӣ намудани ҳокимият аз тарафи давлат қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мақоми махсус дорад. Ҳуқуқ нерӯи қонунии сиёсати амалишавандаро таъмин менамояд. Ниҳоди дигари муҳимми сиёсӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад, ки

[1] Ниг.: Ачкасов В.А., Грызлов Б.В. Институты западной представительной демократии в сравнительной перспективе. - СПб., 2006. С.6.
[2] Ниг.: Арон Р. Демократия и тоталитаризм. - М., 1993. С.46.

дар доираи он фаъолияти ниҳодҳои ғайридавлатии сиёсӣ амалӣ мегардад.

Дар кишварҳои собиқи авторитарӣ дар раванди демократикунонӣ масъалаи самаранокии ниҳодҳои сиёсӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Ниҳодҳои нави сиёсии демократӣ наметавонанд самаранок гарданд, зеро аз тарафи гурӯҳҳои оммавӣ ва элитарӣ дастгирӣ карда намешаванд. Азбаски барои аксарияти аҳолӣ ниҳодҳои мазкур самаранок нестанд, воситаи ҳалли проблемаҳои мавҷуда шуда наметавонанд, дастгирӣ ва қонунӣ будан насиби онҳо намегардад.[1] Аз ин рӯ масъалаи асосии марҳилаи гузариши демократия самаранокӣ ба ҳисоб меравад. Дар як қатор кишварҳои собиқи шӯравӣ чунин ақида паҳн гардидааст, ки ниҳодҳои демократия ғайрисамаранок буда, ба анъанаҳои миллии давлат мувофиқ нестанд. Таҳлили самаранокии ташаккули режимҳои демократӣ собит месозад, ки ниҳодҳои сиёсии демократӣ воқеан танҳо дар натиҷаи раванди тӯлонии рушд ва мутобиқгардӣ ба шароит ва анъанаҳои ҷомеаи мазкур самаранок мегарданд. Ин иддаоро таҷрибаи бунёди демократии кишварҳои Ғарб тасдиқ менамояд. Демократия, ки ҳамчун низоми сиёсӣ баррасӣ карда мешавад, низоми ҷараёнҳои заминавии қабули қарор ба ҳисоб меравад. Истифодаи ин ҷараёнҳо мавҷудияти ҳуқуқ, масъулият, озодӣ ва маҳдудиятҳои муайянро пешбинӣ мекунад, ки татбиқи онҳо танҳо бо мавҷудияти ниҳодҳои муосири иштироки сиёсӣ имконпазир аст.[2] Ба ниҳодҳои иштироки сиёсӣ ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, гурӯҳи манфиатҳо, яъне ҳамон сохторҳо, ки мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ"-ро ифода менамоянд, дохил карда шудаанд. Ҳамгироии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат дар демократияи муосир тариқи низоми намояндагии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар ҳалли

[1] Ниг.: Шапиро И. Демократическое правосудие // Теория и практика демократии. Избранные тексты. - М., 2006. С.212.
[2] Ниг.: Даль Р. Принятие решения в демократическом обществе: Верховный суд и его влияние на политический курс государства // Теория и практика демократии. Избранные тексты. - М., 2006. С.211.

масъалаҳои ҳокимиятӣ, интихобот ба сохторҳои намояндагии давлат, ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иштирок дар раъйпурсӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳимми умумдавлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар амалгардонии низомҳои намояндагӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ нақши муҳим тааллуқ дорад, ки манфиатҳои иҷтимоиро муттаҳид карда, алоқаи низоми сиёсӣ ва муҳити берунаро таъмин менамоянд. Плюрализми иҷтимоии ҷомеаҳои муосир плюрализми сиёсиро талаб менамояд, ки тариқи низоми бисёрҳизбӣ амалӣ карда мешавад. Низоми сиёсии муосир дар ҳолати мавҷуд набудани оппозитсияи сиёсӣ, ки натиҷаи плюрализми ҳизбӣ ба ҳисоб меравад, демократӣ буда наметавонад.

Яке аз унсурҳои муҳимми системаҳои сиёсии муосир ниҳоди интихоботи умумихалқӣ ба ҳисоб меравад. Бо шаҳодати он ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандон ба ташаккули ҳокимияти намояндагӣ – аз мақомоти маҳаллӣ то президент амалӣ карда мешавад. Интихобот воситаи ивазкунии элитаи ҳукмрон тариқи изҳори иродаи аҳолӣ, воситаи қонунӣ гардонидан ва устувории ҳокимият ба ҳисоб меравад. Интихобот имконият медиҳад, ки ҷойгиршавии нерӯҳои сиёсӣ дар сохторҳои ҳокимият ошкор ва сатҳи боварии ҷомеа ба ҳизбҳо ва барномаҳои онҳо муайян карда шавад.

Дар раванди интихобот махсусан иҷтимоишавии сиёсӣ фаъол мегардад, арзишҳои сиёсӣ аз худ карда мешаванд, маҳорат ва таҷрибаи сиёсӣ ба даст оварда мешавад. Интихобот чунин шакли назорати аҳолӣ аз болои элитаи сиёсӣ аст, ки ба халқ ваколатҳои ҳокимиятӣ медиҳад. “Демократия ин имконияти халқ дар қабул ё рад намудани ҳамон одамоне мебошад, ки онҳоро идора мекунанд”.[1] Агар ҳокимият манфиати интихобкунандагонро ифода накунад, интихобот имконият медиҳад, ки он иваз карда шавад, ваколати идоракунӣ ба нерӯҳои оппозитсионӣ дода шавад, ки чун қоида дар интихобот бо танқиди ҳукумати мавҷуда иштирок менамоянд. Омодагии ҷомеа ба

[1] Шумпетер Й. Капитализм, социализм и демократия. - М., 1995. С.372.

гузаронидани интихобот аломати муҳимми демократӣ будани он, қобилияти ҳалли масъалаҳои ҷойдошта бо воситаҳои осоиштаи сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, интихобот як навъ бозори сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки дар доираи он номзадон ба интихобкунандагон барнома ва ваъдаҳои худро бар ивази ваколатҳои ҳокимиятӣ пешниҳод менамоянд. Ба монанди дигар бозорҳо, дар ин ҷо низ фиреб ва суиистифода аз боварии интихобкунандагон мавҷуд аст. Аз ин хотир интихобот дар ҳолати мавҷудияти қонунгузорӣ оид ба низомҳои интихоботӣ ва мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун маҷмӯи созмон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки манфиат ва талаботи шаҳрвандонро ифода менамоянд, самаранок мегардад.

Дар равандҳои муосири демократӣ нақши афкори умум дар рушди ниҳодҳои сиёсӣ, ки тариқи воситаҳои ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо амалӣ мегардад, аҳаммияти муҳимро касб намудааст. Муҳаққиқони рус В.В.Лапкин ва В.И.Пантин ба шаффофияти ин воситаҳо, яъне ба қобилияти интиқоли дархостҳои афкори умум ба ниҳодҳои сиёсӣ бе таҳриф ва иваз намудани онҳо бо дархостҳои маҳдуди гурӯҳӣ диққати махсус додаанд. Дар ин самт сухан дар бораи интиқоли объективии дархост ва интизориҳои аксарияти одамон аз тарафи воситаҳои ахбори омма, озодии интихобот, ҷавоби ҳокимият ба дархост ва интизориҳои мардум дар муддати кӯтоҳ меравад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки аксарияти муҳаққиқон масъалаи мазкурро бо масъалаи қонунӣ будани худи ниҳодҳои сиёсӣ алоқаманд намудаанд. Қонунӣ будан як навъ шакли дастгирӣ, асосноккунии қобили қабул будани истифодаи ҳокимият ва истифодаи шакли мушаххаси идоракунӣ аз тарафи давлат ё аз тарафи сохторҳо ва ниҳодҳои алоҳида ба ҳисоб меравад. Қонунӣ будани ин ё он ниҳоди сиёсӣ аз бисёр ҷиҳат, бо дарки зарурати ин ниҳод аз тарафи аксарияти аҳолӣ ва иттилоъдиҳӣ оид ба фаъолияти он муайян карда

мешавад, ки бе мавҷудияти воситаҳои ҳамкорӣ байни ин ниҳодҳо ва доираҳои васеи аҳолӣ ғайриимкон аст.

Масъалаи ҳамкории дар ҳоли рушди афкори умум ва ниҳодҳои сиёсӣ дар марҳилаи тағйирпазирии низоми ниҳодҳои сиёсӣ аҳаммияти махсус касб мекунад, зеро маҳз дар чунин марҳилаҳо масъалаи машруияти ниҳодҳои нав ва ниҳодҳои мавҷуда тезу тунд гардида, ба афзоиши нақши афкори умумӣ оид ба зарурат ва мақсаднокии чунин ниҳодҳо мусоидат менамояд. Дар ин самт ду проблемаи муҳим ҷудо карда мешавад. Якум, ниҳодҳои нави сиёсӣ наметавонанд, ки яку якбора дастгирӣ ва эътирофи афкори умумро ба даст оранд. Дуюм, бе маъракаҳои васеи шарҳдиҳӣ дар воситаҳои ахбори омма, бе дастгирии нерӯҳои сиёсии бонуфуз ниҳодҳои нави сиёсӣ наметавонанд рушд кунанд.

Хусусияти ҳамкории иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон ва давлатро самаранокии низоми сиёсии ҷомеа, ки тариқи он ҳокимияти сиёсӣ ба пуррагӣ амалӣ мегардад, муайян менамояд. Хусусияти функсионалии низоми сиёсӣ режими сиёсӣ баромад менамояд, ки ҳамчун маҷмуи муносибатҳои сиёсӣ, ки барои навъи муайяни кишвар хос мебошанд, восита ва методҳо, ки аз тарафи ҳокимият истифода карда мешавад, шаклҳои ҳукмрони идеология, муносибатҳои мутақобилаи иҷтимоӣ ва синфӣ, вазъияти фарҳанги сиёсӣ баромад менамояд.[1]

Бисёрҳизбӣ ва низоми интихоботӣ ба якдигар алоқаманд мебошанд. Ҳизбҳо дар раванди интихобот, махсусан дар ташкил, гузаронидан ва таъсиррасонӣ ба интихобкунандагон нақши калон мебозанд. Нақш ва вазифаи ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми бисёрҳизбӣ дар ташкил ва гузаронидани интихобот гуногунҷанба мебошад. Маҳз ҳизбҳои сиёсӣ чунин вазифаи муҳим, ба монанди интихоб ва пешбарии номзадҳоро таъмин намуда, ба интихобкунандагон имконияти қабули ин ё он номзади мушаххасро пешниҳод мекунанд. Дар шароити имрӯза, қариб

[1] Ниг.: Политология: Энциклопедический словарь. - М., 1993. С.296.

тамоми интихоботҳо дар асоси фаъолияти ҳизбӣ мегузаранд, номзадҳои мустақил хеле кам мушоҳида мешаванд. Ҳизбҳо ба "коркард" –и интихобкунандагон машғул гардида, маҷмуи васеи услубҳо – аз методҳои илман асоснок, манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ то воситаҳои анъанавии рекламаи тиҷоратиро истифода менамоянд.[1]

Ба назари мо барои самаранок гардидани бисёрҳизбӣ ҷанбаҳои зеринро ба инобат гирифтан зарур аст:

-мавҷудияти иттиҳодияҳои муташаккили сиёсии шаҳрвандон - ҳизбҳои сиёсӣ. Чи қадаре, ки дар давлати алоҳида миқдори зиёди ҳизбҳо фаъолият дошта бошад, ҳамон қадар самаранокии низоми бисёрҳизбӣ таъмин мегардад;

- дар ҷомеа мавҷуд будани ақида ва ғояҳои мухталиф, ки боиси ташаккули ҳизбҳо ва мухолифату рақобати байни онҳо мегарданд;

-танзими қонунгузории мавқеи ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ, вазифа, ваколат ва масъулияти онҳо, яъне зарур аст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ тамоми шароити фаъолияти ҳизбҳоро муқаррар карда, дар ин самт монеаҳо эҷод нанамояд;

- баробарии тамоми ҳизбҳои сиёсӣ дар назди қонун;

- манъ гардидани бунёд ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ки мақсади онҳо зӯран иваз кардани сохти конститутсионӣ, халалдор намудани амният, бунёди гурӯҳҳои ҳарбӣ, барангехтани кинаву адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ дар кишвар мебошад;

-имкониятҳои ба таври қонунӣ муқарраргардидаи иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккул ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

- ба роҳ мондани шаклҳои мухталифи низоми ҳизбӣ дар давлат.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки дар ҳолати ба инобат гирифтани ҷанбаҳои мазкур, шароитҳои мусоид барои ташаккул ва

[1] Ниг.: Саюров Н.Ф. Партии в политической системе германского общества. - Липецк: ЛЭТИ. 2000. - С.87

инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ба миён меоянд, ки онҳо дар навбати худ ба татбиқи низоми бисёрҳизбӣ ва самаранокии он мувофиқат менамоянд.

Самарабахшии низоми бисёрҳизбӣ аз як қатор меъёрҳо вобаста аст. Ба чунин меъёрҳо метавон нишондиҳандаҳои асосии низоми бисёрҳизбиро ворид намуд. Дар шароити муайян нишондиҳандаҳои зерин нишондиҳандаҳои асосии низоми бисёрҳизбӣ ба шумор мераванд:

- баробарии ҳизбҳо: дар фаъолият ва мубориза худ ҳизбҳо бояд дар доираи низоми бисёрҳизбӣ имкониятҳои баробар дошта бошанд, тавонанд, ки аз воситаҳои ахбори омма дар интихобот ва марҳилаи байни интихоботҳо истифода намоянд. Зикр намудан зарур аст, ки баробарии ҳизбҳо принсипи асосии амалкарди бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати иҷро нагардидани нишондиҳандаи мазкур, як ё якчанд ҳизб мавқеи хосса пайдо намуда, ҳизбҳои дигар имконияти таъсиррасонӣ ба вазъияти сиёсиро дар кишвар аз даст медиҳанд. Илова бар ин, дар ҳолати риоя нагардидани принсипи мазкур имкони ғасби ҳокимият аз тарафи як гурӯҳи сиёсӣ пайдо мешавад;

-интихобӣ будан: барои самаранокии амалҳои худ ҳизбҳои сиёсӣ бояд имконияти баробари интихоб гардидан дар мақомоти давлатиро дошта бошанд;

-шаффофияти фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ: интихобкунандагон бояд имконияти воқеии назорати амал ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дошта бошанд;

-принсипҳои дақиқи ҳамкориҳо байни ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин байни ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимият.

Таҳлили принсипҳо ва нишондиҳандаҳои мазкур барои фаъолияти самараноки низоми бисёрҳизбӣ зарур аст, зеро бе риояи онҳо низоми бисёрҳизбӣ ташаккул намеёбад.

Ҷанбаи дигари самаранокии низоми бисёрҳизбӣ аз самаранокии худи ҳизбҳои сиёсӣ вобаста буда, дар асоси найли мақсадҳо муайян карда

мешавад. Самаранокии фаъолияти ҳизбҳо ба таври зерин арзёбӣ мешавад:

- самаранокии истифодаи механизмҳои ҳокимият аз тарафи ҳизбҳо барои ифода ва ҳимояи манфиатҳои қисми муайяни ҷомеа;

-хусусиятҳои асосии фаъолияти дохилии ҳизб;

-миқдори аъзоён ва пайравони ҳизби сиёсӣ;

-таркиби иҷтимоии ҳизб.[1]

Нишондиҳандаи якум – самаранокии истифодаи механизмҳои ҳокимият аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ бо сатҳи намояндагӣ дар мақомоти қонунгузор ва қобилияти таъсиррасонӣ ба самти рушди сиёсӣ мувофиқи манфиатҳои гурӯҳҳои ҷомеа, ки ҳизби мазкурро дастгирӣ менамоянд, муайян карда мешавад.

Хусусияти ҳаёти дохилии ҳизби сиёсӣ аз рӯи нишондиҳандаи марказонӣ ва марказгурезӣ арзёбӣ мешавад. Марказонии ҳаёти дохилии ҳизбӣ ба содаргардии низом оварда мерасонад. Ба ин раванд як қатор аломатҳо хос мебошад. Якум, бартарии интиқоли иттилоот аз канораҳо ба марказ, яъне ҳаҷми иттилоот, ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки аз тарафи намояндагиҳои ҳизбӣ дар минтақаҳо пешниҳод мешаванд, аз ҳаҷми фармон ва дастурамалҳои марказ бештар аст. Дуюм, таъин намудани роҳбарон ва номзадҳои ҳизбӣ ба намояндагӣ аз ҳизб аз интихоби онҳо бартарӣ дорад, мутобиқан, ҳокимияти сарварони ҳизбӣ ва бюрократия афзоиш ёфта, имконияти таъсиррасонии ҳизбиёни қаторӣ ба қарорҳои калидӣ кам мешавад. Сеюм, дар ҳолати марказонида будани ҳаёти дохилиҳизбӣ давомнокии марҳилаи кор бо мақомоти роҳбарикунанда меафзояд. Мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбӣ ба атроф (переферия) ҳамон ҳаҷми иттилоотро, ки аз онҳо дар шакли ҳисобот ба даст меоранд, паҳн менамоянд. Дар ин маврид иттилоотонии ҳизбиёни қаторӣ ба иттилоотонии сарварони ҳизбӣ монанд мегардад. Тамоми

[1] Ниг.: Радкевич С. Как взять и/или удержать власть: секреты строительства непобедимой партии / С. Радкевич. - Ростов н/ Д: Феникс, 2007. - С. 11.

шахсони ваколатдор дар ҳизб ва намояндагони халқ дар тамоми сатҳҳо ҷараёни интихоботи дохилиҳизбиро паси сар менамоянд. Марҳилаҳои кори мақомоти роҳбарикунанда коҳиш меёбад, анҷуманҳо даъват карда мешаванд.

Нишондиҳандаи дигар миқдори аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Миқдори аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ бояд дар сатҳе қарор дошта бошад, ки баҳри мубориза барои ҳокимият кофӣ бошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки чи қадаре ки миқдори аъзоён ва пайравони ҳизбҳои сиёсӣ бисёр бошад, ҳамон қадар ҳизбҳои сиёсӣ дар мубориза барои ҳокимият ё таъсиррасонӣ ба тақсимоти ҳокимият мавқеи устуворро ба даст меоранд. Нишондиҳандаҳои мазкур мувофиқи ташкили дохилии ҳизб метавонанд самаранокии ҳизбҳои сиёсиро арзёбӣ намоянд. Ҳамин тариқ, фаъолияти дохилии ҳизб аз ҷанбаҳои мазкур иборат мебошад, ки ба самаранокии фаъолияти он таъсири амиқ мерасонанд.

Дар аксарияти кишварҳои Ғарб муддати тулонӣ принсипҳои гуногунии идеологӣ ва плюрализми сиёсӣ ба роҳбарӣ гирифта шудааст, ки имконияти ба таври мунтазам ивазкардани гурӯҳҳо ва элитаҳоро дар ҳокимият пешбинӣ мекунад.

Бунёди бисёрҳизбӣ худ ба худ муҳим нест. Аксарияти муҳаққиқон масъалаи зеринро баррасӣ менамоянд: ташаккули бисёрҳизбии низомҳои парламентӣ то кадом андоза ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки онҳо дар ҷомеаҳои рушдкунандаи демократӣ зиндагӣ намоянд. Масъалаи дигар он аст, ки то кадом андоза баъзе аз рафторҳои ҳизбҳо ё парламентҳо метавонанд ба халқ дар амалигардонии саъйю кӯшишҳои демократӣ ва, ҳатто, ташаккули онҳо халал расонанд[1].

Як қатор муҳаққиқон бо фаҳмиши демократия ҳамчун муборизаи рақобатноки танзимшаванда барои ҳокимияти сиёсӣ тариқи интихоботи умумхалқӣ, ки Шумпетер пешниҳод кардааст, розӣ нестанд.

---

[1]Ниг.: Кисс Э. Искажают ли партии демократию? / Конституционное право: восточноевропейское обозрение. -1996. - № 2.

Департаменти давлатии ИМА дар арзёбии ҳукумати кишварҳои алоҳида интихоботро дар асоси бисёрҳизбӣ ҳамчун нишондиҳандаи демократия тавсиф намудааст. Аксарияти коршиносон дар арзёбии равандҳои демократикунонӣ зикр менамоянд, ки интихоботи рақобатнок худ ба худ ҷомеаи воқеии демократиро кафолат дода наметавонад. Э.Кисе зикр менамояд, ки дар як қатор кишварҳои Аврупо таҳдидҳои "сохторӣ" ва "рафторӣ" –и демократия аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ва парламентҳо мавҷуд аст.[1]

Дар асоси таҳлили бисёрҳизбӣ дар низоми сиёсии ҷомеа, ҷанбаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

-дар баробари ҳокимияти халқ, тақсимоти ҳокимият, гуногунии сиёсӣ ва идеологӣ, бисёрҳизбӣ ба таркиби асосҳои конститутсионӣ дохил буда, низоми сиёсии демократиро тавсиф менамояд;

- дар низоми асосҳои сохти конститутсионӣ бисёрҳизбӣ, гуногунии идеологӣ ва сиёсӣ ба якдигар алоқаманд мебошанд, зеро ба ҳам таъсир расонидани онҳо бунёди демократии давлат, имконияти амалигардоии иродаи гурӯҳҳои мухталифи аҳолиро дар асосҳои қонунӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, дар асоси баррасии нақш ва мақоми бисёрҳизбӣ дар ҳаёти сиёсӣ ҷомеа метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

-ҳизбҳо дар таҳия, истифода ва ҷорӣ намудани қоидаҳои ҳамкориҳои ниҳодҳои сиёсӣ иштирок намуда, вазифаи "ҳукуматӣ"-ро иҷро менамоянд;

- ҳизбҳои сиёсӣ ирода ва манфиати гурӯҳҳои иҷтимоиро пешниҳод ва ифода менамоянд ва онҳоро ба мақомоти ҳокимият мерасонанд ва ба ин васила вазифаи робитавиро иҷро менамоянд, яъне алоқамандии ҳокимият ва ҷомеаро таъмин мекунанд;

---

[1]Ниг.: Кисс Э. Искажают ли партии демократию? / Конституционное право: восточноевропейское обозрение. -1996. - № 2.

-ҳизбҳо, чун қоида, дар саҳнаи интихобот “бозигарони” фаъол ва самаранок буда, дар доираи фаъолияти худ номзадҳоро омода менамоянд, дастгирии сиёсӣ ва технологии маъракаи интихоботиро таъмин мекунанд;

-ҳизбҳои сиёсӣ ба таври назаррас тағйирпазирии ҷаҳони сиёсатро таъмин намуда, барои ба ҳокимият таъсир расонидани шаҳрвандон ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ имконияти нав ба миён меоранд;

-низоми бисёрҳизбӣ дар шароити имрӯза яке аз аломатҳои асосии давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Дар асри XX низомҳои асосии тоталитарӣ пароканда гардида, аксарияти кишварҳо, роҳи авторитарии инкишофро рад намуда, роҳи демократикунониро пеш гирифтаанд. Лекин, на ҳамаи кишварҳое, ки ба самти демократия ҳаракат мекарданд, давлати демократӣ гардиданд.

## 1. 3. Характер ва нақши ҳамкории системаи бисёрҳизбӣ бо институтҳои дигари низоми демократӣ

Инкишофи бисёрҳизбӣ бо роҳандозии принсипҳои демократии ташкили ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мебошад. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон барои рушди ҳизбҳои сиёсӣ шароити мусоид ба миён омад, зеро дар аксарияти кишварҳои Аврупои Ғарбӣ принсипҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда шуданд.[1] Дар як қатор кишварҳо, ки низоми парламентии идоракунӣ ҳукмфармо буд, ҳизбҳои сиёсӣ пароканда шуданд. Масалан, дар Норвегия ва Дания ду ҳизби пурқуввати самтияташон иҷтимоӣ-демократӣ пайдо шуданд. Дар як қатор кишварҳо, ки раванди сиёсӣ зери таъсири ҳодисаҳои инқилобии демократӣ рушд мекарданд, аксарияти ҳизбҳо дар номи худ ё дар барномаҳои худ мафҳуми “сотсиализм”-ро васеъ истифода менамуданд. Ҳамин тариқ, дар як қатор бо ҳизбҳои сотсиалистӣ ва коммунистӣ дар

[1]Ниг.: Амосов М.И. Многопартийность: опыт демократических стран и его значение для России. – СПб.: Прогресс. ПОГОДА. 1998. -С.14.

парламент ҳизбҳое намояндагӣ менамуданд, ки дар номи онҳо мафҳуми “сотсиализм” ҷой дошт. Низомҳои бисёрҳизбӣ босуръат дар кишварҳои пасокоммунистии Аврупои Шарқӣ инкишоф ёфтанд. Лекин ба ин минтақа хусусиятҳое, аз қабили парокандагии нерӯҳои сиёсӣ, ташаккулёбии тӯлонӣ ва ҷойгиршавии махсуси нерӯҳои сиёсӣ хос аст. Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки рушди бисёрҳизбӣ ба таври васеъ дар ҳамон кишварҳое паҳн мегардад, ки дар онҳо асосҳои демократии ҳаёт ва фаъолият барқарор гардидаанд.

Омили дигари рушди бисёрҳизбӣ тағйирёбии асосҳои иҷтимоии ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Зикр намудан зарур аст, ки пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар кишварҳои Ғарб сатҳи зиндагии қишрҳои васеи аҳолӣ боло рафта, миқдори зиёди шаҳрвандон дар соҳаи хизматрасонӣ ё ҳамон соҳаҳои бо меҳнати зеҳнӣ алоқаманд, машғули кор буданд.

Дар натиҷа қишрбандии иҷтимоии ҷомеа заиф мегардад: мухолифати байни талабот ва истеъмоли сарватмандон ва оммаи васеи аҳолӣ коҳиш меёбад. Ҳизбҳои сиёсӣ чунин ҳолатро ба инобат мегирифтанд.

Дар кишварҳое, ки моҷароҳои динӣ ва этникӣ мавқеи асосӣ доштанд, дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ хусусияти синфӣ ба инобат гирифта намешуд. Ҳизбҳои либералӣ дар Аврупо заминаи пешинии иҷтимоии худ – намояндагони қишрҳои миёна ва ҳунармардон буданро аз даст медоданд. Ба ин нигоҳ накарда, дар як қатор кишварҳо, ҳизбҳои либералӣ солҳои охир ба қишрҳои дигар рӯй оварда, мавқеи худро мустаҳкам намудаанд.

Яке аз самтҳои асосии рушди бисёрҳизбӣ пайдоиши ҳизбҳои нав ба ҳисоб меравад, ки ба сохторҳои анъанавии сиёсӣ мухолифат нишон медиҳанд. Ба қатори созмонҳои нав метавон ҳизбҳои экологӣ, ки дар солҳои 80-уми асри XX дар интихоботҳои умумимиллии як қатор кишварҳо ба дастгирии муайян ноил гардидаанд, дохил намуд. Зикр намудан зарур аст, ки ҳизбҳои экологӣ дар баробари самтгириҳои

экологӣ, самти умумидемократиро низ таҷассум менамоянд. Ҳамин тариқ, самти муайяни пурра намудани ҳаракатҳои “чапгаро”бо “ҳизбҳои экологӣ” ба миён омад, ки ба таври доимӣ ба ҷойгиршавии нерӯҳои сотсиал-демократӣ дар марказ ва заиф гардидани мавқеи устувори ҳизбҳои коммунистӣ оварда расонид. Лекин, дар хотир бояд дошт, ки ҳизбҳои экологӣ дар марҳилаи муосир метавонанд танҳо дар кишварҳои нисбатан рушдкарда, ки низоми мутаносиби интихобот доранд, муваффақ гарданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳизбҳои анъанавӣ, имрӯз аллакай ба масъалаҳои экологӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд, ки дар натиҷа, тавсеаи таъсири минбаъдаи ҳизбҳои экологӣ зери шубҳа гузошта мешавад.

Аз нуқтаи назари сохтори сиёсии кишвар, бисёрҳизбӣ дар қатори гуногунии идеологӣ ба ҳайси яке аз шаклҳои плюрализми сиёсӣ баромад мекунад, ки ҳамчун принсипи асосии сохтори демократӣ хизмат менамояд. Гуногунии сиёсӣ маъмулан ҳамчун плюрализми сиёсӣ баррасӣ карда мешавад. Дар ин маврид гуногунии сиёсӣ ва плюрализми сиёсӣ муродиф ҳисобида мешаванд, зеро мафҳуми “плюрализм” аз решаи лотинии «pluralis» гирифта шуда, маънои сершуморро дорад.

Мувофиқи ақидаи Л.А. Нуденко плюрализм ҳамчун асоси сохтори конститутсионӣ ҷанбаҳои зеринро пешниҳод менамояд: ҳавасмандгардонии гуногунии ҳаёти ҷамъиятӣ; мавҷудияти мухолифати ақидаҳо, оппозитсия, мухолифати нерӯҳои сиёсӣ, мавҷудияти низоъҳо; бо ёрии низоми нигоҳдорӣ нигоҳ доштани тавозуни сохторҳои ҷамъиятӣ.[1]

Маҳз тариқи плюрализми афкор коркарди мутобиқи қарор барои кишвар ба даст оварда, мавқеи на танҳо аксарият, балки ақаллиятҳои аҳолӣ ба инобат гирифта мешавад. Барои давлатҳои демократӣ муҳим аст, ки на танҳо гуногунии дар ҳаёти сиёсӣ мавҷуда ба инобат гирифта шавад, балки бо методҳои конститутсионӣ ризоият ба даст оварда

[1]Ниг.: Нудненко Л.А. Конституционное право России: учебник для бакалавров. 2-е изд., перераб. и доп. - С. 161.

шавад, ки ҳамаи ҷонибҳоро қонеъ менамояд.[1] Ҳамин тариқ, плюрализми идеологӣ ва сиёсӣ ҳамчун механизми худтанзимкунии ҷомеа ва яке аз хусусиятҳои моҳиятии демократия бо тақсимоти ҳокимият баррасӣ карда мешавад.[2]

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар бобати мутобиқати плюрализми сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ иттифоқи ороъ ҷой надорад. Як қатор муаллифон қайд мекунанд, ки бисёрҳизбӣ шакли рушдкардаи плюрализми сиёсӣ мебошад. Лекин, лозим ба таъкид аст, ки гуногунии сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ аз якдигар тафовут дошта, чун ҷанбаҳои мустақили сохтори сиёсӣ баромад мекунанд. "Плюрализми сиёсӣ ин муҳити ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ дар низоми ҳокимият ва берун аз он аст, ки дар он шароити пешниҳоди шаклҳои алтернативии қарорҳои сиёсӣ, танқиди шахсони ваколатдор ва мақомоти давлатӣ, баён намудани ақидаҳои алтернативӣ фароҳам оварда шудааст".[3] Ифодагарони ақидаҳои алтернативӣ маҳз ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд.

Хусусияти асосии плюрализми сиёсӣ на танҳо эътирофи он аз тарафи давлат, балки эҳтироми тарҳҳои мухталифи рафтори шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо ба ҳисоб меравад, ки бо соҳаи сиёсӣ алоқаманд мебошанд. Бисёрҳизбӣ бар хилофи гуногунии сиёсӣ дорои ниҳоди расмӣ мебошад, зеро мавҷудияти зиёда аз ду иттиҳоди муташаккили шаҳрвандонро пешбинӣ менамояд, ки онҳо дар бораи роҳҳои рушди давлат нуқтаи назари худро доранд ва мехоҳанд дар татбиқи барномаи ҳизби худ дар сохторҳои ҳокимият иштирок кунанд. Бисёрҳизбӣ дар се ҷанба зоҳир мегардад: ҳамчун асоси сохтори конститутсионӣ; ҳамчун режими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, ки дар он шароити татбиқи қонунии ҳизбҳои сиёсии мухталиф фароҳам оварда мешавад; ҳамчун яке аз

[1]Ниг.: Авакьян С.А. Конституционный лексикон: государственно-правовой терминологический словарь. - М., 2015. С. 492.
[2]Ниг. : Эбзеев Б.С. Конституция, власть и свобода в России: опыт синтетического исследования. - М., 2014. - С. 235–236.
[3] Васильева С.В. Принцип демократии // Основы конституционного строя России: двадцать лет развития / под ред. А.Н. Медушевского. - М., 2013. - С. 54.

навъҳои низоми ҳизбӣ, ки дар он ҷойгиршавии гуногуни нерӯҳои сиёсӣ дар давлат ва парламент таъмин карда мешавад.

Бисёрҳизбӣ асоси сохтори конститутсионӣ аст, ки мундариҷаи он дар мавҷудияти ақида ва ғояҳои мухталифи ҳизбҳои сиёсӣ, ки баҳри ба даст овардан ҳокимият мекӯшанд, зоҳир мегардад. Давлат ба ҳизбҳо ҳуқуқ медиҳад, ки дар идоракунии корҳои давлатӣ тариқи пешниҳод намудани намояндагони худ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, дар чорабиниҳои гуногуни ҷамъиятӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳокимиятӣ иштирок намоянд.

Бисёрҳизбӣ бо "рақобатнокӣ" дар низоми сиёсӣ алоқаманд аст. Мафҳуми "рақобати сиёсӣ" –ро метавон ҳамчун рақобат дар сиёсат, ки барои соҳиб шудан ва нигоҳдории ҳокимият равона карда шудааст ва натиҷаи он аз ҷониби нерӯи сеюм муайян карда мешавад, тавсиф кард.[1] Бо рақобати сиёсӣ бозори сиёсӣ, ки дар муборизаи ғояҳо ва барномаҳои сиёсии сиёсатмадарон зоҳир мегардад, алоқаи бевосита дорад.

Рақобати сиёсӣ унсури муҳимми мундариҷаи ҳар як ҷамоа ба ҳисоб меравад. Механизми асосии рақобати сиёсӣ – раванду амалҳои интихоботӣ, ки дар ҳуқуқи интихоботии умумии баробар, бевосита ва овоздиҳии пинҳонӣ асос ёфтаанд, интихоботи озоди намояндагони шаҳрвандон ба мақомоти интихоботии ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ зоҳир мегардад. Одатан рақобати сиёсӣ ва рушди мунтазами он метавонад устувории тӯлонии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва низоми сиёсиро таъмин намуда, ба он қобилияти худтанзимнамоӣ ва худтакмилдиҳӣ диҳад. Хусусият ва рушди рақобати сиёсӣ аз ҷониби нерӯ ва қувваҳое муайян карда мешавад, ки озодии сиёсӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро дар муносибати мутақобила бо ниҳодҳои давлатӣ дар ташаккули ҳокимияти

[1] Ниг.: Шилов В. Н. Демократическая политическая конкуренция и предпосылки ее эффективности // Научный результат. Сер. Социальные и гуманитарные исследования. 2014. Т. 1, № 1(1). - С. 18–32.

давлатӣ ва маҳаллӣ, дар назорат ва иштирок дар фаъолияти ин мақомот, дар идоракунии корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ риоя ва ҳимоя менамоянд.[1]

Рақобати сиёсӣ мухолифат ва муборизаи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятии сиёсӣ бо мақсади ба даст овардани овози интихобкунандагон, мансабҳо ва захираҳои ҳокимият мебошад. Дар як ҳолат, рақобати сиёсӣ ин вазъияти низоми ҷамъиятӣ-сиёсӣ аст, ки дар шароити он субъекти ваколатдор имкониятҳои ба даст овардани ҳокимиятро дорад. Рақобат танҳо дар ҳамон ҳолат воқеӣ мегардад, ки ҳар як амали мустақили рақибон имконияти бо тартиботи яктарафа таъсир расонидан ба шароити умумии бадастории овози интихобкунандагон, мансабҳо ё захираҳои ҳокимият хориҷ ё маҳдуд карда намешавад.

Ҳамин тариқ, метавон зикр кард, ки бисёрҳизбӣ ва рақобатнокӣ ба якдигар алоқаманд буда, якдигаро пурра менамоянд. Бисёрҳизбӣ имконияти васеъ ва рушди рақобати сиёсиро таъмин менамояд. Дар навбати худ, рақобати сиёсӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки дар мубориза барои амалӣ намудани ҳокимияти сиёсӣ аз тактика ва стратегияи сиёсӣ васеъ истифода кунанд.

Тағйироти даҳсолаҳои охир ба сохтори имкониятҳои сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ дар рақобати сиёсӣ таъсири назаррас расонидааст. Моҳиятан, рақобати сиёсӣ, дар аксарияти кишварҳо, шакли рақобати бардуруғро гирифтааст, ки дар он яке аз ҳизбҳо дар баробари ҳизбҳои дигар имкониятҳои зиёд дорад. Аз ин хотир, дар аксарияти кишварҳои фазои пасошӯравӣ дар низоми сиёсӣ як ҳизби сиёсӣ ҳукмронӣ карда, ҳизбҳои дигар танҳо вонамуд мекунанд, ки рақобат нишон медиҳанд.[2] Комиссияи интихоботӣ ва ҳизби сиёсӣ наметавонанд, ки ҳамчун рақибони солим эътироф гарданд, зеро комиссияҳои интихоботӣ ҳамчун ташкилкунанда ва танзимкунандаи раванди интихобот бояд мавқеи бетарафиро ишғол

[1] Ниг.: Нисневич Ю. А. Роль конкуренции в обеспечении социально-политической стабильности и подавлении коррупции // Вестн. Рос. ун-та дружбы народов. Сер. Политология. 2009. № 3. С. 3–17.
[2] Ниг.: Крусс В.И. Теория конституционного пра-вопользования. - М.: Норма, 2007. С. 648.

намоянд. Танҳо ҳизбҳо метавонанд, ки байни якдигар барои овози интихобкунандагон, мансаб ва захираҳои ҳокимият рақобат дошта бошанд.

Дар доираи бисёрҳизбӣ муаррифии манфиат ва талаботи гурӯҳҳои мухталиф, аз ҷумла ақаллиятҳо ба роҳ монда мешавад, ки аз ҳувияти сиёсии онҳо вобаста аст. Ташаккули ҳувияти сиёсӣ тариқи мансубияти инсон ё гурӯҳ бо объекти муайяни сиёсӣ, масалан, ҳокимияти мавҷуда бо ниҳодҳои худ, ё мансубияти инсон ба самти муайяни рушди давлат амалӣ мегардад. Пайдоиши ҳувияти сиёсӣ метавонад дар натиҷаи мансубияти субъект ба сарварони мушаххаси сиёсӣ ё сиёсати онҳо оғоз гардад. Субъектҳои сиёсӣ метавонанд ҳувияти худро тариқи ифодаи ҷонибдориашон ба ин ё он идеологияи сиёсӣ ё арзишҳои сиёсӣ зоҳир кунанд. Яке аз шаклҳои ифодаи ҳувияти сиёсӣ худмувофиқнамоии инсон ё гурӯҳ бо ҳизби муайяни сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳувияти ҳизбӣ як навъ дилбастагии инсон ё гурӯҳ ба ҳизби муайян, ҳамбастагӣ ва садоқат ба муваффақият ва нокомиҳои ҳизб ба ҳисоб меравад. Лозим ба зикр, ки ин дилбастагии нисбатан устувор ба ҳизб ба ҳисоб меравад.[1]

Ҳизбҳои сиёсӣ дар навбати худ, манфиат ва талаботи чунин одамон ва гурӯҳҳоро дар равандҳои сиёсӣ муаррифӣ карда, онҳоро ҳифз менамоянд. Маҳз ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳоди махсуси намояндагӣ ба манфиати шаҳрвандон ва ҳалқаи алоқамандкунандаи байни ҷомеа ва давлат баромад мекунанд. Аз сохтор, фаъолият ва вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ самти рушди раванди сиёсӣ вобаста аст. Ҳамин тариқ, метавон зикр кард, ки маҳз низоми бисёрҳизбӣ ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки онҳо муаррификунандаи манфиат ва талаботи одамон ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоии ҷомеа бошанд.

Муддати тӯлонӣ дар аксарияти кишварҳо муборизаи сиёсӣ барои пешниҳоди ҳуқуқи овоздиҳӣ ба тамоми шаҳрвандон дар интихобот, яъне

[1] Ниг.: Фарукшин М.Х. Партийная идентификация в контексте политической идентичности // Политическая идентичность и политика идентичности: очерки / под ред. О.И. Зазнаева. Казань: Отечество, 2011. С. 84–111.

муқаррар намудани ҳуқуқи баробари интихоботӣ давом мекард. Дар натиҷаи чунин мубориза ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи рушди ҳуқуқи интихоботӣ таҳаввулот намуданд, ки ба пайдоиши назарияи рафтори электоралӣ ва ҳувияти ҳизбӣ сабаб гардид. Дар барномаҳои пешазинтихоботӣ ҳизбҳои сиёсӣ наметавонанд манфиат ва талаботи тамоми шаҳрвандонро ифода намоянд, лекин ҳар яке аз онҳо риторика ва сиёсатро муайян намуда, кӯшиш менамояд, ки ҳам дар давраи интихобот ва ҳам дар марҳилаи байни интихоботҳо гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоиро ба фаъолияти худ ҷалб намояд. Дар чунин ҳолат, нақши бисёрҳизбӣ меафзояд, ки ба фаъолияти миқдори зиёди ҳизбҳо мусоидат мекунад ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ тибқи пешниҳод, ифода ва ҳимояи манфиатҳои худ дар фаъолияти ҳизби алоҳида кӯшиш менамоянд, ки онро дар раванди интихобот ва ё дар ҳаёти муқаррарии сиёсӣ дастгирӣ кунанд.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки ҳувияти ҳизбӣ мувофиқи фаъолият ва ҳимояи манфиатҳо аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ташаккул меёбад. Ба ақидаи мо, ҳувияти ҳизбӣ раванди коркарди нуқтаи назар ва муқаррароти мушаххас нисбат ба ин ё он ҳизби сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, ҳувияти ҳизбӣ натиҷаи мутобиқшавии шахс ё гурӯҳ ба ҳизби сиёсӣ ё ташаккули ақидаи инфиродӣ ё дастаҷамъӣ дар бобати як қатор масъалаҳо ҳам дар соҳаи манфиат ва талаботи шахсӣ-ҷамъиятӣ, ҳам дар соҳаи сиёсати давлатӣ бо такянамоӣ ба пешниҳодҳои барномавии ҳизб, риторикаи умумии шаҳрвандон, фарҳанги сиёсии ҳукмрон ё қолабҳои рафтор ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи мо, маҳз дар асоси ифода ва ҳимоя намудани манфиат ва талаботи сиёсии одамон ҳувияти ҳизбӣ ба миён меояд. Ҳувияти ҳизбӣ метавонад дар шакли ҳамраъйӣ бо мақсад ва идеологияи ҳизби сиёсӣ ҳам тариқи овоздиҳӣ дар интихобот, ҳам иштирок ё иҷрои кори сиёсӣ барои ҳизб ифода ёбад.

Бисёрҳизбӣ бо рушди парламентаризм алоқаманд аст. Дар доираи илмҳои сиёсӣ, дар шароити муосир нуқтаи назари ягона ба парламентаризм ташаккул наёфтааст. Як қатор муҳаққиқон парламентаризмро тавассути категорияи "режими сиёсӣ", ки ба мавқеи олии парламент дар низоми мақомоти давлатӣ асос меёбад, баррасӣ менамоянд.[1] Чунин фаҳмиши парламентаризм аввалин маротиба аз тарафи М.А. Моргунова пешниҳод шудааст, ки онро на ҳамчун шакл, балки ҳамчун методи амалигардонии ҳокимияти давлатӣ, режими махсус, ки бо муносибатҳои воқеии мутақобилаи байни ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар давлати мушаххас муайян карда мешавад ва дар он парламент нақши пешбаранда дорад, тавсиф кардааст.[2] Р.М.Романов зикр мекунад, ки парламентаризм низоми идоракунии ҷомеа аст, ки дар доираи он ба таври дақиқ вазифаҳои қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳокимият ҷудо карда мешавад: парламент нисбат ба дигар мақомоти давлатӣ мавқеи пешбарро касб менамояд.[3] Таҳлил нишон медиҳад, ки чунин таърифи парламентаризм то андозае хатарнок аст, зеро дар он парламентаризм бо мавқеи олӣ доштани парламент дар механизми давлатӣ алоқаманд карда мешавад, ки танҳо барои ҷумҳуриҳои парламентӣ хос аст. Дар чунин фаҳмиш парламентаризм бо шакли парламентии идоракунӣ омезиш меёбад. Аз ин хотир, гурӯҳи дигари муаллифон зикр менамоянд, ки парламентаризм ин мавҷудияти парламенти интихобӣ дар низоми мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Парламентаризм яке аз хусусиятҳои ташкили ҳаёти давлатӣ аст, ки бо мавҷудияти парламенти доимамалкунандаи аз тарафи аҳолӣ интихобгардида, мавқеъ ва таъсири он ба корҳои давлатӣ, ҳаёти сиёсӣ,

---

[1] Ниг.: БаглайМ.В. Конституционное право Российской Федерации: Учеб. для юридических вузов и факультетов. 2-е изд., изм. и доп. - М.: НОРМА (Издательская группа НОРМА - ИНФРА-М), 2000. 776 с. – С. 432.
[2] Ниг.: Моргунова М. А. Скандинавский парламентаризм. Теория и практика. - М.: Рос. гос. гум. ун-т, 2001. 350 с. –С. 26.
[3] Ниг.: Романов Р.М. Истоки парламентаризма. От законодательных органов древности до наших дней. 2-е изд., доп. и перераб. - М.: Современная экономика и право, 2006. 296 с. –С. 133.

инчунин шаклҳои махсуси кор ва муносибати аъзоёни парламент ва интихобкунандагон тавсиф карда мешавад.[1]

Ҳамин тариқ, метавон зикр  кард, ки мавҷудияти парламети касбӣ барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар самти иштирок дар раванди қабули қарорҳо ва пешбарии манфиат ва талаботи гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа шароити заруриро таъмин менамояд. Ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар парламент фаъолият мебаранд, дар аксарияти ҳолатҳо на иродаи одамоне, ки онҳоро интихоб кардаанд, ба роҳбарӣ мегиранд, балки пурра ба тартиботи ҳизбӣ тобеъ мебошанд.  Онҳо дар назди ҳизб масъулият дошта, фаъолияти худро дар мувофиқа бо ҳизби сиёсӣ ба роҳ мемонанд.

Намояндагии манфиатҳо дар радифи бо фаъолияти қонунгузорӣ вазифаи муҳими ҳизбҳо дар парламент ба ҳисоб меравад. Ҷ.Милл зикр намудааст, ки мундариҷаи мақомоти намояндагӣ муҳим буда, бояд саҳнаи мубориза на танҳо афкори умум, балки ақидаи қисмҳои алоҳидаи ҷомеа бошад.[2] Аъзои парламент ба таври ҳамешагӣ тавозуни байни манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятии интихобкунандагони худро нигоҳ медоранд. Вазифаи асосии онҳо бунёди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва миёнаравӣ байни ҳокимият ва интихобкунандагон бо мақсади ҳимояи манфиати интихобкунандагон ба ҳисоб меравад.

Амалияи парламентӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти объективӣ танҳо дар баррасии масъалаҳои дохилии иҷтимоӣ-иқтисодӣ пайдо мешавад, зеро ин масъалаҳо на ҳамеша умумӣ буда, монеаи асосӣ дар самти ноил гардидан ба консенсуси иҷтимоӣ мегарданд.  Масъалаҳои умумимиллӣ бошанд, боиси зиддияту мухолифати манфиатҳо намегарданд, ва мушкилоти васеъро ба миён намеоранд. Ба қатори чунин масъалаҳо тавсифи муқарраροти конститутсия, ҳалли масъалаҳои мудофиавии кишвар, таҳияи самти фаъолияти хориҷӣ дохил мешаванд,

[1] Ниг.: Конституционное право: Энциклопедический словарь / Отв. ред. и рук. авторского коллектива - д-р юрид. наук, проф. С. А. Авакьян. - М.: НОРМА (Издательская группа НОРМА - ИНФРА-М), 2001. 688 с.. –С. 417-418.
[2] Ниг.: Милль Дж. С. Представительное правление. Публицистические очерки [Электронный ресурс] / Дж. С. Милль. - СПб.: Изд. Ф. Павленкова, 1897. - URL: http://www.litres.ru/static/or3/view/or.html.

ки дар баррасии онҳо намояндаи халқ ба тасаввуроти худ ё мавқеи ҳизб такя менамояд.

Як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки вазифаи намояндагии манфиатҳо барои фаъолияти қонунэҷодкунӣ як қатор муаммоҳоро ба миён меорад.

Ба назари мо, мухолифатҳое, ки дар раванди иҷрои вазифаҳои қонунгузорӣ ва намояндагӣ пайдо мешаванд, хусусияти объективӣ дошта, танҳо барои беҳтар ва пурратар намудани қарори қабулшаванда равона карда шудаанд. Ҳар як намояндаи халқро зарур аст, ки бо интихобкунандагони худ ба таври доимӣ вохӯриҳо гузаронида, дар назди онҳо ҳисобот диҳад, алоқаро бо онҳо нигоҳ дорад ва ақидаи интихобкунандагонро дар фаъолияташ ба инобат гирад.

Муносибати байни парламент ва ҳизбҳои сиёсӣ тавре ба роҳ монда мешавад, ки маҳз ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Ҷараёнҳои парламентӣ дар тамоми кишварҳои рушдкарда ба пуррагӣ аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ назорат карда мешаванд, ки албатта ба афзудани аҳаммият ва мақоми онҳо мусоидат менамояд. Анҷуманҳо, конференсияҳо, форумҳои ҳизбӣ нисбат ба муассисаҳои параментӣ бештар диққати воситаҳои ахбори оммаро ҷалб мекунанд. Тамаркузи диққат ба ҳаёти ҳизбӣ то андозае парламентро дар сиёсати расмӣ ноаён мегардонад. Ин хусусият, инчунин, тариқи амалияи таъсиррасонӣ ба парламент аз тарафи гурӯҳҳои мухталифи фишоровар, ки ҳомили манфиатҳои гурӯҳҳои мухталиф дар дохили элитаи ҳукмрон мебошанд, зоҳир мегардад.

Дар шароити муосир дар рушди парламентаризм қонунияти зерин мушоҳида карда мешавад: дар ҳолатҳои тағйирпазири таърихӣ ҳокимиятро зарур аст, ки ба саҳнаи таърихӣ як қатор иштирокдорони нав ва заифро дар симои ниҳодҳои демократӣ роҳ диҳад ва сипас, баъд аз қувват гирифтани мавқеи худ ва устувории иҷтимоӣ нисбати ин ниҳодҳо

худро ба сифати ҳаками олӣ нишон дода, онҳоро ба худ тобеъ менамояд.[1] Нақш ва мақоми бисёрҳизбӣ дар доираи низоми интихоботӣ бузург аст. Интихобот, дар шароити имрӯза, яке аз ниҳодҳои ҷудонопазири давлати демократӣ гардидааст. Интихобот воситаи мутамаддини мубориза барои ҳокимият ва ивазнамоии ҳокимият ба ҳисоб меравад. Маҳз интихобот қонунӣ гардидани ҳокимият ва фаъолияти сиёсии давлатро ба таври умумӣ таъмин менамояд. Дар шароити демократия ҳокимияти сиёсӣ бо ризоияти халқ амалӣ мегардад. Механизми асосӣ, ки ин ризоиятро бо ваколатҳои ҳокимият ва ҳукумат мубаддал мегардонад интихоботи озод ва баробар ба ҳисоб меравад. Низоми интихоботӣ доираи мавқеи парламент ва низоми ҳизбиро муайян менамояд. Аз ин хотир низом ва раванди интихоботӣ яке аз хусусиятҳои асосии демократия ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза баҳси масъалаи беҳтарин низоми интихоботӣ идома дорад. Лекин дар доираи илмҳои сиёсӣ аллакай ба чунин хулосае омадаанд, ки низоми интихоботии идеалӣ вуҷуд надорад. Ҳар як низоми интихоботии мавҷуда, ки ба таври васеъ дар ҷаҳон паҳн гардидаанд, дорои бартарӣ ва камбудии муайян буда, сатҳи муайяни адолатро таҷассум менамояд. Лозим ба зикр аст, ки сатҳи адолатнокии ҳар як низоми интихоботӣ аз рафтори ҳизбҳои сиёсӣ вобаста аст. Дар ҳолати бисёрҳизбӣ ҳизби алоҳида наметавонад, ки дар раванди интихоботӣ бартарии бештар дошта бошад, зеро мавриди танқид ва фишороварии ҳизбҳои дигар қарор мегирад. Аз ин хотир, метавон зикр кард, ки бисёрҳизбӣ барои бо адолат гардидани низоми интихоботӣ дар кишвари алоҳида мусоидат менамояд.

Мафҳуми "низоми интихоботӣ" дар доираи илми сиёсӣ дар ду маъно фаҳмида мешавад. Якум, дар маънои маҳдуд ин мафҳум ҳамчун муродифи формулаи электоралӣ – қоидаҳои тақсими ҷойҳо дар парламент дар натиҷаи интихобот ё муайян намудани ғолибон дар

[1] Ниг.: Глебова И.И. Партия власти // Полис. 2004. № 2. С. 85

ҳавзаҳо истифода мешавад. Дар маънои васеъ низоми интихоботӣ тамоми маҷмуи ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмиро, ки бо интихобот алоқаманд мебошанд, дарбар мегирад.[1]

Муҳиммияти низоми интихоботӣ дар давлати демократӣ дар он зоҳир мегардад, ки он унсури низоми сиёсӣ буда, зуд-зуд тағйир меёбад. Ворид намудани тағйирот ба низоми интихоботӣ яке аз равандҳои қонунии демократӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ёрии он элитаи ҳукмрон метавонад самти рушди низоми сиёсиро дигаргун намояд. Лекин, на ҳамеша элитаи ҳукмрон тағйироту дигаргуниҳоро ба низоми интихоботӣ дар асоси мутобиқнамоии рушди демократӣ амалӣ мегардонад. Ба монанди дигар субъектҳои раванди сиёсӣ элитаи ҳукмрон манфиатҳои худро пайгирӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки мавқеи ҳукмронии худро дар низоми ҳокимияти давлатӣ таҳким бахшад, бинобар ин барои амалигардии ҳокимият аз тарафи нерӯҳои оппозитсионӣ монеаҳо эҷод менамояд.

Дар ин самт, мавҷудияти бисёрҳизбӣ, ки дар асоси мавқеъ ва ақидаҳои мухталиф ба ворид намудани тағйирот ба низоми интихоботӣ зиддият нишон медиҳанд, аҳаммияти махсус касб мекунад. Албатта, ҳизбҳои сершумор пешниҳод менамоянд, ки дар чунин тағйирот манфиат ва талаботи тамоми нерӯҳои сиёсии кишвар ба инобат гирифта шаванд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки бисёрҳизбӣ ба ҳайси як навъ таҳкимкунандаи низоми интихоботӣ баромад менамояд.

Яке аз аломатҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мавҷудияти иттиҳодияҳои мухталифи амалкунандаи шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Дар шароити плюрализми идеологӣ ва сиёсӣ, ташаккули низоми нави муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, мустаҳкам гардидани ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муносибати нав ба ташаккул ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ муносибатҳои нав ба ниҳоди бисёрҳизбӣ

---

[1] Ниг.: Гельман В. Я. Институциональный дизайн: «создавая правила игры» // Первый электоральный цикл в России (1993-1996). - М., 2000. – С. 45.

низ ташаккул меёбанд. Ташаккули бисёрҳизбӣ, озодии сухан ва матбуот барои дар соҳаи сиёсӣ худро амалӣ гардонидани шахсият имкониятҳои васеъ ба миён меоранд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми бисерҳизбӣ талаботи тағйиротро дар кишвар тасдиқ намуда, шаҳрвандонро ба қонеъгардонии манфиат водор месозанд. Дар иртибот бо дигаргуншавии қонунгузории интихоботӣ, ки тартиботи нави амалишавии ҳокимияти сиёсиро муқаррар кардааст, ҳизбҳо аҳаммияти махсусро касб намудаанд.

Эътироф карда мешавад, ки бисёрҳизбӣ дар давлати демократӣ манфиати гурӯҳҳои асосии иҷтимоиро ифода мекунад. Ҳизбҳои сиёсӣ шаклҳои нисбатан мувофиқро оид ба ҳалли масъалаҳои рушди ҷамъиятӣ таҳия ва пешниҳод менамоянд. Интихоботи умумихалқии ифодакунандаи иродаи халқ танҳо дар ҳамон ҳолат самарабахш мегардад, ки ба интихобкунандагон барномаҳои мухталифи таҳия намудаи ҳизбҳои сиёсиро пешниҳод кунад. Мутаносибан, бисёрҳизбӣ ҳамчун шакли демократияи сиёсӣ ва заминаи муҳимми ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд. Ҳизбҳои сиёсӣ унсури асосии бисёрҳизбӣ мебошанд, аз ин хотир дар раванди таҳқиқи ниҳоди бисёрҳизбӣ баррасии мақоми ҳизбҳо ҷанбаи муҳим маҳсуб мегардад.

Дар шароити имрӯза масъалаи коҳиши боварӣ ва эҳтиром ба ҳокимият аз ҷониби шаҳрвандон ва бахши хусусии иқтисодиёт ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳокимият табдил ёфтааст. Баланд бардоштани сатҳи эҳтиром ва боварии шаҳрвандон ба ҳокимият ба роҳ мондани алоқаҳои доимӣ ва ҳамкориҳои шарикии байни ҷомеа ва ҳокимият, таъмини алоқаи ҷавобии байни ҷомеа ҳамчун объекти танзими давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятиро тақозо мекунад.

Ошкор ё аланӣ ва шаффоф будани чунин алоқаи ҷавобӣ, ки бо нишондиҳандаҳои “берунаи” идоракунии давлатӣ муайян карда мешавад, талаби ҳатмӣ аст. Зеро ошкорӣ ва шаффофии низоми идоракунии давлатӣ яке аз дастоварҳои муҳиммиислоҳоти муасир ба

ҳисоб меравад.[1] Шаффофият имконияти баланд ва дастрасиии қонунии шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои худмухтори онҳоро ба иттилооти дурусту саҳеҳ оид ба фаъолияти ниҳодҳо ва мақомоти давлатӣ таъмин мекунад. Шаффофияти фаъолияти ҳокимият на танҳо барои баланд бардоштани боварӣ ва эҳтиром ба ҳокимият, балки барои таъмини фаъолияти устувори ҳам низоми идоракунии давлатӣ ва ҳам низоми сиёсӣ зарур мебошад. Шаффофияти фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ асоси ниҳодии кори механизмҳои алоқаи ҷавобӣ, робита ва ҳамкориҳои доимии ҷомеа ва ҳокимият ва ҳисоботдиҳанда будани ҳокимият дар назди ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар давлати демократӣ вобастагӣ ва ҳисоботдиҳанда будани ҳокимияти давлатӣ ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тариқи ҳалқаи асосии сиёсӣ амалӣ карда мешавад, ки ба он унсурҳои зеринро метавон ворид намуд: низоми бисёрҳизбӣ, ки сохтори сиёсӣ-идеологии иттиҳодияҳои шаҳрвандон– ҳизбҳои сиёсиро таъмин менамояд; механизми интихоботӣ, ки ба низоми бисёрҳизбӣ такя намуда, ба таври доимӣ гузаронидани интихоботи озод ва воқеии намояндагонро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, парламент таъмин менамояд; парламент ҳамчун мақоми намояндагии умумидавлатӣ, ки иродаи халқро дар идоракунии давлат ифода намуда, дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи принсипи тақсимоти ҳокимият нақши калидӣ дорад.[2]

Ҳалқаи асосии сиёсии вобастагӣ ва ҳисоботдиҳандагии ҳокимияти давлатӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ аз рӯи моҳияти сиёсӣ-технологии худ наметавонад ба пуррагӣ тамоми гуногунии манфиатҳои хусусӣ ва дастаҷамъии шаҳрвандон ва сохторҳои ниҳодии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамкориҳоро бо сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, махсусан шохаи иҷроияи он таъмин намояд. Лекин чунин ҳамкорӣ унсури табиии муносибати

---

[1] Ниг.: Мэннинг Н., Парисон Н. Реформа государственного управления: международный опыт. –М., 2006. -С.80.
[2] Ниг: Нисневич Ю.А. Аудит политической системы посткоммунистической России. - М.: Материк, 2007. - С. 45-56

мутақобилаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатӣ ва шароити зарурии таъмини устувории иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таҳияи қарорҳои мувофиқи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳамкорӣ дар ҳамаи шаклҳои ташкили демократии ҳокимият ва давлат ба таври доимӣ вуҷуд дорад. Масъалаи асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки чунин ҳамкориҳо дар кадом шакл амалӣ мегарданд, механизмҳои асосии он чӣ тавр ташкил шудаанд ва амал менамоянд.[1]

Зикр намудан зарур аст, ки ба маҷмуи манфиатҳои хусусӣ ва дастаҷамъӣ тағйирёбии доимии миқдорӣ, сифатӣ ва мундариҷавии вобаста аз қарорҳои қабулшудаи давлатӣ, амалҳои ҳокимият, дигаргуншавии вазъияти ҷории иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ хос аст. Афзоиши ҳаҷм, аҳаммияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии манфиати шаҳрвандон ва сохторҳои ниҳодии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар раванди қабули қарори сиёсӣ аз тарафи ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта намешаванд, хавфу таҳдиди аз байн рафтани устувории иҷтимоӣ-сиёсӣ ва мустаҳкамии идоракунии давлатӣ ва умуман тамоми низоми сиёсиро ба миён меоранд. Ин хавфу таҳдидҳо дар ҳолате, ки қарорҳои давлатӣ манфиатҳои муайяни шахсӣ ва гурӯҳиро маҳдуд менамоянд ва ҳокимияти давлатӣ зарурати шарҳдиҳии мазмуну мундариҷаи қарорҳо ва амали худ, мудаллалсозии дурнамои онҳоро барои бадастории мақсадҳои умумимиллии рушд нисбат ба манфиатҳои шахсиро ба ҷомеа рад менамояд, қувват мегиранд.

Барои рафъи чунин хавфу таҳдидҳо дар давлати демократӣ дар баробари ҳалқаи сиёсии асосӣ ҳамкориҳои доимии байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда мешаванд, ки воситаҳои алоқаи “ҷомеа –ҳокимият” ва “ҳокимият -ҷомеа”-ро ташкил менамоянд.[2] Агар низоми идоракуни давлатӣ ошкоро ва шаффоф бошад механизмҳои иттилоотие, ки фаъолияти воситаҳои алоқаи мазкурро таъмин

[1] Ниг.: Нисневич Ю.А. Информация и власть. - М.: Мысль, 2000. - С.113.
[2] Ниг: Нисневич Ю.А. Информационно-коммуникационная стабилизация политической системы // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия Политология. 2006. №1 (6). - С.70.

менамоянд, метавонанд ба таври устувор ва самаранок фаъолият кунанд..

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки дар шаффофияти фаъолияти ҳокимият ва ҳисоботдиҳанда будани ҳокимият дар назди ҷомеа бисёрҳизбӣ мавқеи хосса дорад. Чунин мешуморем, ки мавҷудияти ҳизбҳои сершумор дар доираи низоми бисёрҳизбӣ ба шаффофияти фаъолияти ҳокимият мусоидат менамояд. Чунин шаффофият дар ҳолате имконпазир мегардад, ки ҳизбҳои сиёсии мавҷуда ба таври воқеӣ фаъолият намуда, дар ҳолати ҷой доштани камбудӣ ва норасоиҳо дар фаъолияти ҳокимият, аз онҳо иттилоъ дода, баҳри бартараф намудани онҳо кӯшиш намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар фаъолияти ҳокимият, масъалаи нигоҳ доштани тавозуни ҳокимият ба ҳисоб меравад. Мафҳуми “тавозуни ҳокимият” дар ду маъно тавсиф мешавад. Якум, тавозуни ҳокимият ин тавозуни байни ҳокимияти сарвар ва ҳокимияти тобеъон мебошад. Дар нигоҳи аввал, чунин ба назар мерасад, ки зердастон дорои ҳокимият нестанд. Лекин дар ҳолати баррасии бодиққат муайян мегардад, ки расман, ҳокимият ба таври ассиметрӣ тақсим карда шудааст ва ҳалқаҳои поёнии иерархия нисбат ба қишрҳои болоӣ ваколатҳои камтар доранд. Вазъият ва рушди ҳокимият маҳз аз амал ва муносибати зердастон вобаста аст. Аз ин хотир зарур аст, ки чунин алоқамандӣ ба таври доимӣ ба ҳокимият хотиррасон карда шавад, то ки манфиат ва талаботи зердастон ба инобат гирифта шавад. Лозим ба зикр аст, ки ҳаракати иттифоқҳои касаба ҳамчун амалигардонии ҳокимияти зердастон пайдо шудааст.

Тавозуни ҳокимият зарурати истифодаи воситаҳои асосии ҳокимият нисбат ба зердастон дар доираи зарурӣ мебошад, ки барои ноил гардидан ба мақсад кифоя буда, боиси норозигии зердастон намегардад. Эътирофи ҳокимият ё дигар субъектҳои ҳокимият аз тарафи инсон имконият медиҳад, муайян намоем, ки шаҳрвандон иродаи кадом

ҳокимиятро қабул мекунанд. Дар чунин ҳолат сатҳи баланди рушди давлат имконият медиҳад, ки истифодаи механизмҳои зӯроварӣ ва маҷбуркуниро коҳиш дода, ба механизмҳои дигари идоракунӣ такя карда шавад. Масъалаи назорати ҳокимият дар таъмини фаъолияти устувори низоми сиёсӣ мақоми марказиро ишғол менамояд. Масъалаи мазкур дар шароити демократия низ муҳиммияти худро нигоҳ медорад, гарчанде дар доираи назарияи сиёсӣ ақидае паҳн гардидааст, ки назорати соҳаи сиёсӣ танҳо ба режимҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ хос аст.

Ҳар як давлат ба қонунӣ будани ниҳодҳои мавҷудаи давлатӣ манфиатдор аст, зеро он самаранокии фаъолияти онро кафолат медиҳад. Аз ин хотир, таносуби матлуби ҳокимият ва назорат муҳим аст, зеро дар ҳолати баланд гардидани доираи назорат эҳтимоли халалдор гардидани машруият ва, дар ниҳояти кор, парокандашавии тамоми механизми сиёсӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, метавон зикр  намуд, ки бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳод имконият медиҳад, ки чунин таносуби назорат ва ҳокимимият ба даст оварда шавад.

Дар шароити режимҳои демократӣ тамоми соҳаҳои ҷомеа берун аз назорати бевоситаи сохторҳои ҳокимиятӣ қарор доранд. Бинобар ин, дар нигоҳи аввал, ифодаи “назорати ҳокимият” нисбат ба демократия то андозае таноқуз дорад. Баррасии ин ҷанба аз нуқтаи назари тақсимоти ҳокимият нишон медиҳад, ки назорат ба табиати худи демократия хос аст.

Назарияи классикии тақсимоти ҳокимият, ки аз тарафи Ш.Монтеске таҳия гардидааст, ба бартарии яке аз мақомоти ҳокимият нисбат ба мақомоти дигар равона карда шудааст. А.де Бласс, зикр  намудааст, ки “бо ёрии тақсимоти ҳокимият байни мақомоти мухталиф тавозуни байни ҳокимияти монарх, ашрофон ва халқ таъмин карда мешавад”.[1] Принсипи мазкур, ки аз Ш.Монтескё ба мерос гирифта шудааст,

[1] Ниг: Blas Guerrero, Andrés de. Teoría del Estado I. El Estado y Sus Instituciones / Andrés de Blas Guerrero. – Madrid: UNED. – 2010. – 460 p

заминаи асосӣ ва зарурии таъмини идоракунии механизми давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ба тавозуни байни ҳокимиятҳо мусоидат менамояд ва ба давлат имконият медиҳад, ки тамоми аъзоёни ҷомеаро самаранок идора кунад. Ба туфайли ин ноил гардидан ба сатҳи баланди ташкилоти ҷамъиятӣ, ки бо низоми ҳуқуқӣ танзим карда мешавад ва мақсади ягонаи он некӯаҳволии умум ба ҳисоб меравад, имконпазир мегардад.

Тақсимоти ҳокимияти давлатӣ на ба заифгардии ҳокимият, балки ба таҳким ва тавозуни он, ки дар низоми "нигоҳдорӣ ва мутавозинӣ" асос ёфтааст, мусоидат менамояд. Машруияти ҳокимияти давлатӣ дар тасдиқ ва эътирофи ҳокимият аз тарафи ҷомеа асос меёбад, ки тариқи назорати интихобкунандагон аз болои ниҳодҳои ҳокимиятӣ дар ҷараёни интихобот, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар ба даст оварда мешавад. Чунин навъи назорати амалҳои ҳокимиятро метавон ҳамчун назорати шаҳрвандӣ, ки аз тарафи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мегардад, баррасӣ намуд.

Д. Валалес дар асоси баррасӣ ва таҳлили назорат ва ҳокимият ду навъи назорати ҳокимиятро ҷудо намудааст: аз як тараф, амалҳо, ки ҳокимият нисбати худ ба роҳ мемонад, аз тарафи дигар амалҳо, ки натиҷаи фаъолнокии шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравнд.[1]

Дар навъи дуюми назорати ҳокимият, нақш ва мақоми бисёрҳизбӣ бузург аст, зеро ҳизбҳои сиёсӣ бо назорати ҳокимият кушиш менамоянд, ки камбудиву нодурустии амалҳои онро ошкор кунанд ва онҳоро дар давраи минбаъдаи интихобот ҳамчун воситаи асосии мубориза истифода баранд. Ҳокимият дар навбати худ кушиш менамояд, ки доираи чунин имкониятҳоро барои ҳизбҳои сиёсии сершумор маҳдуд намояд.

Воситаҳои амалӣ намудани назорати ҳокимият аз навъи низоми сиёсӣ, инчунин хусусиятҳои муҳити сиёсӣ вобаста аст. Ба қатори омилҳо, ки ба муқаррар намудани навъ ва марзҳои назорати ҳокимият таъсир мерасонанд, метавон хусусиятҳои фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ,

---

[1] Ниг. : Валадес, Д. Контроль над властью / Д. Валадес. – М.: Идея-Пресс, 2006. –С. 13.

идеологияи сиёсии ҳукмрон, сохтори элитаи сиёсӣ, вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, хусусиятҳои қонунгузориро дохил намуд. Илова бар ин, дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони муосир, зарурати ба роҳ мондани таркиботи хориҷӣ дар механизми назорати ҳокимият пайдо шудааст. Дар доираи ҳар як навъи назорат метавон унсурҳои алоҳидаро ҷудо намуд. Масалан, дар доираи назорати ниҳодӣ, марбутан ба шохаи ҳокимият назорати қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ, инчунин прокурорӣ ҷудо карда мешавад.

Дар конститутсияи ҳар як давлат воситаҳое муқаррар гардидаанд, ки низоми ҳуқуқии назоратро ташкил менамоянд ва дар баробари ҳалли мухолифатҳо, барои идоракунии созмону ташкилотҳо, танзими фаъолияти онҳо, ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин талаботи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар таъмини амнияти ҳаёт ва фаъолияти аҳолӣ хизмат мекунанд.

Низоми бисёрҳизбӣ ба ташаккул ва инкишофи оппозитсия мусоидат менамояд. Бисёрҳизбӣ ва мавҷудияти оппозитсия ҳамеша ҳамчун аломати муҳимми демократия қабул карда мешавад. Нақши бисёрҳизбӣ, аз бисёр ҷиҳат, бо сохтори сиёсии мавҷуда дар кишвар, навъи низоми интихоботӣ, тарҳи идоракунӣ муайян карда мешавад. Омӯзиши низоми бисёрҳизбӣ ва оппозитсия имкон медиҳад, ки хусусиятҳо ва қонуниятҳои ташаккули бисёрҳизбӣ ва оппозитсия ошкор карда шаванд.

Яке аз аксиомҳои бунёдии назарияи демократия дар он зоҳир мегардад, ки демократия бе мавҷудияти ҳизбҳои оппозитсионӣ дар низоми сиёсии кишвари алоҳида номумкин аст. Сатҳи рушди демократия дар кишвари алоҳида бо хусусияти муборизаи сиёсии нерӯҳои оппозитсионӣ барои ҳокимият муайян карда мешавад. Мафҳуми “оппозитсия” решаи лотинӣ дошта, асосан, дар ду маъно мавриди истифода қарор мегирад. Якум, оппозитсия мухолифгузории сиёсати худ ба сиёсати дигар. Дуюм, мухолиф баромад кардан ба ақидаи аксарият ё ақидаи ҳукмрон дар сохторҳои қонунгузорӣ, ҳизбӣ ва дигар сохторҳо.

Зикр намудан зарур аст, ки аз рӯи хусусиятҳои фаъолият оппозитсияи осоишта, радикалӣ, содиқ, ки ба созиш кардан бо ҳокимият ва дастгирӣ намудани он тайёр аст, бунёдӣ ва харобиовар ҷудо карда мешавад. Албатта, бисёрҳизбӣ низ ба мавҷудияти ин ё он навъи оппозитсия дар ҷомеа мусоидат менамояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар аксарияти ҳолатҳо бисёрҳизбӣ ба ташаккул ва инкишофи оппозитсияи осоишта мусоидат менамояд. Дар ҳолати мавҷудияти бисёҳизбии расмӣ, оппозитсия асосан хусусияти содиқонаро касб менамояд.

Ҷ.Л. Паломбари зикр менамояд, ки ҳизбҳои сиёсӣ, сараввал дар ҷое пайдо мешаванд, ки ҳокимият зарурати ҷалби аҳолиро ба ҳаёти давлат дарк менамояд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳамон ҳолат ташаккул меёбанд, ки вазифаҳои ташкили ҳокимияти сиёсӣ ва амалигардонии чорабиниҳои сиёсӣ аз доираи имкониятҳои доираи маҳдуди одамон, ки аз орзуву интизориҳои оммаи мардум бехабаранд, берун мегардад. [1] Аз ин хотир, ба ҳизбҳои сиёсӣ, моҳиятан, баробари пайдоиш, хусусияти оппозитсионӣ хос аст. То кадом андоза оппозитсияи воқеиро ташкил намудани ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи бисёрҳизбӣ аз муносибати ҳокимият ба ҳизбҳо вобаста аст.

Дар асоси баррасӣ ва таҳлили робитаи бисёрҳизбӣ бо паҳлӯҳои дигари низоми демократӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

- омили асосии рушди бисёрҳизбӣ таҳкими асосҳои демократӣ ва тағйирёбии заминаҳои иҷтимоии ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад;

-бисёрҳизбӣ баробари гуногунии идеологӣ яке аз шаклҳои плюрализми сиёсӣ мебошад, ки ҳамчун принсипи асосии сохтори демократӣ хизмат менамояд;

[1] La Palombara J., Weiner M. Political Parties and Political Development. В кн.: The Origin and Development of Political Parties. Princeton, NJ, 1966. P. 3—4.

-бисёрҳизбӣ асоси сохтори конститутсионӣ аст, ки мундариҷаи он дар мавҷудияти ақида ва ғояҳои мухталифи ҳизбҳои сиёсӣ, ки саъю кушиш менамоянд ҳокимиятро ба даст оранд, зоҳир мегардад;

-бисёрҳизбӣ ва рақобатнокӣ ба якдигар алоқаманд буда, якдигарро пурра менамоянд. Бисёрҳизбӣ имконияти васеъ ва рушди рақобати сиёсиро таъмин менамояд. Дар навбати худ рақобати сиёсӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки дар мубориза худ барои амалӣ намудани ҳокимияти сиёсӣ аз тактика ва стратегияи сиёсӣ васеъ истифода намоянд;

- ҳувияти ҳизбӣ мувофиқи фаъолият ва ҳимояи манфиатҳо аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ташаккул меёбад. Ба ақидаи мо, ҳувияти ҳизбӣ раванди коркарди назар ва муқаррароти мушаххас нисбат ба ин ё он ҳизби сиёсӣ ба ҳисоб меравад;

-бисёрҳизбӣ бо рушди парламентаризм алоқаманд аст. Дар доираи илмҳои сиёсӣ, дар шароити муосир муносибати ягона нисбат ба парламентаризм ташаккул наёфтааст;

-ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми бисерҳизбӣ талаботи тағйиротро дар кишвар тасдиқ намуда, шаҳрвандонро ба қонеъгардоии манфиат водор менамоянд. Дар иртибот бо дигаргуншавии қонунгузории интихоботӣ, ки тартиботи нави амалишавии ҳокимияти сиёсиро муқаррар кардааст, ҳизбҳои сиёсӣ аҳаммияти махсус касб намудаанд;

-шаффофият имконияти баланд ва дастрасиии қонунии шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои худмухтори онҳоро ба иттилооти дурусту саҳеҳ оид ба фаъолияти ниҳодҳо ва мақомоти давлатӣ таъмин мекунад.

# БОБИ II. СИСТЕМАИ БИСЁРҲИЗБӢ ВА РУШДИ РАВАНДҲОИ ДЕМОКРАТӢ: АМАЛИГАРДИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Генезиси бисёрҳизбии ҷомеаи Тоҷикистон ва тартиби ҷойгиршавии неруҳои ҳизбӣ

Дар давраи шуравӣ Ҳизби коммунистӣ тавонист, ки низоми давлатдории давлати бузурги шуравиро ташаккул дода, ба меҳвари механизми идоракунии он мубаддал гардад, ки ҳамчун мезанизми “ҳизб-давлат” баррасӣ карда мешавад. Аз замони пайдоиши худ, Ҳизби коммунистӣ ба таври мунтазам дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва сиёсати амалӣ роҳи инкишоферо пешниҳод менамуд, ки аз роҳи инкишофи Аврупои Ғарбӣ тафовут дошт.

Принсипҳои идоракунии олигархӣ, ки ба он аз дастгоҳи идоракунии ҳизбӣ ва давлатӣ бартараф намудани шахсони муайян, ки метавонистанд бо роҳбари олии кишвар рақобат намоянд, хос буд, рад карда шуд. Шикасти “оппозитсия” заминаи муҳимми маҳв намудани мухторияти идораҳо ва дастгоҳҳои бюрократии бо онҳо алоқамандро бунёд намуд. Дар ин кор нақши муҳимро Қарор “Дар бораи ягонагии ҳизб” бозидааст, ки ҳанӯз дар анҷумани X қабул гардида буд. Мувофиқи муқаррароти қарори мазкур бунёди фраксияҳои мухолиф манъ гардида буд. То қабули қарори мазкур мухолифат дар Ҳизби коммунистӣ ҳарчанд мавриди ташвиқу тарғиб қарор намегирифт, шӯриш ё исён низ ҳисобида намешуд.[1] Ҳамин тариқ, дар арафаи “инқилоб аз боло”, кишвар ба марҳилаи охирини ташаккули низоми ҳокимият, ки онро “ҳизб-давлат” меноманд, ворид гардид.

Маҳз дар ҳамин давра ниҳоди феҳристи номенклатура шуравӣ ташаккул меёбад. Ташаккул ва тағйирпазирии минбаъдаи феҳристи шӯравӣ масъалаи марказии омӯзиши нақши Ҳизби коммунистӣ дар низоми сиёсии давлати шуравӣ ба ҳисоб меравад. “Маҳз феҳрист дар

[1] Ниг.: Грегори П. Политическая экономия сталинизма. - М.: РОССПЭН. 2006. –С. 76.

маҷмуъ тамоми ҳокимият ва ҷомеаро таъмин менамуд.[1] Феҳрист ин мафҳуми нисбат ба низоми махсуси таъиноти кадрӣ, интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва ҳаракати амудиву уфуқии намояндагони элитаи идоракунии шуравӣ васеътар ба ҳисоб меравад. Инчунин, феҳрист ин принсипҳои роҳбарии ҷомеа буда, дорои имтиёзҳои васеи қишри элитаи ҳукмрон ба ҳисоб меравад.[2] Ҳамин тариқ, феҳристро ҳамчун гурӯҳи роҳбарикунанда ҳизб ташкил менамуд. Идоракунии пушидаи кадрҳо воситаи асосии бунёди ҳизбӣ ва услуби асосии татбиқи принсипи мутамаркази ҳизбӣ дар тамоми сатҳҳо гардид. Ташкили ҳокимияти мутлақи ҳизбӣ дар мутобиқат бо зарурати фаъолият дар ҳолатҳои фавқулода бо истифодаи методҳои ғайримуқаррарӣ хусусиятҳо ва аломатҳои асосии феҳристро муайян мекард. Низоми ҳокимият дахлнопазирии дар феҳрист буданро таъмин менамуд: корманд як вазифаро тарк намуда, ҳамон лаҳза ба вазифаи дигар таъин карда мешуд ва дар доираи феҳрист боқӣ мемонд. Аломати асосии низоми феҳристӣ махфият ё ифшонопазирии иттилоот, махфияти раванди таҳияи қарорҳо ва хусусияти ҷамъиятӣ надоштани онҳо ба ҳисоб мерафт. Раванди интихоб ва ҷалб кардан ба таркиби феҳрист ва механизми ҷобаҷогузории минбаъдаи кадрӣ дар доираи низом сахт махфӣ гардонида шуда буд.

Ҷамъиятигардонии мутлақи моликият, гузариш ба нақшагирии бевоситаи директивӣ дар доираи панҷсолаҳо, истифодаи васеи маҷбуриятҳои ғайрииқтисодӣ ва фишороварӣ ниҳоди феҳристии ҳокимияти “давлат-ҳизб”-ро мустаҳкам ва пурқувват менамуданд.

Якҳизбӣ дар давраи шуравӣ бо конститутсия тасдиқ гардида буд. Дар Конститутсияи ИҶШС таъкид шуда буд, ки “мувофиқи манфиати меҳнаткашон ва бо мақсади рушди ташаббуси ташкилотӣ ва фаъолнокии сиёсии оммаи мардуми ИҶШС ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар созмонҳои ҷамъиятӣ: иттифоқҳои касбӣ, иттиҳодияҳои кооперативӣ, созмонҳои

[1]Ниг.: Восленский М.С. Номенклатура. Господствующий класс Советского Союза. - М.: Советская Россия. 1991. –С. 32.
[2]Ниг.: Даниелс Р.В. Взлет и падение коммунизма в России. - М.: РОССПЭН. 2011. –С. 175.

ҷавонон, варзишӣ ва созмонҳои мудофиавӣ, фарҳангӣ, ҷамоаҳои техникӣ ва илмӣ таъмин карда мешавад. Шаҳрвандони нисбатан бошуур ва фаъол аз қатори синфи коргар, меҳнаткашон, деҳқонон ва зиёиён ихтиёран метавонанд, ки узви Ҳизби коммунистӣ шаванд, ки ташкилоти пешбари меҳнаткашон дар мубориза барои бунёди ҷомеаи коммунистӣ ба ҳисоб рафта, меҳвари роҳбарикунандаи тамоми созмонҳои ҷамъиятӣ ва давлатии меҳнаткашон ба ҳисоб меравад".[1] Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки ҲК Иттифоқи Шуравӣ ҳамчун меҳвари давлатдории шуравӣ барои аксарияти аҳолӣ машруияти ҳокимиятро дошт.

Дар ҷумҳуриҳои осиёгии давлати шӯравӣ ҷомеа ҳуқуқи ҳокимияти воқеиро дар истифодаи доимии он эътироф менамуд. Чунин муносибат, албатта, ба ҳукмронии тақсимнопазири ҳизби ҳукмрон мусоидат менамуд. Аз ин хотир, дар ҷомеаҳои шарқӣ чунин ҳизбҳо метавонистанд дастгирии аксариятро дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба даст оранд.[2] Тарсу ҳарос аз ноустувории ҳокимияти давлатӣ аҳолиро маҷбур менамуд, ки бо ҳар роҳу восита чунин ҳизбро дастгирӣ намояд. Илова бар ин, метавон зикр намуд, ки муносибат бо ҳизбҳо дар ин ҷомеаҳо бо идеология алоқаманд карда мешуд. Аз бисёр ҷиҳат дастгирии ҳизб бо шахсияти сарварони ҳизбӣ алоқаманд карда мешуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаи элитаҳои этникиву минтақавӣ дар фаъолияти ҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҷассум меёфт. Дар солҳои охири мавҷудияти Иттифоқи Шуравӣ ба фаъолияти ҲК бештар хусусиятҳои бесалоҳиятӣ ва ноӯҳдабароиро касб намуда буд. Роҳбарияти ҲК, моҳиятан нисбат ба роҳбарияти ҳизбӣ-хукуматии иттифоқӣ мавқеи интизориро пеш гирифта буд.

Бо оғози сиёсати бозсозӣ тағйирпазирии низоми сиёсӣ ва унсурҳои асосии он оғоз гардида, гузариш аз низоми якҳизбӣ ба низоми бисёрҳизбӣ шурӯъ мегардад. Ҳамин тариқ, оғози ташаккули бисёрҳизбӣ

[1]Конституция общенародного государства / под общ. ред. М.М. Смиртюкова и К.М. Боголюбова М., 1978. С. 241.
[2]Ниг: Зубов А. Парламентская демократия в незападных обществах. –М., 1991.-С. 77.

дар Тоҷикистон бо раванди бозсозӣ, ки ба дигаргуниҳои демократӣ дар Иттифоқи Шуравӣ равона гардида буд, алоқаманд аст. Навовариҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ки ба дигаргуниҳои ҷиддӣ ва амиқи ҷамъиятӣ равона шуда буданд, ба нақши роҳбарикунандаи Ҳизби коммунистӣ низ дахл карданд.[1]

Раванди ибтидоии ташаккули бисёрҳизбӣ бо таъсиси созмонҳои мухталифи ғайрирасмӣ, ки бо сохторҳои расмии сиёсӣ мухолиф буданд, оғоз мегардад. Ин созмонҳо ба таври гуногун ном бурда мешуданд: клубҳо, иттифоқҳо, кумитаҳо, шуроҳо, хазинаҳо, ассосиатсияҳо, ҷомеаҳо ва ғайра. Дар доираи ин созмонҳо баҳсу мунозираҳои сиёсӣ амалӣ гардида, дар қатори доктринаи расмии идеологӣ платформаҳои ғоявӣ низ ташаккул ёфтанд.

Гуногунақидагӣ дар доираҳои мухталифи ҷомеаи шуравӣ, шаклҳои дигари худташкилкунии сиёсиро пайдо кард. Солҳои 1988—1989 баробари афзудани ақидаҳо дар бораи зарурати ислоҳоти низоми сиёсӣ раванди фаъолгардии сиёсӣ шаклҳои аввалини сохторҳои сиёсиро ба вуҷуд овард. Дар ин давра роҳбарони клубҳои мубоҳисавии сиёсӣ дар Ҳизби коммунистӣ як навъ ташкилоти фраксиониро таъсис доданд.

Ба роҳ мондани бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо равандҳои бозсозӣ, бо таъсиси иттиҳодияҳо ва клубҳои сиёсии ғайрирасмӣ, ҳаракатҳои алтернативӣ ва фронтҳои халқии дастгирии бозсозӣ, ошкорбаёнӣ, пешбурди ислоҳоти демократӣ алоқаманд аст. Дар таркиби ин созмонҳо, асосан, намояндагони зиёиён, ҷавонон, ки ҷонибдори гузаронидани ислоҳоти демократӣ буданд, муттаҳид гардида буданд. Ҳизбҳои сиёсӣ бо мақсадҳои барномавӣ, оинномаҳо ва вазифаҳо пайдо гардиданд. Ба фаъолияти ин иттиҳодияҳо аз бисёр ҷиҳат, қабули қарор дар бораи бақайдгирии ташкиливу ҳуқуқии онҳо дар сатҳи давлатӣ мусоидат намудааст. Оғози пайдоиши бисёрҳизбиро метавон қабули Қонун “Дар бораи тасдиқи мансаби Президенти ИҶШС ва ворид

[1]Ниг.: Каримов О. Политическое состояние Таджикистана - Худжанд, 2007. – С.71

намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи ИҶШС”[1] номид, ки соли 1990 қабул гардида буд. Маҳз ҳамин қонун ба тағйир додани моддаи 6-уми Конститутсияи ИҶШС мусоидат кард. Тағйироти мазкур дар Конститутсияи ИҶШС ва, сипас, Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии ташаккули гуногунии идеологӣ, плюрализми сиёсӣ ва бисёрҳизбиро фароҳам овард.

Сипас, Қонуни ИҶШС “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”[2] қабул карда шуд. Он аз ҷумла, асосҳои фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро чун як навъи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ба танзим дароварда, принсипҳои фаъолият, доираи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳоро муайян кард. Дар қонуни мазкур мафҳуми “иттиҳодияи ҷамъиятӣ” тавсиф гардида, ба он иттиҳодияҳои мухталифи шаҳрвандон, аз он ҷумла, ҳизбҳои сиёсӣ дохил карда шудааст.

Илова бар ин, ба ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ дар кишвар Эъломия “Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мусоидат намудааст, ки ба тамоми ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои оммавӣ, ки дар доираи қонунгузории мавҷуда амал мекарданд, имкониятҳои баробари ҳуқуқии иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятро кафолат медод.

Солҳои ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон як навъи махсуси низоми иҷтимоӣ ташаккул ёфт, ки қисми муҳимми он идеология ва низоми ҳокимияти коммунистӣ ба ҳисоб мерафт. Ба бунёди низом кушиш намуда, роҳбарони ҳизбӣ дар пайравии тактикаи умумииттифоқӣ ба ҳизб ҷавонони фаъолро ҷалб менамуданд, зеро дар акси ҳол, онҳо метавонистанд ба ташаккули аксулэлита мусоидат кунанд.[3] Лекин, ба чунин тактикаи ҲК нигоҳ накарда, дар солҳои 90-ум дар дохили Ҳизби коммунистӣ, ба ғайр аз коммунистон, мавҷудияти либералҳо, сотсиал-демократҳо, миллатгароён мушоҳида карда мешуд. Таҳлил нишон

---

[1] Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990. № 12. Ст. 189.
[2] Ниг: Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990. № 42. Ст. 839.
[3] Ниг.: Гражданские движения в Таджикистане. - М., 1989. С.16

медиҳад, ки бо сабабҳои субъективӣ ва объективӣ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон натавонист, ки ба монанди дигар ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ, бо иваз намудани ном ва идеология мисли пештара ҳизби ҳукмрон боқӣ монад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ метавон зикр намуд, ки оғози марҳилаи гузариш ва сипас, инкишофи бисёрҳизбӣ дар Иттифоқи Шуравӣ ва сипас, дар Тоҷикистони соҳибистиқолол бо як қатор омилҳо, ба монанди ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо номи бозсозӣ, аввалин интихоботи алтернативии солҳои 1988-1990, оғози раванди созибистиқлол гардидани Тоҷикистон, тағйирёбии муқаррароти конститутсионӣ оид ба мавқеи Ҳизби коммунистӣ, воқеаҳои августии соли 1991, марҳилаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон; қонунгузории либералии ҳизбӣ, ташаккул ва рушди парламенти касбӣ, такмили қонунгузорӣ алоқаманд аст.

Дар солҳои 90-ум ислоҳоти низоми сиёсӣ, ки дар тамоми давлати шӯравӣ ба роҳ монда шуда буд, дар Тоҷикистон як қатор хусусиятҳоро касб намуда буд, ки ба раванди ислоҳот монеаҳо эҷод менамуданд:

- коҳиши обрӯву эътибори ҲКТ;

-ҲКТ дорои малакаву маҳорати муборизаи сиёсӣ дар шароити плюрализм ва бисёрҳизбии воқеӣ набуд;

- маҳалгароӣ – иштироки таърихан ташаккулёфтаи минтақаҳои мухталиф дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунӣ;

-вуҷуд надоштани тасаввуроти воқеӣ оид ба имкониятҳо ва заминаҳои иҷтимоии оппозитсия;

-сиёсатзадагӣ ва идеологизатсияи аксарияти ҳизбҳо ва ҳаракату созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ;

-таҳаввулоти аксарияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар шакли самтгириҳои зиддикоммунистӣ;

- дар самтгириҳо ва амалҳои ҳизбҳо ва ҳаракату созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, нисбат ба ҳолатҳои бунёдкориву созандагӣ бартарӣ доштани ҳолатҳои зиддиятноку харобиовар.

Дар интихоботи парламентии соли 1990 таъсири низоми сиёсӣ ва низоми ҳизбии шуравӣ мушоҳида мешуд. Дар интихобот захираҳои мухталифи маъмурӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар натиҷа Ҳизби коммунистӣ мавқеи марказӣ ва асосиро ишғол кард. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҳаракатҳои оппозитсионӣ аз тарафи аҳолӣ васеъ гардид, лекин ба сабаби надоштани таҷрибаи сиёсӣ онҳо, моҳиятан, барои мандати депутатӣ мубориза намебурданд. Соли 1990 интихобот ба Шурои Олӣ дар фазои бозсозӣ баргузор гардид. Таҳлил нишон медиҳад, ки интихоботи мазкур аз интихоботи шуравӣ фарқ надошт. Дар натиҷаи бозсозӣ эҳёи миллӣ амалӣ гардид, ба одамон озодиҳои демократӣ пешниҳод карда шуд. Парламенти коммунистӣ интихоб гардид, лекин ба он як қатор намояндагони неруҳои нави сиёсӣ низ интихоб шуданд. Аксарият умед доштанд, ки сол ба сол чунин сохтор рушд намуда, парламети миллӣ ташаккул меёбад. Лекин, раванду ҳодисаҳои минбаъда баръакс сурат гирифтанд.[1]

Дар интихобот ба таври оммавӣ дастгирии номзадҳо, ки пешакӣ аз қатори феҳристи ҳизбӣ ва шуравӣ муқаррар шуда буданд, амалӣ гардид, ки шаҳодати сатҳи баланди назорати раванди интихоботӣ аз тарафи коммунистон буд. Дар ҳавзаҳое, ки роҳбарони мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбӣ ва шӯравӣ номзадии худро пешниҳод карда буданд, интихоботи ғайриалтернативӣ ташкил карда шуд. Дар як қатор ҳавзаҳо “номзадҳои ноком” пешниҳод гардида буданд, ки бояд тасаввуроти “интихоботи озод”-ро таъмин менамуданд. Аз ин хотир, интихоботи парламентӣ дар шикастани низоми сиёсии якҳизбӣ дар

[1] Ниг.: Милод Ф. Парламент: от непослушного собрания до спокойного и безмолвного аппарата // Радио Озоди. [http:// rus.ozodi.mobi/a/26746138.html], 20 января 2014.

Тоҷикистон саҳми назаррас гузошта натавонист.[1] Шурои Олӣ аз тарафи депутатҳое, ки зери назорати ҲК қарор доштанд, ташаккул ёфт.

Зикр намудан зарур аст, ки дар рушди минбаъдаи равандҳои сиёсӣ пас аз истиқлолият яке аз масъалаҳои асосӣ фаъолияти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, нақш, мақом ва аҳаммияти он дар равандҳои сиёсӣ, муносибати он бо ҳизбҳои тозабунёд, тағйирпазирии худи он ба ҳисоб мерафт

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди демократикунонии низоми сиёсӣ гузариш аз низоми якҳизбӣ ба низоми бисёрҳизбӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар шароити ҷомеаи шаҳрвандии рушднакарда, мавҷуд набудани анъанаҳои демократӣ амалӣ гардидааст. Илова бар ин, бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ рушд намудааст, ки як қатор гурӯҳҳои этникиву минтақавӣ бо ҳизбҳо ва ҳаракатҳои худ элитаи сиёсиро ташаккул дода, ҳаракатҳо ва ҳизбҳои дигар дар канор монданд.

Солҳои 90-ум дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳаракату ҷомеаҳои мухталиф, ба монанди "Ошкоро", "Эҳёи Хуҷанд", "Дирафши Ковиён", "Таҷдид", "Бохтар", "Самарқанд", "Куруши Кабир", "Суғдиён", "Ваҳдат", "Пайванд" пайдо шуданд. Ин созмонҳо дар шароитие пайдо шуданд, ки дар ҷомеа мухолифати сиёсӣ ба миён омада, замина барои даргириҳои байни нерӯҳои сиёсӣ омода мегардид. Аз тарафи дигар, метавон зикр намуд, ки пайдо шудани чунин созмону ҳаракатҳо шаҳодати пайдоиши ҷудоихоҳӣ ва маҳалгароӣ, ки манфиатҳои минтақавӣ ва маҳаллиро аз манфиатҳои умумидавлатӣ боло мегузоштанд, ба ҳисоб меравад.

Аз тамоми ҳаракат ва созмонҳои зикргардида ба "Ошкоро" бештар хусусиятҳои сиёсӣ хос буд, он бо муқобили яккаҳукмронии ҲК баромад намуда, плюрализми сиёсӣ, бисёрҳизбӣ ва алодати иҷтимоиро талаб

[1] Ниг.: Сайфиддинов А. Становление и развитие избирательного права в Таджикистане. Автореф. дисс... канд. юрид. наук. М., 2002.

мекард. “Ошкоро” ҳамчун тарафдори тарзи дунявии ҳаёт бо созмонҳои динӣ алоқа надошт, бо шиорҳои мухолифи ваҳҳобия баромад менамуд.

Хусусияти асосии созмону ҳаракатҳои мухталифи таъсисёфта дар он зоҳир мегардид, ки аъзоёни онҳо асосан зиёиён ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, соли 1989 дар Хуҷанд ҳаракати мардумии “Эҳёи Хуҷанд” бунёд гардид, ки ба он олимон, омӯзгорони муассисаҳои олӣ ва намояндагони зиёиёни техникӣ дохил мешуданд.

Фаъолияти ҳаракати мардумии “Растохез” ба муттаҳид намудани тамоми одамони бошуур ва фаъоли сиёсӣ новобаста аз миллат ва ҳувияти ҳизбӣ, эътиқоди динӣ, хусусиятҳо ва арзишҳо равона гардида буд. Аз ин хотир, ба ин ҳаракат намояндагони дигар созмону ҳаракатҳои сиёсиву иҷтимоӣ қабул карда мешуданд.[1] Гарчанде ҳаракати мардумии “Растохез” созмони сиёсӣ набуд, лекин, фаъолона ба сиёсат ворид гардид ва солҳои 1991-1992 якҷоя бо ҲДТ ва ҲНИТ ба коалитсияи нерӯҳои оппозитсионӣ дохил шуд. Солҳои 1989-1990 бошад, якумин маротиба дар таърихи сиёсии Тоҷикистон дар назди бинои ҲК Тоҷикистон намоишҳои эътирозӣ ташкил намуд.

Моҳи августи соли 1990 конференсияи таъсисии ҲДТ баргузор гардид, ки дар он намояндагони аксарияти созмонҳо ва ташкилотҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ иштирок намуданд. Моҳи декабри соли 1990 анҷумани якуми таъсисӣ баргузор гардид, ки дар он ҳисоботи мақомоти роҳбарикунанда шунида шуд, ба оиннома ва барномаи ҳизб тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Илова бар ин талабот пешниҳод карда шуд, ки Президент ваколати худро истифода намуда, парламенти амалкунандаро пароканда намояд ва интихоботи ҳайъати нави Шурои Олиро бо назардошти бисёрҳизбии ташаккулёфта эълон намояд. Дар анҷумани навбатӣ - январи соли 1991 вазъияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар

[1] Ниг.: Усманов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. -Худжанд, 2003. С.74.

ҷумҳурӣ, иштироки минбаъдаи ҳизб дар ҳаёти сиёсии кишвар баррасӣ гардиданд.[1]

Соли 1991 Ҳизби наҳзати ислом таъсис дода шуд, ки мақсади асосии он бунёди давлати ҳуқуқӣ, демократӣ ва дунёвӣ ҳамчун роҳи ягона ва дуруст дар вазъияти мавҷудаи ҷамъиятӣ сиёсӣ ба ҳисоб мерафт.[2]

Дар солҳои 90-ум созмонҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ нашрияҳои худро таъсис намуданд, ки дар саҳифаҳои онҳо масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ-сиёсиро баррасӣ менамуданд, оммаи мардумро ба муборизаи ошкоро даъват намуда, рӯз ба рӯз вазъияти сиёсиро муташанниҷ мекарданд. Дар ин самт метавон рӯзномаҳои "Адолат", "Чароғи рӯз", "Растохез", "Сухан", "Ҷавонони Тоҷикистон"-ро махсусан зикр намуд.

Нерӯҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон натавонистанд натиҷаҳои дилхоҳро бо роҳи қонунӣ ба даст оранд, аз ин хотир роҳи ғайриқонунии табаддулоти давлатиро пеша намуданд, ки боиси мухолифат байни ҳизбҳои сиёсӣ гардид. Чунин мухолифат боиси ташаккули ду гурӯҳи мухолиф гардида, ба қувват гирифтани бӯҳрони сиёсӣ оварда расонид. Дар навбати худ, моҷарои сиёсӣ ба муқовимати ҳарбӣ мубаддал гардид.

Пас аз оғози бархурдҳои ҳарбӣ роҳбарон ва намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, диндорон ва роҳбарони вилоятҳо 17 июли соли 1992 дар Хоруғ Созишномаи сулҳро ба имзо расониданд, ки якумин кушиши ноил гардидан ба ризоияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Лекин роҳбарони ҲДТ, ҲНИТ, ҳаракати мардумии "Растохез" ва "Лаъли Бадахшон" гурӯҳҳои мусаллаҳи худро пароканда накарданд ва мувофиқи тартиботи муқарраргардида аслиҳаашонро насупориданд.

Зикр намудан зарур аст, ки ҲНИТ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ягона созмоне буд, ки исломи сиёсиро муаррифӣ менамуд. ҲНИТ дар интихоботи президентӣ ширкат варзид, лекин номзади он муваффақ

[1] Ниг.: Набиев В. Политические процессы 90-х годов и многопартийная система в Таджикистане// Материалы 11 Международной научно-практической конференции «Место Таджикистана в новом международном порядке». - Душанбе, 1997. –С.63
[2]Ниг.: Каримов О. Политическое состояние Таджикистана. - Худжанд, 2007. –С. 43

нагардид. ҲНИТ яке аз ташаббускорони митингҳо ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷаи ин митингҳо Ҳукумати ваҳдати миллӣ таъсис дода шуд, ки ба ҳайъати он намояндагони ҲНИТ низ дохил гардиданд.

Баъди путчи августӣ дар Маскав ва манъ намудани ҲК Иттифоқи Шуравӣ дар ҷомеаи тоҷик ошуфтаҳолӣ ҳукмрон гардид, ки аз он неруҳои оппозитсонӣ истифода намуданд. Лекин, ба ин нигоҳ накарда, дар интихоботи президентии соли 1992 собиқ сарвари ҳизбӣ Р. Набиев ғолиб омад, ки аз сохторҳои ҳизбӣ-давлатии комунистиро ҷонибдорӣ кардани аксарияти аҳолӣ шаҳодат медод. Пас аз ғолиб омадани Р.Набиев дар интихоботи соли 1992 нерӯҳои оппозитсионӣ ӯро ба эҳёи сохторҳои ҳизбӣ ва саъю кушиши барқарор намудани режими коммунистӣ гунаҳкор намуданд.[1] Лекин таҳлил нишон медиҳад, ки муносибати Р.Набиев бо ҲК хеле мураккаб буд, зеро ӯ кӯшиш менамуд, ки, масъалаҳои идеологиро сарфи назар карда, давлатдории мавҷударо нигоҳ дорад. Аз ин нуқтаи назар, гурӯҳе аз коммунистон,ки дар давраи манъи фаъолияти ҳизб, кушиш менамуданд, ки фаъолияти онро барқарор намоянд ва ба мавқеи президент, ки дар вазъияти басо мураккаб бо нерӯҳои оппозитсионӣ созиш намудан мехост, мувофиқ набуданд.

Пас аз манъи фаъолияти ҲК пас аз воқеаҳои августӣ, гурӯҳи ислоҳотталаби коммунистон ба Прокуратураи генералии Тоҷикистон бо мақсади бекор намудани қарор оид ба манъи фаъолияти ҳизб муроҷиат намуданд. Онҳо кушиш доштанд, ки шакли парламентии Ҳизби коммунистиро бунёд намоянд. Ҳамин тариқ, дар Ҳизби коммунистӣ қисми ислоҳхоҳон пайдо гардид, ки ақидаи онҳо бештар хусусияти иҷтимоӣ-демократиро касб намуда буд. Соли 1992 ҳизб фаъолияти худро барқарор намуда, анҷумани Х1Х ҳизбиро гузаронид, ки дар он гурӯҳи ислоҳхоҳон масъалаи тағйири номи ҳизб ва рад намудани як қатор қолабҳои ҳизбиро пешниҳод намуданд. Лекин чунин пешниҳод аз тарафи аксарияти ҳизбиён рад карда шуд.

[1] Ниг.: Кенҷаев С. Табаддулоти Тоҷикистон. Ҷ. 1 –Душанбе, 1993. –С. 145.

Ҳодисаву равандҳои солҳои 90-ум ба таври дақиқ мавқеи зиддикоммунистии ҲДТ, ҲНИТ, ҳаракатҳои “Растохез” ва “Лаъли Бадахшон”-ро нишон доданд. Зери ниқоби мубориза бо ҲКТ ин нерӯҳо ба ғасби ҳокимияти давлатӣ ва сиёсӣ кӯшиш менамуданд. Дар умум, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии демократӣ, ки иродаи сиёсии аъзоёни худро ифода менамоянд, тариқи намояндагони худ, аъзоён ва тарафдорон дар мақомоти давлатӣ ба гирифтани ҳокимият кӯшиш менамоянд. Ҳокимиятро мувофиқи барномаи худ амалӣ намуда, ҳизб, ки дорои барномаи фаъолияти парламентӣ ё ҳукуматӣ мебошад, дар сатҳи муайян мувофиқи ҳамон муқаррароти идеология ва сиёсати худ амал мекунад, ки аз тарафи шаҳрвандон дар интихобот ва дигар шаклҳои иштирок дастгирӣ ёфтааст. Аз ин хотир, вобастагии муайяни ҳокимияти давлатӣ аз ин ё он мавқеи идеологӣ ва сиёсии ҳизбҳо, сарварони онҳо, таҳти назорати демократии интихобкунандагон мавҷуд аст. Намояндагони интихобшуда маҳз иродаи онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ татбиқ менамоянд.

Ҳушёриву зиракии бузургро амалҳои як қатор сарварони созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, эътирозҳои барзиёд ва нодаркори онҳо, такаббуру ҳавобаландӣ мавҷуд набудани қадамҳои созандаи амалӣ дар иҷро намудани барномаҳои ҳизбӣ ба худ ҷалб менамуд. Дар робита бо ин нуқта метавон чунин огоҳнамоии Ленинро ба хотир овард, ки гуфта буд: “Оид ба ҳизбҳои сиёсӣ на аз рӯи номгузорӣ, изҳорот ва барномаҳои онҳо, балки аз рӯи кор ва фаъолияти онҳо ақидаронӣ намудан мумкин аст”. [1]

21 июни соли 1993 Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мурофиаи судӣ муқаррар намуд, ки ҲДТ, ҲНИТ, ҳаракати шаҳрвандии “Растохез”, “Лаъли Бадахшон” дар фаъолияти амалии худ талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҶШС Тоҷикистон”-ро риоя накарданд ва гунаҳкории ҳизбҳо ва ҳаракатҳои

[1] Ленин В. И. Полн. собр. соч. - Т. 20. - С. 37.

оппозитсиониро дар кушиши ғасби зӯроваронаи сохтори конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ, ба гаравгон гирифтани намояндагони халқ, барангехтани ҷанги байни миллатҳо ва гурӯҳҳои этникӣ, ки ба ҳазорҳо талафоти ҷонӣ оварда расонид, инчунин дар бунёди гурӯҳҳои ҳарбӣ муайян намуд. Дар алоқамандӣ бо ин, бо қарори Суди Олӣ фаъолияти ҲДТ, ҲНИТ, ҳаракатҳои шаҳрвандии “Растохез”, “Лаъли Бадахшон” боздошта шуд.[1] Лекин боздошта шудани фаъолияти ҳизбҳои сиёсии мазкур маънои онро надошт, ки онҳо мухолифатро қатъ намуда бошанд. Соли 1993 дар Афғонистон аз тарафи ҲДТ, ҲНИТ оппозитсияи муттаҳидаи тоҷик таъсис дода шуд, ки вазъияти ҷамъиятӣ-сиёсии кишварро боз ҳам муташанниҷтар намуд.[2]Таҳлил нишон медиҳад, бозодшти фаъолияти ҲДТ ва ҲНИТ ба раванди ташаккули низоми бисёрҳизбӣ таъсири муайян расонида бошад ҳам, лекин ба рушди он монеа нагардид.

Соли 1994 Ҳизби эҳёи сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд, ки ду нафар аъзоёни он намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафтанд. Соли 1998 ҳизби мазкур ба оппозитсияи муттаҳидаи тоҷик пайваст гардид.

Соли 1994 Ҳизби халқии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва соли 1997 дар анҷумуни III ба номи ҳизб тағйирот ворид карда, он номи Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистонро гирифт. Соли 1998 дар анҷумани VI ҳизб Э.Раҳмонов роҳбари ҳизб интихоб шуд. Зикр намудан зарур аст, ки маърузаи Э.Раҳмон дар ин анҷуман ба марҳилаи нави дигаргуниҳои демократӣ дар ҷомеаи тоҷик, ташаккули бисёрҳизбӣ ва муносибатҳои бозорӣ оғоз бахшид. Э.Раҳмон, аз ҷумла, таъкид кард, ки “мақсади ҳизб бунёди давлати дунявӣ ва демократӣ ба ҳисоб меравад, ҳизб ягонагӣ ва эҳёи кишварро кафолат медиҳад. Конститутсияи кишвар плюрализми

---

[1] Ниг.: Набиев В.М, Политические партии Таджикистана и их вклад в межнациональное согласие //Сб. статей Миротворческие процессы в Таджикистане. - Душанбе, 1998. –С. 220.
[2] Ниг.: Набиев В.М, Политические партии Таджикистана и их вклад в межнациональное согласие //Сб. статей Миротворческие процессы в Таджикистане. - Душанбе, 1998. –С. 341.

афкорро кафолат медиҳад, одамон бо эътиқоди гуногун ва эътимодҳои мухталифи идеологӣ метавонанд озодона роҳи худро интихоб намоянд ва мувофиқи амри дилу виҷдони худ зиндагӣ намоянд. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ақидаҳои динӣ ва сиёсиро ба сари касе таҳмил кунад ё рақиби идеологиро таъқиб кунад, ҳукумат ба чунин амалҳо роҳ намедиҳад”.[1]

Таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки мавҷудияти мақомоти парламентӣ дар давлат ҳанӯз маънои пайдоиши параламентаризмро ҳамчун ниҳоди махсуси сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки дар асоси он тамоми идоракунии давлат ба роҳ монда мешавад, надорад. Кӯшиши нисбӣ ба самти парламентаризм дар ҷараёни интихоботи парламентарии соли 1995 ба мушоҳида расид. Ба парламент вакилҳое интихоб гардиданд, ки доираи муайяни нерӯҳои сиёсӣ ва қишрҳои иҷтимоии Тоҷикистонро таҷассум менамуданд. Лекин, хусусияти рақобатнокии интихоботро далеле мавриди тардид қарор медиҳад, ки дар аксарияти ҳолатҳо дар раванди мубориза яроқ, захираҳои маъмурӣ ва тарсонидани интихобкунандагон истифода мешуд. Дар натиҷа, ҲК 60 мандат, номзадҳои мустақил 113 мандат, Ҳизби ваҳдати миллӣ 2 мандат, Ҳизби ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ 1 мандатро ба даст оварданд. Ҳизби халқӣ-демократӣ дар ин интихоботи парламентӣ ҳамагӣ 5 ҷойро ба даст овард.[2]

Дар ин марҳила, ки фаъолияти як қатор ҳизбу ҳаракату созмонҳои сиёсӣ манъ гардида буд, аксарияти депутатҳо ҳамчун номзадҳои мустақил ба зикр гирифта шуда буданд. Метавон зикр намуд, ки дар парламенти соли 1995 мавқеи устувори ҲК мушоҳида мегардид, ки 60 мандатро ба даст оварда буд. Дар ин марҳила парламенти кишварро наметавон мақомоти комили намояндагии халқ номид. Зеро дар натиҷаи истифодаи захираҳои маъмурӣ ва технологияҳои мухталифи сиёсӣ,

[1] Выступление Президента Э.Ш. Рахмонова на 4 съезде НДПТ 18 апреля 1998г.// Народная газета. - 1998. - 8 мая.
[2] Ниг.: Милод Ф. Парламент: от непослушного собрания до спокойного и безмолвного аппарата // Радио Озоди. [http:// rus.ozodi.mobi/a/26746138.html], 20 января 2014.

иродаи халқ дар бисёр ҳолатҳо аз доираи фаъолияти намояндагон берун мемонад. Илова бар ин, интихобкунандагон наметавонанд фаъолияти намояндагони интихобшуда, аз ҷумла аз халқ ва талаботи воқеии он дур гардидани вакилонро назорат намоянд.

Зикр намудан зарур аст, ки ниҳоди бисёрҳизбӣ дар ҳар як кишвар гуногунсохтор мебошад. Як қатор ҳизбҳо маҳсули буҳрони идеологияи анъанавӣ, қисми дигар натиҷаи пошхурии сохторҳои ҳизбии расмӣ, қисми дигар самараи зарурати қонеъгардонии манфиатҳои элитаи сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Лекин, ба ҳар ҳолат, онҳо равандҳои воқеии иҷтимоӣ-сиёсӣро, ки дар ҷомеа ба миён меоянд, таҷассум менамоянд.

Роҳбарияти кишвар тамоми чораҳои имконпазирро барои ноил гардидан ба сулҳ ва ризоият амалӣ менамуд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996 роҳбарони ҳизбҳои оппозитсионӣ ва оппозитсияи муттаҳидаи тоҷик авф гардида, парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба онҳо қатъ карда шуданд. Дар ҳамин давра роҳбарони 7 ҳизби сиёсӣ дар баробари роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятии дигар Аҳдномаи ризоияти миллии Тоҷикистонро ба имзо расониданд.

Дар инкишофи бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон нақш ва мақоми Шурои ҷамъиятӣ бузург аст, ки як навъ механизми намояндагии ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмону ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба ҳисоб рафта, дар доираи фаъолияти он масъалаҳои мухталифи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешаванд. “Дар маҷлисҳои Шурои ҷамъиятӣ муҳокима ва баррасии масъалаҳои муҳим, ба монанди хусусигардонӣ ва нақши он дар иқтисодиёти миллӣ, таҳлили ҳаматарафаи лоиҳаи қонунҳо, як қатор барномаҳои давлатӣ ба роҳ монда шуда буд”.[1]

Ҳизби адолатхоҳ соли 1996 ба қайд гирифта шудааст. Гарчанде ҳизби мазкур то ба охир ташаккул наёфта, дорои имкониятҳои маҳдуди

[1] Рахмон Э. Выступление на встрече с членами Общественного совета. //Народная газета. №8. 23.02.2005.

таъсиррасонӣ ба равандҳои сиёсӣ буд, лекин дар интихоботи Маҷлиси Олӣ дар соли 2000 иштирок намуд.

Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон соли 1996 ба қайд гирифта шуда, дар интихоботи Маҷлиси Олӣ фаъолона ширкат варзида, ба раванди сиёсӣ таъсир мерасонид.

Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон соли 1998 ба қайд гирифта шуда, дар равандҳои сиёсии кишвар мавқеи муҳимро касб намудааст. Соли 2006 ҲСДТ дар бобати даст кашидан аз иштирок дар интихоботи президентӣ изҳор намуд, зеро ба ақидаи ин ҳизб байни қонунгузории амалкунандаи интихоботӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав баъд аз ворид намудани тағйироту иловаҳо мувофиқат ҷой надорад ва имкон намедиҳад, ки машруияти натиҷаҳои интихобот таъмин карда шавад. Аз ин хотир, ҳатто пеш аз баргузории интихобот, дар анҷумани 1Х ҳизбӣ қарор оид ба ғайриқонунӣ ва ғайримашруъ будани натиҷаҳои интихобот қабул карда шуд.

Баъди ба итмом расидани муқовимати ҳарбӣ яке аз масъалаҳои муҳим фаъолияти ҳизбҳои оппозитсионӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар мубориҳзаи мусаллаҳона мағлуб гардида, кушиш менамуданд мақоми худро дар Тоҷикистони муосир пайдо намоянд.

Ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ дар Тоҷикистон хусусиятҳои хос дорад. Он, пеш аз ҳама, бо гуногунии рушди таърихии низоми ҳизбӣ алоқаманд мебошад. Раванди ташаккули ҳизбҳо ва ҳаракатҳои навро дар марҳилаи ибтидоӣ пайгирӣ намуда, метавон як қатор хусусиятҳои онҳоро муайян кард:

-сатҳи на он қадар баланди фарҳанги сиёсӣ бо тобиши архаистӣ, ки рушди назарраси хаёлӣ ва ормонӣ будани муқаррароти барномавии рафторро муайян кардааст;

- хусусияти сиёсатзадагӣ ва идеологизатсияи аксарияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳо, яъне на дар асоси алоқаҳои иҷтимоӣ, балки дар асоси ҳолати маънавии ҷомеа, гирифтани ташаккули онҳо;

-таҳаввулоти аксарияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳо дар самти зиддикоммунистӣ, сурат мегирад ва гузашта аз ин онҳо, на танҳо ба низоми ҳокимият, балки нисбат ба якдигар низ мухолифат доранд.

Яке аз даъвогарони ҷиддӣ ба ғолибият дар интихоботи парламентии соли 2000 мухолифини муттаҳида ба ҳисоб мерафтанд. Сохтори иттиҳоди мазкур мухталиф буда, аз ҲНИТ, ҲДТ, ҳаракати "Растохез" ва "Лаъли Бадахшон"-ро дар бар мегирифт. Инчунин, соли 1998 ба он Ҳизби эҳёи сиёсӣ ва иқтисодӣ ворид гардид.

Дар интихоботи парламентии соли 2000 дар доираи ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ 6 ҳизби сиёсӣ ширкат варзид: Ҳизби адолатхоҳ, ҲДТ, ҲКТ, ҲНИТ, ҲСТ, ҲХДТ. Дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ ҲХДТ – 64,91%, ҲКТ – 20,39%, ҲНИТ – 7,31%, ҲДТ – 3,54%, ҲСТ – 1,22% овозҳоро ба даст оварданд. Дар натиҷа, ҲХДТ соҳиби 15, ҲКТ 5 ва ҲНИТ 2 ҷой гардид. Ҳизбҳои дигар аз монеаи 5%, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, гузашта натавонистанд ва соҳиби ҷой нашуданд.

Дар интихоботи парламентии соли 2005 ҲХДТ ғолибияти мутлақро бо 74,7% овози интихобкунандагон ба даст овард, ки нисбат ба интихоботи соли 2000 10% бештар буд. Зикр намудан зарур аст, ки аз 21 номзади ҲХДТ, ки дар рӯйхати ҳизбӣ пешниҳод гардида буданд, 17 нафар депутати Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд. Дар ҳавзаҳои якмандатаи интихоботӣ ҲХДТ 41 номзад пешбарӣ намуда буд, ки аз онҳо 39 нафар ҳамчун намояндагони халқ интихоб карда шуданд. Ҳизбҳои сиёсии дигар ба бартарии ҲХДТ нигоҳ накарда дар интихобот бо пешбарии номзадҳои худ фаъолона иштирок намуданд. Дар натиҷа онҳо чунин натиҷаҳоро ба даст оварданд: ҲКТ – 13,63%; ҲНИТ – 8,93%; ҲДТ – 1,16%; ҲСДТ -0,5%; ҲСТ – 0,3%.[1]

[1] Ниг.: Каримов О. Политическое состояние Таджикистана. - Худжанд, изд. ТГУ ПБП, 2007. –С. 220.

Соли 2005 дар низоми ҳизбии Тоҷикистон ду ҳизби дигар – Ҳизби аграрии Тоҷикистон ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд, ки аз тарафи аксарият ҳамчун ҳизбҳои ба ҳукумат содиқ шуморида мешаванд. “Дар ин давра баҳс ва ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия дар марказ ва маҳалҳо аз рӯи моҳият ва мазмуну мундариҷаи худ ғанӣ мегардид. Яке аз хусусиятҳои хоси чунин ҳамкориҳо тоқатпазирӣ ва эҳтироми тарафайн, дастоварди муҳимми сиёсӣ ва маънавӣ ба ҳисоб мерафт ва боиси қаноатмандии тарафайн гардида буд”.[1]

Дар асоси вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон, бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаҳои зерин амалӣ гардидааст:

-то соли 1992: дар ин давра якумин ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракату иттиҳодияҳои сиёсӣ, ки метавон онҳоро ҳамчун заминаи ташаккули ҳизбҳои нав баррасӣ намуд, пайдо гардиданд: ҲДТ (1991); ҲНИТ (1991); ҲКТ (1991 – мустақил эълон намудани фаъолияти ҳизб); Ҳизби меҳнати озод (1992);

- соли 1993-1998: Ин давра асосан бо марҳилаҳои гуногуни раванди гуфтушуниди байни тоҷикон алоқаманд буда, дар таърихи рушди ҳизбҳои сиёсӣ давраи номуайянӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра ҳизбҳои зерин ба зикр гирифта шуданд: Ҳизби эҳёи сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон (1993); Ҳизби ваҳдати миллӣ (1994); Ҳизби шаҳрвандӣ-ватандӯстии “Иттифоқ” (1994); Ҳизби халқии Тоҷикистон (ҳозира Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон) (1994); Ҳизби адолатхоҳ (1996); Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (1996); Ҳизби адолат ва рушд (1997);

-солҳои 1999-2015: Ин марҳила баъд аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ оғоз мегардад;

-соли 2015 – то ба имрӯз: марҳилаи мазкур аз воқеаҳои сентябрии соли 2015, ки бо амалӣ гардидани амалҳои террористӣ ва кушиши

[1] Ниг.: Олимов К. Демократический процесс становится устойчивым. -Душанбе, 1998. -С. 7.

табаддулоти давлатӣ алоқаманд аст ва манъи фаъолияти ҲНИТ аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мегардад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуда, ба такмили демократикунонии ҷомеа дар кишвар мусоидат менамоянд. Таҳлил нишон медиҳад, ки пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав дар ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ оғоз мегардад, ки бо ҷанбаҳои зерин алоқаманд аст:

- масъалаи иҷозати ҳизбҳои сиёсии манъгардида, ки ба "блоки оппозитсионӣ" дохил буданд, яъне ҲДТ, ҲНИТ, инчунин ҳаракатҳои мардумии "Растохез" ва "Лаъли Бадахшон" ҳал гардид;

- Ҳизби ваҳдати миллии Тоҷикистон барои фаъолияти зиддиконститутсионӣ, Ҳизби "Адолатхоҳ" барои мутобиқ набудан ба меъёрҳои қонунгузорӣ, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар кишвар танзим менамояд, манъ карда шуд;

-қонунҳои нав "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ", "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" қабул карда шуданд, ки муносибати байни ҳизбҳоро танзим менамоянд, мақом, мавқеъ, ҳуқуқ, салоҳият, масъулияти ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муайян менамоянд, ба такмил ва рушди низоми бисёрҳизбӣ мусоидат мекунанд;

-баргузории интихоботи президентӣ ва интихоботи парламентӣ дар асоси бисёрҳизбии воқеӣ.

Ғояи пайдоиши бисёрҳизбӣ бо қонуниятҳои рушди ҷомеа алоқаманд буда, сатҳи рушди онро тавсиф менамояд. Ҷомеаи бе ҳизб ҷомеае ба ҳисоб меравад, ки бо идеология ва ҳокимияти монархӣ ғасб гардидааст ва, ҳатто, афкори одамони пешқадамро дар асорат нигоҳ медорад. Фаъолнокӣ, нерӯи омма, эҷодиёт, салоҳиятнокӣ ва ташаббускорӣ – асоси

ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа, нерӯи пешбарандаи тамоми рафтор ва амали одамонро ифода менамоянд.[1]

Ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар дар барқарор намудани сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштаанд. Дар шароити имрӯза, ҳизбҳои сиёсӣ ба назардошти таҷрибаи таърихии худ дарк кардаанд, ки онҳо бояд ба якдигар бо эҳтиром муносибат намуда, барои рушди минбаъдаи ҷомеа хулосаҳои зарурӣ бароранд.

Лекин, пайдоиши аввалин ҳизбҳои сиёсӣ ва муборизаи онҳо барои ҳокимият, аз бисёр ҷиҳат, боиси ҷанги шаҳрвандӣ гардид, ки он бо ҷанбаҳои зерин алоқаманд аст:

- буҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки пас аз пошхӯрии давлати шуравӣ, дар асоси қатъ гардидани алоқаҳои иқтисодӣ ба миён омаданд;

-неруҳои сиёсии пайдошуда ба таври худ кӯшиш менамуданд, ки вазъиятро дигаргун намоянд. Воситаи бадастории чунин мақсад ҳокимият ба ҳисоб мерафт;

- шуури сиёсии оммаи мардум дар сатҳи паст қарор дошт, ки дар асоси истифодаи чунин ҳолат, як қатор нерӯҳои сиёсӣ бевосита ба монипулятсияи шуури ҷамъиятӣ машғул гардиданд;

- ҳаракатҳои сиёсии ташаккулёфтаи минтақавӣ тамоюлҳои марказгурезиро қувват бахшиданд, зеро ҳар яке аз онҳо танҳо бо ҳудуди минтақаи худ маҳдуд мегардиданд;

- омода набудани роҳбарияти кишвар ба тағйирот ва воқеияти нав;

-мавҷуд набудани таҷриба ва фарҳанги пешбурди муборизаи сиёсӣ байни нерӯҳои мухталифи сиёсӣ дар ҷомеа.

Зикр намудан зарур аст, ки ҳар як ҳизби сиёсӣ пеш аз он, ки ба гирифтани ҳокимият кушиш кунад, бояд шуури сиёсии оммаи мардумро тағйир дода, ҷамъиятро ба қабули ин ё он падида ё раванди сиёсӣ омода намояд.

---

[1] Ниг.: Набиев В.М. Сулх, ризоият, ваҳдат. –Худжанд: “Хуросон”, 2007. –С. 27.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза дар кишвар 7 ҳизби сиёсӣ амал намуда, ба равандҳои сиёсӣ, ба раванди таҳкими арзишҳои демократӣ, ба амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ таъсири амиқ мерасонанд. Лекин бояд зикр намуд, ки мавҷудияти миқдори зиёди ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз маънои мавҷудияти бисёрҳизбӣ нест. Дар равандҳои сиёсӣ, дар фаъолияти параменти касбии кишвар мавқеи ҲХДТ бузург аст, зеро он ҳизби ҳукмрон ба ҳисоб рафта, аз захираҳои мухталифи маъмурӣ истифода менамояд. Ҳизбҳои дигар дар раванди қабули қарори сиёсӣ дар парамент наметавонанд мавқеи худро нигоҳ доранд, зеро онҳо дар парламент намояндаи кам доранд ё умуман намоянда надоранд. Метавон зикр намуд, ки аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон танҳо ба хотири ба таври расмӣ нишон додани мавҷудияти бисёрҳизбӣ амал мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил ва баррасии таҳаввулоти бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

- ҷамъиятигардонии мутлақи моликият, гузариш ба нақшагирии бевоситаи директивӣ дар доираи панҷсолаҳо, истифодаи васеи маҷбуриятҳои ғайрииқтисодӣ ва фишоровstatic ниҳоди фехристӣ ҳокимияти “давлат-ҳизб”-ро мустаҳкам ва пурқувват намуданд. Якҳизбӣ дар давраи шуравӣ дар конститутсия сабт шуда буд;

-дар ҷумҳуриҳои осиёгии давлати шӯравӣ ҷомеа ҳуқуқи ҳокимияти воқеиро дар истифодаи доимии он эътироф менамуд. Чунин муносибат, албатта, ба ҳукмронии тақсимнопазири ҳизби ҳукмрон мусоидат мекард;

-дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаи элитаҳои этникиву минтақавӣ дар фаъолияти ҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инъикос мегардад. Дар солҳои охири мавҷудияти Иттифоқи Шуравӣ фаъолияти ҲК бештар хусусияти бесалоҳиятӣ ва ноӯҳдабарой хос шуда буд. Роҳбарияти ҲК, моҳиятан нисбат ба роҳбарияти ҳизбӣ-хукуматии иттифоқӣ мавқеи интизориро пеш гирифта буд;

-ба роҳ мондани бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо равандҳои бозсозӣ, бо таъсиси иттиҳодияҳо ва клубҳои сиёсии ғайрирасмӣ, ҳаракатҳои алтернативӣ ва фронтҳои халқӣ дар дастгирии бозсозӣ, ошкорбаёнӣ, пешбурди ислоҳоти демократӣ алоқаманд аст.

-ташаккули бисёрҳизбӣ бо як қатор омилҳо, ба монанди ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо номи бозсозӣ, аввалин интихоботи алтернативӣ дар солҳои 1988-1990, оғози соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, тағйирёбии муқаррароти клонститусионӣ оид ба мавқеи Ҳизби коммунист, воқеаҳои августии соли 1991, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, қонунгузории либералии ҳизбӣ, ташаккул ва рушди парламенти касбӣ, такмили қоннгузорӣ алоқаманд аст;

-дар Ҷумҳури Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди демократикунонии низоми сиёсӣ гузариш аз низоми якҳизбӣ ба низоми бисёрҳизбӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар шароити ҷомеаи шаҳрвандии рушднакарда, мавҷуд набудани анъанаҳои демократӣ амалӣ гардидааст;

-нерӯҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон натавонистанд натиҷаҳои дилхоҳро бо роҳи қонунӣ ба даст оранд, аз ин хотир роҳи ғайриқонунии табаддулоти давлатиро пеша намуданд, ки боиси мухолифат байни ҳизбҳои сиёсӣ гардид.

## 2.2. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун миёнарав байни ҷомеа ва давлат: таҷрибаи Тоҷикистон

Бо гузариш ба сохтори демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас гузариши низоми сиёсӣ амалӣ гардид, ки дар он нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ бузург аст. Дар ҷомеаи демократӣ ҳизбҳои сиёсӣ ба сифати субъектҳои муҳим ва аҳаммиятноки раванди интихоботӣ баромад мекунанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳизбҳои навъи ғарбӣ ташаккул наёфтаанд, ки дорои заминаи устувори иҷтимоӣ бошанд ва тавонанд манфиати гурӯҳҳои калони аҳолиро самаранок ошкор намуда, онҳоро ба барномаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ

ва иқтисодӣ ворид кунанд, ба таври муташаккил ба раванди муборизаи сиёсӣ роҳбарӣ намоянд.

Ташаккули низоми ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои мухталифи инкишофро паси сар намудааст. Заминаи ҳуқуқии бисёрҳизбӣ ҳанӯз дар марҳилаи охирини маҷудияти Иттифоқи Шуравӣ бо бекор намудани моддаи 6-уми Конститутсияи Иттифоқи Шуравӣ оид ба нақши роҳбарикунандаи Ҳизби коммунист ва қабули тағйироти қонунгузорӣ, ки имконияти пайдоиши ҳизбҳои дигарро таъмин менамуд, оғоз гардидааст.

Пас аз қабули Қонун "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" ба қайдгирии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ хусусияти расмӣ пайдо намуд. Ҳамин тариқ, дар як муддати кӯтоҳ ҳизбҳои нав пайдо шуданд.

Чунин ба назар менамуд, ки ба мухолифати ҳуҷҷатҳои барномавӣ нигоҳ накарда, ин ҳизбҳоро кушиши бунёди ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон, ки ба иқтисоди бозорӣ, арзишҳои либералӣ ва бисёрҳизбӣ асос ёфтааст, муттаҳид менамояд. Ҳокимияти амалкунандаро пайдоиши ҳизбҳои нав ва ба фаъолияти сиёсӣ ворид гардидани онҳо ба ташвиш намеовард, зеро онҳо кӯшиш менамуданд, ки нерӯ ва мавқеи Ҳизби коммунистиро мустаҳкам намоянд.

Банди якуми моддаи 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оқибатҳои амалии гуногунии идеологӣ, ки аҳаммияти бузурги конститусиониву ҳуқуқӣ дорад, бахшида шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси плюрализми сиёсӣ ва идеологӣ рушд мекунад. Плюрализми сиёсӣ дар мавҷудияти бисёрҳизбӣ, мавҷудияти самтҳои мухталиф дар фаъолияти амалии сиёсӣ – дар тарғибу ташвиқи ҷараёнҳо, барномаҳо, лоиҳаҳои қонун дар ҳаёти сиёсӣ, тарафдорӣ ё мухолифат ба номзадҳои муайян дар интихобот, ҳалли масъалаҳое ки ба раъйпурсии умумихалқӣ гузошта мешаванд, зоҳир мегардад.

Дар фаъолияти сиёсӣ қисми ташкилии он – бунёд ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки мустақилона ё бо муттаҳидшавӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ ба татбиқи мақсадҳои сиёсӣ кӯшиш менамоянд, нақши муҳим дорад. Шакли асосии гуногунии сиёсӣ бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Бисёрҳизбӣ яке аз аломатҳои асосии давлати созибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқӣ, дунёвӣ ва ягона, ки дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ рушд менамояд, ба ҳисоб меравад.[1]

Солҳои охир гуногунии идеологӣ ва сиёсӣ, ки аз бисёр ҷиҳат, бо бисёрҳизбӣ ифода карда мешавад, қисми устувори ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар гардидааст. Заминаи ҳуқуқии ин дастоварди демократия ворид намудани муқаррароти мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба асосҳои сохтори конститутситонӣ, ки дар мавриди пайдоиши зарурат бо тартиботи мураккаб тағйир дода мешавад, ба ҳисоб меравад. Мутобиқати ин муқаррароти Конститутсия ба принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ имконияти роҳандозӣ ва рушди плюрализмро дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Дар банди якуми моддаи 28-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ҳуқуқ доранд. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар бунёди ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодяҳои ҷамъиятӣ иштирок намоянд, ба таври ихтиёрӣ ба онҳо ворид гарданд ва ё онҳоро тарк намоянд.[2]

Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ заминаи ҳуқуқии бунёд ва фаъолияти чунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Муқаррароти зикргардидаи Конститутсия дар қонунгузорӣ, ки мундариҷаи ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, кафолатҳои асосии давлатии он, мақоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, тартиби бунёди онҳо, фаъолият, қатъгардӣ ва пароканшавии онҳоро танзим менамоянд, мушаххас гардонида мешаванд. Ба меъёрҳои асосӣ дар ин самт метавон

---

[1] Ниг.: Набиев В.М, Политические партии Таджикистана. - Душанбе, 2002. – С. 14.
[2] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”, “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ”, “Дар бораи дин ва созмонҳои динӣ”, “Дар бораи иттифоқҳои касбӣ, ҳуқуқ ва кафолати фаъолияти онҳо” –ро дохил намуд.

Конститутсия ва Қонун “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” озодии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро кафолат медиҳанд. Ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шаҳрвандон бе иҷозати пешакии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ таъсис дода мешаванд. Ҳизбҳо метвонанд дар мақомоти адлия ба қайд гирифта шаванд ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро касб намоянд ё бе базикр гирии давлатӣ ва бадастории чунин ҳуқуқҳо фаъолият кунанд. Лекин ҳизбҳои сиёсиро зарур аст, ки ба таври ҳатми бақайдгирии давлатиро гузаранд.[1]

Зикр намудан зарур аст, ки танҳо ҳизбҳои сиёсии аз қайди давлатӣ гузашта ҳуқуқ доранд дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок намоянд. Қонун меъёри навро муқаррар намудааст, ки мувофиқи он ҳизби сиёсӣ навъи ягонаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои ҳуқуқи мустақилона пешниҳод намудани номзадҳо ё рӯйхати ҳизбӣ дар интихобот мебошад.

Бисёрҳизбӣ ба ҳайси яке аз асосҳои сиёсии сохтори конститутсионӣ аз ду қисми таркибӣ – мавҷудияти гурӯҳҳои муташаккили сиёсии одамон ва микдори зиёди ин гурӯҳҳо иборат аст. Микдори ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳар як давлат гуногун буда, аз анъанаҳои миллӣ, таърихӣ, сиёсии миллату халқияти алоҳида бармеояд. Давлат набояд микдори ҳизбҳоро маҳдуд намояд ё микдори муайяни онҳоро муқаррар кунад. Микдори ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ дар асоси ғояе, ки ҳар як шаҳрванд бояд имконияти тарафдорӣ намудани ин ё он ҳизби сиёсӣро дошта бошад, муайян карда мешавад. Ҳар як ҳизби сиёсӣ бояд электорати худ, яъне

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 10. Моддаи 139. .

интихобкунандагонро, ки номзади ҳизбро дар интихобот дастгирӣ менамоянд, дошта бошад.

Дар давлати демократӣ хусусияти муносибати байни ҳизбҳо ва давлат, ҳизбҳо ва аҳолии кишвар, интихобкунандагон ҷиҳати муҳим ба ҳисоб меравад. Ба мустақилият, ки тариқи воситаи интихобӣ ба ҳокимият омадани онҳо таъмин мегардад, нигоҳ накарда, гуфтугӯ бо давлат ҷанбаи ҷудонопазир ва яке аз вазифаҳои муҳимми ҳизбҳо ба ҳисоб меравад. Ҳизб метавонад, ки ҳизби оппозитсионӣ бошад, лекин фаъолияти он, аз бисёр ҷиҳат, аз дастгирии тарафдорон, ки овози худро ба ҳизб медиҳанд, вобаста аст. Маҳз ин ҳизб манфиати тарафдорони худро дар сатҳи давлатӣ намояндагӣ мекунад. Аз ин хотир, ҳар як ҳизби оппозитсионӣ бояд ҳуқуқ ба мавҷудиятро дошта бошад.

Бисёрҳизбӣ ҳамчун асоси сохтори конститутсионӣ дар Конститутсия ва қонунҳои дигар, ба монанди ќонунҳо "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ", "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" муқаррар гардидааст.

Зарурати қонунгузории махсуси танзими мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси якчанд сабаб ва омилҳо муайян карда мешавад:

-ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити муосир ягона навъи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд, ки ҳуқуқи иштирок дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатиро доранд;

-ҳизбҳо бар хилофи дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бояд сохтори дақиқи ташкилӣ, узвият дошта бошанд, ки ба муқаррарнамоии ҳуқуқӣ ниёз дорад;

-бе танзими қонунгузорӣ ба масъулият ва ҷавобгарӣ ҷалб намудани ҳизбҳои сиёсӣ, ки самтгирии ифротгароӣ доранд ва фаъолияти онҳо ба вайрон намудани асосҳои сохти конститутсионӣ равона карда шудааст, хеле мураккаб ва ғайриимкон мегардад.

Таҳлили заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин ҷиҳатҳо дар бандҳои муайян муқаррар гардидаанд. Лозим ба таъкид аст, ки мавҷудияти қонун оид ба

ҳизбҳо танҳо заминаи бисёрҳизбии воқеӣ ба ҳисоб меравад. Б.С. Эбзеев зикр менамояд, ки "ҳизб ба маънои воқеӣ ва дақиқ бо қонун муайян карда намешавад, қонун танҳо шароити зарурии ҳуқуқиро бунёд менамояд; бисёрҳизбии воқеӣ дар асоси амалияи сиёсии тулонӣ ташаккул меёбад, ки шаҳодати қобилиятнокӣ ва омодагии ҳизб ба амалигардонии вазифаҳои конститутсионии худ мебошад".[1]

Заминаи ҳуқуқӣ оид ба ҳизбҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд марҳилаи муайянро паси сар намудааст. Сарчашмаи ташаккул ва рушди иттиҳодияҳои сиёсӣ дар кишвар қонуни шуравии соли 1990 мебошад. Баъдтар он бо Қонун "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" иваз карда шуд, ки бештар ҷанбаҳои либералии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро таҷассум менамуд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" тарҳи ягонаи ташкили ҳизбӣ дар шакли ҳизбҳои оммавӣ бо узвияти ҳатмӣ, масъулияти аъзоёни ҳизб дар эътироф ва иҷрои барнома ва оинномаи ҳизб, иштирок дар фаъолияти ҳизб муқаррар гардидааст. Дар қонуни мазкур аз лаҳзаи қабули он, чандин маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд, ки бо коҳиши талабот ба миқдори аъзоёни ҳизб, рушди рақобати сиёсӣ алоқаманд мебошанд. Зикр намудан зарур аст, ки як қатор тағйироту иловаҳо ба ҷорӣ кардани бисёрҳизбӣ ҳамчун асоси сохтори конститутсионӣ алоқаманд буд.

Ҳар як давлати демократӣ ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти он ҳизбҳои сиёсиро, ки бар зарари кишвар ва миллат амал менамоянд, манъ кунад. Чунин манъкунӣ бо роҳҳои зерин: манъи бунёди ҳизб, рад намудани бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии ҳизби мавҷуда амалӣ карда мешавад. Таъсиси ҳизбҳои сиёсиро тариқи муқаррароти конститусия ва дигар қонунҳо маҳдуд кардан мумкин аст. Масалан, дар Испания дар Конститутсия ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидгардии озод эътироф

[1] Ниг.: Эбзеев Б.С. Конституция, власть и свобода в России: опыт синтетического исследования. - М., 2014. - С. 237.

карда шудааст, лекин муқаррар гардидааст, ки ташкили ассосиатсияҳое, ки мақсадҳои ҷиноятиро пайгирӣ менамоянд, манъ аст. Нигоҳ доштан ё манъ намудани фаъолияти иттиҳодия танҳо дар доираи қарори суд ба роҳ монда мешавад.[1]

Дар Конститусия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд, чунин муқарраротӣ манъкунанда ҷой доранд. Лекин, озодии муттаҳидшавӣ наметавонад бемаҳдуд бошад, ва ба мақсадҳои зиддиичтимоӣ истифода шавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсиеро, ки мақсад ё амали онҳо ба ғасби зӯроваронаи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ташкили гурӯҳҳои ҳарбӣ, ангехтани хусумати нажодӣ, миллӣ, ичтимоӣ ва динӣ равона гардидааст, манъ менамояд.[2]

Чунин манъкунӣ ба мудаллалсозии маҳдудияти озодии муттаҳидшавӣ, ки дар Муоҳидаи байналхалқии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи аврупоии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ муқаррар гардидааст, мутобиқат мекунад. Масалан, Конвенсияи аврупоии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ муқаррар намудааст, ки татбиқи ҳуқуқ ба озодии муттаҳидшавӣ “на бояд маҳдуд карда шавад, ки бо қонунҳо муайян шудаанд ва дар ҷомеаи демократӣ ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, бо мақсади бартараф намудани бетартибиҳо ва ҷиноякорӣ, барои ҳимояи солимӣ ва маънавиёт ё ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигар зарур мебошанд”.[3]

Дар асоси принсипи деидеологизатсияи хизмати давлатӣ, қонунгузорӣ таъсиси сохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ ва ҷамъиятиро бо истиснои иттифоқҳои касаба дар мақомоти давлатӣ манъ намудааст. Дар шароити имрӯза чунин мамнуият дар Қонуни Ҷумҳурии

---

[1] Ниг.: Конституции зарубежных государств: учебное пособие / сост. В.В. Маклаков. 4-е изд., перераб. и доп. - М., 2003. С. 231.
[2] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
[3] Конвенсияи Аврупоии ҳимоя ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ // www.ec hr.coe.int

Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” муқаррар гардидааст, ки мувофиқи он зерсохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ танҳо дар асоси принсипи ҳудудӣ бунёд ва амал менамоянд.[1]

Б.С. Эбзеев зикр менамояд, ки маънои сиёсӣ ва ҳуқуқии барҳам додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ манъ ё қатъ намудани фаъолияти онҳо дар бартараф кардани нерӯҳои зиддиконститутсионӣ аз фазои сиёсии конститутсионӣ зоҳир мегардад. Плюрализми сиёсӣ бемаҳдуд нест, он ба асосҳои ҳуқуқӣ, ки доираи берунаи фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муайян мекунад, такя менамояд.[2]

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” зикр карда шудааст, ки “таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ки мақсад ё амалашон ба фаъолияти экстремистию террористӣ бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ равона гардидааст ва ё низои нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ ва диниро тарғибу ташвиқ менамояд, манъ аст”.[3]

Як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки мафҳуми “фаъолияти ифротгароӣ”, ки дар қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ҳизбҳо мавриди истифода қарор дода шудааст, нодақиқ буда, метавонад таснифоти васеъро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва амалҳо, ки хусусияти ифротгароӣ доранд, талаб намояд. Албатта, чунин ҳолат метавонад боиси таснифот ва баррасии амалҳои мухталиф ҳамчун амали ифротгароӣ гардад, ки ба маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс оварда расонад. [4]

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, мубориза бо ифротгароӣ метавонад боиси коҳиши миқдори ҳизбҳои сиёсӣ дар кишварҳои алоҳида

---

[1]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 10. Моддаи 139. .

[2] Ниг.: Эбзеев Б.С. Комментарий к статье 13 // Комментарий к Конституции Российской Федерации (постатейный). 2-е изд., пересм. / под ред. В.Д. Зорькина. М., 2011 С. 101.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 10.

[4] Ниг.: Махник Д.И. Конституционно-правовые средства противодействия экстремизму при реализации гражданами права на объединение в политические партии // Журнал российского права. 2011. № 6. -С.122

гардад. Коҳиши миқдори ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо дар асоси амалҳои ғайриқонунӣ, балки дар натиҷаи риоя накардани шартҳои муайяни амалигардонии онҳо, ки дар қонунгузории мавҷуда муқаррар гардидааст, имконпазир аст.

Ҳар як ҳизби сиёсӣ метавонад танҳо дар доираи қонунҳои амалкунанда барои ҳокимият мубориза барад. Ҳизбҳои сиёсӣ, ки мақсад ва ташвиқоти маҳалгароӣ, миллатгароӣ, хусумати иҷтимоӣ ва динӣ ё ғасби зӯроваронаи ҳокимияти конститутсиониро пайгирӣ менамоянд, мувофиқи қонун манъ карда шудаанд. Дар ин самт ҷомеаи тоҷикро оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ водор менамояд, ки ҳизбҳои сиёсӣ манфиатҳои миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро манипулятсия намуда, ба амалинамоии ҳокимият кӯшиш менамуданд.

Агар асоснокнамоии барҳамдиҳӣ, ки бо риоя накардани нишондиҳандаҳои микдории бунёди ҳизб алоқаманд муҳиммияти худро аз даст дода бошанд, пас дигар нишондиҳандаҳо таҳлил ва асоснокнамоиро талаб менамоянд. Бунёди ҳизбҳои сиёсӣ дар мақомоти ҳокимият, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои таълимӣ, ки ба фаъолияти муқаррарии ин ниҳодҳо халал мерасонад, шубҳаро нисбат ба беғаразии хизматчиёни давлатӣ ва хоҷагидорӣ ва касбияти онҳо ба миён меорад. А.В. Селивончок зикр менамояд, ки “масъалаи танзими конститутсиониву ҳуқуқии бунёди ҳизбҳо бояд на танҳо бо кушиш ба устувории сиёсӣ дар ҷомеа, балки бо зарурати бартараф кардани қонунии равандҳои номатлуби “воридкунии” ҳизбҳо ба дастгоҳи давлатӣ ва бунёди “ҳизбҳо” аз тарафи сохторҳои давлатӣ алоқаманд бошад”.[1] Талаботи мазкур имконият медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ба сифати ниҳоди алоҳида дар раванди интихобот ширкат кунанд. Дар ҳолати иштирок накардани ҳизби сиёсӣ дар маъракаҳои интихоботӣ, он мавқеи ҳизби “хобкарда”-ро касб менамояд.

---

[1] Селивончик А.В.О связи конституционного права с партиями как политическими институтами // Современное право. 2005. № 2. - С. 98.

Дар ҷомеаи муосири тоҷик ҳизбҳои сиёсӣ унсури калидии низоми сиёсӣ ва қисми ҷудонопазири муносибатҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравconfigand. Низоми мавҷудаи сиёсиву ҳуқуқӣ дар кишвар дорои нерӯи мутобиқшавӣ буда, метавонад бо тағйироту дигаргуниҳои муҳит мувофиқ гардад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар доираи низоми сиёсиву ҳуқуқӣ ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои мавҷудаи бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза, бисёрҳизбӣ дар кишвар бо як қатор проблемаҳо рӯ ба рӯ шудааст, ки ба қатори онҳо метавон нокифоягии сатҳи ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимият, масъалаи эътимоднокии электоралӣ, сатҳи пасти гуфтугӯи байниҳизбӣ, нокифоягии рушди оппозитсияи сиёсиро ворид намуд.

Гуфтугӯи доимии сиёсӣ кафолати таҳаввулоти бунёдкоронаи ҷомеа ва давлат, махсусан, дар марҳилаҳои мавҷудияти тағйироту дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як тағйирпазирӣ ҳамеша бо моҷароҳои нав якҷоя сурат мегирад, аз ин рӯ ҳалли мутамаддини онҳо, ки тавонад ба тамоми гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ мувофиқ бошад, ҷустуҷӯи роҳҳои мувофиқи рушди ҷомеа ва давлат – вазифаҳое мебошанд, ки танҳо дар доираи чунин гуфтугӯ ҳал карда мешаванд.  Воқеияти муосири Тоҷикистон дар таърихи давлату давлатдорӣ марҳилаи нав ба ҳисоб меравад, ки муттаҳидшавии тамоми ҷомеа ва давлатро барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда талаб менамояд. Дар ин самт метавон интихоби тарҳи сохтори сиёсӣ, дастгирии ҳаматарафа ва мусоидат намудан ба рушди демократия ва унсурҳои асосии онро, ки дар шароити муосири ҷомеаи тоҷик мувофиқ мебошанд, таъкид намуд.

Вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон иштироки фаъоли нерӯҳои сиёсиро талаб менамояд. Зикр  намудан зарур аст, ки танҳо амалҳои якҷояи нерӯҳои сиёсӣ метавонад муаммоҳои ҷомеаи муосири тоҷикро ҳал намояд. Давлат маҳсули рушди ҷомеа, натиҷаи “шартномаи ҷамъиятӣ” аст, маҳз гуфтугӯи давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар вазъияти

мавҷудаи ҷомеаи тоҷик муҳиммияти хоссаро касб кардааст. Зеро маҳдудгардӣ он ва худмаҳдуднамоии нерӯҳои сиёсӣ дар раванди рушди устувори демократия монеаҳои мухталифро бунёд менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушди таърихӣ методҳои идоракунӣ, ки дар гузашта самаранок буданд, дигар натиҷаи зарурӣ дода наметавонанд. Бинобар ин, таҳияи чунин қарорҳои сиёсӣ талаб карда мешавад, ки бояд барои микдори зиёди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти муттаҳидкунанда дошта бошанд. Воқеияти имрӯза тақозо менамояд, ки низоми сиёсӣ ба рушди босуръати муҳит мутобиқ гардад. Мутаносибан, ҳизбҳои сиёсиро низ ҳамчун унсури низоми сиёсӣ зарур аст, ки ба чунин тағйирпазирии босуръат мувофиқ гарданд.

Дар шароити имрӯза, дар Тоҷикистон бисёрҳизбӣ дар раванди ташаккулёбӣ, яъне дар ҳолати гузариш қарор дорад. Лекин таҳлил нишон медиҳад, ки дар раванди ташаккули бисёрҳизбӣ як қатор муаммоҳо ҷой доранд. Ин муаммоҳо бо нақши бисёрҳизбӣ ҳамчун асоси сохтори конститутсионӣ дар ташаккули низоми сиёсии демократӣ алоқаманд мебошанд:

-сатҳи нокифояи ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимият, ҳамоҳанг сохтани саъю кушиши онҳо дар самти рушди бисёрҳизбӣ дар кишвар;

-рушди нокифояи гуфтугӯи байни ҳизбҳо, мустаҳкам намудани имконияти мавҷудияти якҷоя ва ҳамкории бунёдкорона байни ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва дар марҳилаи байни интихоботҳо;

-проблемаи эътимоднокии электоралӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо;

-масъалаи мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ, истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ аз тарафи ҳизбҳо.

Дар шароити имрӯза, метавон зикр намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимият алоқаи ногусастанӣ доранд, зеро мақсади ҳар як

ҳизби сиёсӣ – ба даст овардани ҳокимият  ва истифодаи он ба манфиати электорати ҳизб, мақсади ҳокимият – такя ба сохтори ҳизбии худ барои амалигардонии самараноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳар як ҳизби сиёсӣ назди худ мақсади амалигардонии ҳокимияти давлатиро мегузорад. Аз ин рӯ масъалаи муносибати мутақобилаи ҳизб ва ҳокимият дар он зоҳир мегардад, ки то кадом андоза ҳизбҳо ба мақомоти ҳокимият ворид гардидаанд, дар кадом сатҳ ва шакл онҳо дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ иштирок менамоянд, то кадом андоза онҳо ба якдигар таъсиргузор мебошанд, ки самти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодиро дар кишвар тағйир дода тавонанд.

Бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистони муосир на аз фаъолнокии мустақили ҷомеа, балки, ки аз саъю кӯшиши мақсадноки давлат, ки модерзатсияи босуръати сиёсиро самтгирӣ намуда, мехоҳад фазои сиёсии муташаккил ва идорашавандаро бунёд намояд, шаҳодат медиҳад.

В.О.Лучин оид ба нақши ҳизбҳои сиёсӣ чунин зикр кардааст: “Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо воситаи асосии алоқаи байни ҳокимият ва шаҳрванд, инчунин миёнарави байни ниҳодҳои ҳокимият ба ҳисоб меравand, ки, аз он ҷумла, метавонанд моҷаро ва зиддияти байни онҳоро бе ҷалби бевоситаи мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ  ҳал намоянд.[1]

Дар давраи интихобот ҳамкории сохторҳои ҳокимият ва сохторҳои сиёсӣ мавқеи муҳимро касб менамояд. Бешубҳа, ин таркиби муҳимми маъракаи интихоботӣ ба ҳисоб меравад, ки бо қонунгузории интихобот танзим карда мешавад. Масъалаи мазкурро таҳлил намуда, метавон зикр намуд, ки ин ҳамкорӣ аз маҷмуи васеи муносибатҳо иборат мебошад, ки дар он муносибатҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ асосӣ ҳисобида мешаванд. Унсури сиёсии ин маҷмуи васеи муносибатҳо дар воридшавии мутақобилаи ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ зоҳир мегардад: давлат қоидаи рафторро муайян менамояд, нишондиҳандаҳои фаъолиятро пешниҳод

[1] Ниг.: Лучина В.О. Избирательное право России. -М., 2008. - С. 244.

мекунад, шароити баробари иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар маъракаи интихоботӣ таъмин месозад. Дар навбати худ, ҳизбҳои сиёсӣ яке аз воситаҳои асосии пурракунии кадрии мақомоти давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқ муносибати мутақобилаи ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда мешавад: давлат шароити баробари иштироки онҳоро дар маъракаҳои интихоботӣ таъмин мекунад.

Стратегияи қонунгузории ҳамкории давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” ифода гардидааст, ки дар он, аз ҷумла, кафолати давлатии баробарии ҳизбҳо дар назди қонун новобаста аз идеология, мақсад ва вазифаҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва барномавӣ баён гардидаанд, муқаррар гардидааст.

Илова бар ин, дахолати ҳизбҳои сиёсӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва инчунин, шахсони вазифадори давлатӣ қобили қабул нест. Инро метавон на танҳо ҳамчун омезиши вазифаҳои давлатӣ ва вазифаҳои ҷамъиятӣ, балки ҳамчун риоя нагардидани тартиботи амалгардонии низоми ҳокимият ва азхудкунии ваколатҳои ҳокимиятӣ, ки ба ҳизбҳо тааллуқ надоранд, баррасӣ намуд. Лозим ба зикр  аст, ки кафолати татбиқи муқаррароти конститутсионӣ оид ба бисёрҳизбӣ, баробарии ҳизбҳо дар назди қонун бояд манъи дахолат ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи мақомоти ҳокимият бошад. Барои давлат нисбат ба ҳизбҳо риоя намудани чунин принсипҳои конститутсионӣ, ба монанди баробарӣ ва қонуният муҳим аст.

Нисбати масъалаи мазкур О.В. Кузнетсов чунин зикр  намудааст: “Қонун бояд усулан муносибати якхелаи давлатро ба номзадҳо дар ҷараёни маъракаи интихоботӣ пешниҳод намояд, ба онҳо барои иштирок дар интихобот шароити якхеларо таъмин кунад.  Дар ин самт метавон пешниҳоди имкониятҳои баробарро ба номзадҳо дар пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо, баробарии мавқеи номзадҳои ба қайд

гирифташуда, имконияти баробар гузаронидани ташвиқоти пешазинтихоботӣ ва маблағгузории маъракаҳои интихоботиро таъкид намуд. Ҷанбаҳои пешниҳодгардида ҳам нисбат ба номзадҳо ва ҳам нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳои худро пешниҳод намудаанд, таъмин карда мешавад”.[1]

Принсипи баробариро нисбат ба ҳизбҳо метавон чунин арзёбӣ намуд: ҳизбҳо байни якдигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои якхела доранд ва дар ҳолати пайдо шудани баҳс ё риоя нагардидани талабот метавонанд ба суд барои шарҳ ё танзим тариқи қабули қарор дар ҳолати баҳсӣ ё вазъияти моҷаройӣ муроҷиат намоянд. Ҳамин тариқ, риоя намудани принсипҳои баробарӣ ва қонуният, махсусан, дар раванди интихобот машруияти тамоми раванди сиёсӣ ва раванди интихоботиро муайян мекунад. Маҳз тариқи риоя намудани принсипҳои мазкур ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандони кишвар таъмин карда мешавад.

Ҷанбаи молиявии муносибати мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимият шаклҳои мухталифи дастгирии давлатии ҳизбҳои сиёсиро тариқи маблағгузории фаъолияти онҳо дар натиҷаи иштирок дар интихобот пешбинӣ менамояд. Дар таҳқиқоти алоҳида таъсири маблағгузории давлатии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Л.Ламберт ва Г.Янсен зикр менамоянд, ки мавҷудияти маблағгузории давлатӣ ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад: ба касбигардии фаъолияти ҳизбӣ, яъне вазифаҳои асосии ҳизбро метавонанд кормандони маошхӯр иҷро намоянд, ки албатта, ба самаранок гардидани фаъолияти ҳизбӣ, махсусан дар раванди интихобот мусоидат мекунад, ба мутамаркизии сохтори ташкилии ҳизби сиёсӣ оварда мерасонад.[2] Лекин, муҳаққиқи дигар, Р.С.Катз зикр менамояд, ки мавҷудияти маблағгузории давлатӣ метавонад алоқаи ҳизбҳоро бо

[1] Кузнецова О.В. Содержание конституционного принципа равенства прав граждан России в пассивном избирательном праве // Ленинградский юридический журнал. 2012. № 3 (29). С. 136.
[2] Ниг: Lambert L., Jansen H. Party Building by a State Dependent Party: The Case of the Green Party of Canada — Paper presented to the Annual Meeting of the Canadian Political Science Association. Saskatoon, Saskatchewan, May 30-June 1, 2007

ҷомеаи шаҳрвандӣ  заиф гардонад, зеро муносибати ҳизб бо давлат аз муносибат бо интихобкунандагон муҳимтар мегардад. Илова бар ин, рақобатнокии худи низоми ҳизбӣ коҳиш меёбад: вазъияте пайдо мешавад, ки ҳизбҳо бо якдигар ба қароре меоянд, ки низоми маблағгузории давлатиро дастгирӣ ва беҳтар намоянд, зеро онҳо аз чунин маблағгузорӣ вобаста мебошанд. [1]

Як қатор муҳаққиқон зикр  менамоянд, ки умуман вобастагии ҳизб аз маблағгузории давлат мутлақ нест, балки бо якчанд омил муайян карда мешавад: таъсири омилҳои беруна, яъне низоми молиявӣ дар давлат, идеологияи ҳизб ва он гурӯҳҳое, ки манфиати онҳоро намояндагӣ менамоянд.[2]

Ҳамин тариқ, дар аксарияти таҳқиқот зикр  карда шудааст, ки маблағгузории давлатӣ ба вобаста гардидани ҳизбҳои сиёсӣ оварда мерасонанд. Лекин, таҳқиқоте низ мавҷуданд, ки маблағгузории давлатиро тарафдорӣ намуда, онро замина ва омили рақобати электоралӣ медонанд. Д.Гросс ва Р.Гойдел чунин мешуморанд, ки дастгирии давлатӣ ба рушди рақобатнокӣ мусоидат менамояд, зеро ба фаъолнокии электоралӣ қувват мебахшад. Зикр  намудан зарур аст, ки механизми дастгирӣ, махсусан барои ҳизбҳои хурд ва оппозитсионӣ аҳаммияти бузург дорад.[3]

Дар муносибати мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ вақтҳои охир, вақте ки ҳизбҳо дар сатҳи конститутсионӣ эътироф гардиданд, тағйирот ба амал омад. Дар конститутсияҳои бисёр давлатҳо тартиби иштироки ҳизбҳо дар ташкили на танҳо парламент, балки ҳукумат низ инъикос шудааст. Дар давлати демократӣ ҳизбҳо вазифаҳои гуногунро иҷро намуда, бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд. Назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ

---

[1] Ниг. : Katz R.S. Democracy and Elections. Oxford University Press, 1997.
[2]Ниг.: Moser R.G. Unexpected Outcomes. Electoral Systems, Political Parties, and Representation in Russia. Pittsburgh: University of Pittsburgh Press, 2001.
[3] Ниг.: Gross D.A., Goidel R.K. The states of campaign finance reform. Columbus: Ohio State University Press, 2003

аҳаммияти махсус дорад, ки дахолати ҳизбҳо ва гурӯҳи шаҳрвандон ба амалӣ гардондани ҳокимият қобили қабул нест, ки ин боиси оқибатҳои манфӣ барои давлат ва аҳолӣ мегардад.

ҲНИТ дар интихоботи президентии соли 1999 бо пешбарии номзади худ иштирок намуд. Инчунин ҲНИТ дар интихоботи Маҷлиси намояндагон (2000) фаъолона иштирок намуда, дар аксарияти ҳавзаҳои интихоботии якмандата номазадҳои худро пешниҳод кард. Ҳизби мазкур ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ низ рӯйхати ҳизбиро пешниҳод кард. Дар натиҷа, ҲНИТ тақрибан 8% овози интихобкунандагонро ба даст оварда, дар парламент соҳиби 2 ҷой гардид.

Ҳамин тариқ, ташаккули бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷумҳурӣ дар марҳилаи барқароркунии баъди ҷанги шаҳрвандӣ роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократиро пеш гирифтааст. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳодҳои муҳимми низоми сиёсӣ метавонанд устувории ҳар як ҷомеаро таъмин кунанд. Бешубҳа, дар мустаҳкам намудани пояҳои асосии ҷомеа ва рушди соҳаҳои мухталифи он нақши ҳизбҳои сиёсӣ бузург аст. Баъди ба имзо расидани Аҳдномаи ризоияти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон аз тарафи роҳбарият, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои мухталифи ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, динӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуданд.

Муттаҳид намудани одамон дар ҳизбҳои мухталиф ба рушди сиёсии одамон мусоидат карда, ба онҳо дар фаҳмиши ҳолатҳои мухталифи сиёсӣ кӯмак мерасонад. Мусаллам аст, ки ташаккули бисёрҳизбӣ дар ҷомеа бо мавҷудияти муборизаи доимӣ, ҷустуҷӯи доимии роҳҳои беҳтар намудани ҳаёти оммаи мардум, роҳ надодан ба эҳсосоти “монархияи мутлақ” –и ҳокимият тавсиф карда мешавад.  Ҳокимият назорати доимиро эҳсос менамояд, ки ба самаранокии фаъолияти сохторҳои он мусоидат мекунад.

Бисёрҳизбӣ меъёри рушди сиёсии ҷомеаи демократӣ гардидааст, зеро ҳизб ва ҳизбият шакли муташаккили худифодакунӣ ва

худтасдиққунии шахсияти фаъоли иҷтимоӣ дар саҳнаи ҳаёти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Зикр  намудан зарур аст, ки миқдори ҳизбҳои сиёсӣ аз он вобаста аст, ки чӣ қадар шахсҳои фаъоли иҷтимоӣ худро субъекти сиёсат мешуморанд.

Дар ҳар як кишвари демократӣ ҳизбҳои сиёсӣ бо мақсади иштирок дар ҳаёти сиёсии кишвар, дар ташкил ва амалигардонии ҳокимияти давлатӣ тариқи таъсиррасонӣ ба ташаккули иродаи сиёсии шаҳрвандон, иштирок дар интихобот ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ бунёд карда мешаванд. Мақсад ва вазифаи ҳизби сиёсӣ дар оиннома ва барномаи он, ки ба маълумоти умум пешниҳод мегарданд,инъикос меёбанд.

Хусусияти барномаҳои ҳизбҳои кишвар аз хусусиятҳои рушди Тоҷикистон бармеояд.  Дар шароити имрӯза қисми таркибии барномаи тамоми ҳизбҳо аз мақсадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ иборат аст.

Мувофиқи барнома мақсади асосии ҲАТ бунёди давлати ягона, демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. ҲАТ дар бахши сиёсӣ барои сарварии сиёсӣ дар ҷомеа дар асоси интихоботи озоди тамоми мақомоти намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазифаҳои интихобӣ дар мақомоти давлатӣ тариқи пешбарии номзадҳо мубориза мебарад. Мувофиқи қонунҳои амалкунанда барномаи пешазинтихоботии худро таҳия намуда, нашр мекунад ва байни оммаи мардум паҳн менамояд.[1]

Дар соҳаи иқтисодӣ вазифаҳои асосии ҳизб ба роҳ мондани иқтисодиёти гуногуншакл, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ки аз тарафи давлат танзим мешавад,  ғайридавлатикунонии воситаҳои истеҳсолот бо нигоҳдории ягонагии маҷмуаҳои истеҳсолӣ, рушди тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣи кишвар дар асоси муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб меравандт.[2] ҲАТ таъкид менамояд, ки

---

[1] Ниг: Барномаи Ҳизби аграрии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
[2] Дар ҳамон ҷо.

принсипи адолати иҷтимоӣ танҳо бо таъмини кафолатҳои конститутсионии меҳнат, ҳуқуқи воқеии интихоби шаклҳои хоҷагидорӣ ва шаклҳои моликият ба воситаҳои асосии истеҳсолот, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун бо назардошти шароити баробари таъмини фаъолияти шаклҳои моликияти давлатӣ, коллективӣ, хусусӣ имконпазир аст.

Мувофиқи барномаи ҲДТ мақсади сиёсии ҳизби мазкур бунёди давлати воқеан ҳуқуқии демократӣ бо иқтисоди озоди бозорӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъминоти авлавияти қонун ва озодиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.[1] Фаъолияти ҲДТ дар соҳаи сиёсат ҷанбаҳои зеринро дарбар мегирад: бунёди шароит барои демократикунонии ҷомеа; ҷудокунии дақиқи ваколат ва салоҳиятҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ; татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ; муттаҳид намудани қисми солими ҷомеа ба ҷонибдории дастгирии ҳалли осоиштаи проблемаҳои сиёсӣ; муттаҳид гардидан бо тамоми нерӯҳои демократӣ ва ватандӯст, ки ғояи эҳёи Тоҷикистонро дастгирӣ менамоянд; қонун, ки ба ҳар як шаҳрванд ҳимояи воқеии ҳуқуқҳои ӯро кафолат медиҳад, дахлнопазирии ҳаёти шахсии ҳар як шаҳрванд, ғайриқонунӣ донистани ҷамъоварии иттилоот оид ба шаҳрвандон; шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ; воситаҳои ахбори умуми озод ва мустақил; шароити баробар барои тамоми ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ; таъсиси артиши касбӣ.[2]

ҲДТ метавонад бо дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва нерӯҳои ҷамъиятии Тоҷикистон, ки мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, ба аҳдномаи пешазинтихоботӣ ворид гардад, инчунин номзадҳоро ба вазифаҳои интихоботӣ, ки аъзоёни ҲДТ нестанд, лекин мақсадҳои демократиро пайгирӣ менамоянд, дастгирӣ кунад. ҲДТ дар соҳаи иқтисодӣ барои иқтисоди либералӣ ва гузариши

[1] Ниг. : Барномаи Ҳизби демократии Тоҷикистон // (Санадҳо: дирӯз, имрӯз ва фардо). - Душанбе, 2000. –С. 5.
[2] Дар ҳамон ҷо. –С. 8.

муттасил ба иқтисоди бозорӣ, моликияти хусусӣ, тағйироти демократии муносибати моликият ва гузариши нақшавӣ ба иқтисодиёти омехта, ки ба гуногунӣ ва баробарҳуқуқии шаклҳои мухталифи моликият – давлатӣ, коллективӣ, хусусӣ, кооперативӣ асос ёфтааст, ҷорӣ намудани сиёсати “дарҳои кушода” баромад мекунад.

Дар соҳаи иҷтимоӣ ҲДТ ҷанбаҳои зеринро пешниҳод менамояд: ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ва тақсими бо адолати неъматҳои моддӣ; индексатсияи пасандозҳои аҳолӣ, назорати давлатӣ ва масъулият дар пардохти ҳаққи меҳнат, нафақа, идрорпулӣ ва ғайра; дастгирии давлатии оила, модару ва кӯдак, гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва ғайра.

Мақсади барномавии ҲКТ аз тақвият бахшидани рушди иҷтимоии ҷомеа, ки ҷавобгӯи манфиатҳои табақаҳои ниёзманд ва умуман меҳнаткашон бошад, иборат буда, ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шудааст ва амалӣ гардидани он шароити шоистаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро барои зиндагии арзанда фароҳам меорад. ҲКТ дар фаъолияти сиёсии худ кӯшиш менамояд, ки кишвар ба роҳи сотсиалистии рушд баргардад, ки ба манфиат ва талаботи меҳнаткашон ҷавобгӯ буда, тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои рушди одамонро таъмин менамояд, шароити сазовори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳаётро барои ҳама бунёд менамояд.[1]

Фаъолияти ҲКТ дар соҳаи сиёсӣ ба ҷанбаҳои зерин равона карда шудааст: истифодаи тамоми шаклҳои фаъолияти парламентӣ ва ғайрипарламентӣ барои баргашти кишвар ба роҳи дигаргуниҳои сотсиалистӣ; эҳёи ҳокимияти меҳнаткашон дар шакли шуроҳо ва дигар шаклҳои худидоракунии халқ; барқарор намудани мақомоти назорати ҷамъиятӣ ва ҷалби васеи меҳнаткашон ба идоракунии давлатӣ тариқи таъмини намояндагии гуногунҷанбаи онҳо дар мақомоти ҳокимият ва идоракунӣ, ҳимояи ҳуқуқи коллективҳои меҳнатӣ; ислоҳоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назорати ҷамъиятӣ, артиши миллӣ; баратараф

[1] Ниг.: Барномаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

намудани коррупсия, ҷинояткории муташаккил ва дигар қонунвайронкуниҳои хатаровари ҷамъиятӣ; татбиқи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мувофиқи меъёрҳои эътирофгардидаи байналхалқӣ; мустаҳкам намудани мустақилият ва соҳибистиқлолии кишвар; васеъ ва мустаҳкам намудани алоқаҳо бо ҳаракатҳои коммунистӣ ва коргарии ҷаҳонӣ.[1]

Фаъолияти ҲКТ дар соҳаи иқтисодӣ ба ҷанбаҳои зерин равона карда шудааст: мустаҳкам намудани шаклҳои пешбари моликияти давлатӣ, коллективӣ ва дигар шаклҳои моликияти ҷамъиятӣ; мутаносиб кардани шаклҳои давлатӣ, коллективӣ, инфиродӣ ва хусусии хоҷагидорӣ; баланд бардоштани идорашавандагии иқтисодиёт дар асоси ҳамоҳангсозии нақша ва бозор, истифодаи методҳои иқтисодӣ ва маъмурии танзим; баррасии умумихалқии лоиҳаи қонунҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ба роҳ мондани назорати давлатии содироти сармоя, фаъолияти банкҳо, дигар муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ, равона намудани воситаҳои молиявӣ ва дигар захираҳо ба ҳамон бахшҳо, ки аз онҳо пуррашавии бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулот ва хизматрасониҳо вобаста мебошад; роҳандозии сиёсати санҷидашудаи сохториву сармоягузорӣ ва минтақавӣ, амалигардонии бозсозии амиқи иқтисодиёт бо назардошти пасандозҳои дохилӣ, ҳавасмандгардоии ҷараёнҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ва ғайра.[2]

Мақсади стратегии ҲХДТ муттаҳид намудани тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз забон, ҳувияти миллӣ, баромади иҷтимоӣ, эътиқоди сиёсӣ, самтгириҳои касбӣ ва этникиву фарҳангӣ дар атрофи вазифаи мушаххас ва таърихии ҳалшавандаи умумимиллӣ – бунёди шакли мушаххаси ҷомеа ба ҳисоб меравад. Чунин ҷомеа бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад: давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва дунявӣ; ҷомеаи рушдкардаи иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки оид ба маънавиёт,

---

[1] Ниг.: Барномаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

[2]Дар ҳамон ҷо.

ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ-сиёсӣ ғамхорӣ менамояд, ифротгароиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти аҳолӣ рад мекунад; кишвар, ки тариқи низоми чорабиниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳарбӣ ва байналхалқӣ, мустақилият, ягонагии ҳудудӣ ва дахлнопазирии сарҳадот, ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва ҳаёти осоиштаи аҳолиро таъмин менамояд; ҷомеа, ки бо тамоми кишварҳои ҳамсоя муносибатҳои судманд ҳамсоягиро ба роҳ мемонад; кишвар бо муносибатҳои дӯстонаи баробар ва муфид бо тамоми кишварҳо бо мақсади рушди сиёсӣ, илмӣ-техникӣ ва маънавӣ; ҷомеа, ки ҳамгироии он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналхалқӣ ва созишномаҳои самтгирии демократӣ таъмин карда шудааст.[1]

Пайравии ҷиддии худро ба мақсади умумимиллии бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ изҳор намуда, ҲХДТ дар фаъолияти сиёсии худ Конститутсия ва дигар меъёрҳои ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, ба муқобили тамоми навъҳои кушишҳои ғасби зӯроваронаи ҳокимияти сиёсӣ баромад менамояд. Худро ҳизби сиёсии парламентӣ ва сентристӣ шуморида, ҲХДТ намояндагони худро ба мақомоти намояндагии ҳокимият ва вазифаҳои интихоботӣ дар низоми ҳокимияти иҷроияи тамоми сатҳҳо пешниҳод менамояд. Плюрализми сиёсӣ ва гуногунии ғояҳоро эҳтиром намуда, ҲХДТ ба гуфтугӯи созанда ва ҳамкориҳо бо тамоми шарикон, иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ки мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ доранд, кушиш менамояд.

Дар соҳаи иқтисодӣ ҲХДТ консепсияи гузариш, ташаккули хоҷагидории бозории адолатноки иҷтимоӣ ва амнияти экологиро пешниҳод менамояд. Он гузариши марҳила ба марҳиларо ба муносибатҳои бозорӣ пешниҳод мекунад. Дар ин раванд нақши муҳим ба танзими давлатӣ тааллуқ дорад. Давлат бояд ислоҳоти молиявӣ гузаронад, мутобиқати манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ, ҳимояи иҷтимоӣ ва экологии аҳолиро таъмин кунад.

[1] Ниг: Барномаи Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

ҲСТ чунин мешуморад, ки бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ, рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳокимияти воқеии халқ, эҳтиром ва ҳимояи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо дар ҳамон ҳолат имконпазир аст, ки шаҳрвандон имконияти воқеии иштирок дар равандҳои таҳия ва қабули қонунҳо, ки манфиатҳои ҳаётии онҳоро инъикос менамоянд, дошта бошанд. Ин мавҷудияти демократияи сиёсӣ, плюрализми идеологӣ ва иқтисодӣ, ғайримарказикунонии ҳокимиятро пешбинӣ менамояд, вақте ки шаклҳои мушаххаси иштироки воқеӣ ва қабули қарорҳо барои ҳар як шаҳрванд дастрас бошанд.

ҲСТ вазифаҳои худро аз ҷанбаҳои зерин иборат медонад:

- иштироки фаъол дар ташаккул ва инкишофи давлати миллӣ, ки дар асоси ҳуқуқ, инсондӯстӣ ва демократия бунёд гардида, бемайлон ва устуворона барои озодӣ, ваҳдат ва ягонагии ҳудудӣ баромад менамояд;

-ҳамаҷониба мусоидат намудан ба қувват гирифтани мавқеъ ва афзудани обрӯю эътибори байналхалқии Тоҷикистон, мустаҳкам намудани алоқаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он бо кишварҳои хориҷӣ;

- ба роҳ мондани фаъолият дар муттаҳид сохтани халқ бо мақсади баровардани кишвар аз бӯҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ;

-тарафдори таъмини плюрализми афкор ҳамчун омили пурқуввати рушди ҷомеа будан;

-нигоҳдорӣ ва рушди арзишҳои маънавии халқ, анъанаҳои он, забони миллиро қарзи муқаддаси худ донистан, рушди маориф, илм, фарҳанг, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи меҳру муҳаббат ба Ватан, дар рӯҳияи интернатсионализм ва дӯстии халқҳо;

- мусоидат намудан ба бунёди блоки ягонаи нерӯҳои пешқадами ҷумҳурӣ, ки барои сохтори дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқии сохтори давлатӣ баромад менамоянд.[1]

Дар соҳаи сиёсӣ ҲСТ фаъолияти худро ба ҷанбаҳои зерин равона намудааст: ҳар як навъи фаъолияти қонунӣ, аз ҷумла бунёди ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳоро, ки ба некӯаҳволии халқ, мустаҳкам намудани ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ равона карда шудааст, дастгирӣ менамояд; бар зидди маҳалгароӣ, миллатгароӣ, риоя нагардидани тартиботи ҳуқуқӣ мубориза мебарад; бар зидди интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз рӯи принсипи ҳамдиёрӣ, хешутаборӣ, садоқати шахсӣ баромад мекунад; барои мувофиқ намудани қонунгузории Тоҷикистон ба принсипҳои демократӣ ва умумиинсонӣ баромад мекунад.[2]

ҲСТ ҷонибдори тартиботи ҷиддӣ, тоқатнопазирӣ ба риоя нагардидани қонуният, ҷинояткорӣ, коҳиши дабдабанокии аз ҳад зиёди дастгоҳи давлатии идоракунӣ, бекор кардани имтиёзҳои моддии беасоси вазифадорони давлатӣ, гузаронидани сиёсати тафриқавӣ ва дурандешонаи андоз, ки, пеш аз ҳама, ҳимояи аҳолии камбизоат, рушд ва мустаҳкам намудани соҳибкории хурд ва миёнаро таъмин менамояд, мебошад. Ҳамин тариқ, ҲСТ вазифаи асосии худро аз ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии тамоми аҳолии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ иборат медонад; тамоми шаклҳои моликият, ба монанди моликияти давлатӣ, кооперативӣ, ҷамъиятӣ ва хусусиро дасгирӣ мекунад; васеъгардии сармоягузориҳои хориҷиро дастгирӣ менамояд; рушд ва мустаҳкам намудани иқтисоди бозорӣ, ки аз тарафи давлат танзим мешавад, ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ зери назорати мақомоти давлатиро дастгирӣ менамояд; таъмини афзалияти истеҳсолкунандагони ватаниро тариқи пешниҳоди имтиёзҳои

[1] Ниг.: Барномаи Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
[2] Дар ҳамон ҷо.

андозбандӣ ва қарзҳои имтиёзнок зарур мешуморад; рушди инфрасохтори нақлиётиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шароити муҳимми ягонагӣ ва рушди иқтисодии кишвар дастгирӣ мекунад.[1]

Ҳамин тариқ, дар асосии баррасӣ ва таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳоди миёнарав дар низоми бисёрҳизбӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

- солҳои охир гуногунии идеологӣ ва сиёсӣ, ки аз бисёр ҷиҳат, бо бисёрҳизбӣ ифода карда мешаванд, қисми устувори ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар гардидааст. Заминаи ҳуқуқии ин дастоварди демократия ворид намудани ин муқаррарот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асосҳои сохтори конститутситонӣ, ки дар мавриди ба миён омадани зарурат бо тартиби мураккаб тағйир дода мешавад, ба ҳисоб меравад;

- танҳо ҳизбҳои сиёсии аз қайди давлатӣ гузашта ҳуқуқ доранд дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок намоянд. Қонун меъёри навро муқаррар намудааст, ки мувофиқи он ҳизби сиёсӣ навъи ягонаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои ҳуқуқи мустақилона пешниҳод намудани номзадҳо ё рӯйхати ҳизбӣ дар интихобот мебошад;

- дар давлати демократӣ ҷанбаи муҳим хусусияти муносибати байни ҳизбҳо ва давлат, ҳизбҳо ва аҳолии кишвар, интихобкунандагон ба ҳисоб меравад. Ба мустақилият, ки тариқи воситаи интихобӣ ба ҳокимият омадани онҳо таъмин мегардад, нигоҳ накарда, гуфтугӯ бо давлат ҷиҳати ҷудонопазир ва яке аз вазифаҳои муҳимми ҳизбҳо ба ҳисоб меравад;

- дар шароити имрӯза, мубориза бо ифротгароӣ метавонад боиси коҳиши микдори ҳизбҳои сиёсӣ дар кишварҳои алоҳида гардад. Коҳиши миқдори ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо дар асоси амалҳои ғайриқонунӣ, балки дар натиҷаи риоя накардани шартҳои муайяни фаъолияти онҳо, ки дар қонунгузории мавҷуда муқаррар гардидааст, имконпазир аст;

---

[1]Ниг. : Барномаи Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

-дар ҷомеаи муосири тоҷик ҳизбҳои сиёсӣ унсури калидии низоми сиёсӣ ва қисми ҷудонопазири муносибатҳои сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Низоми мавҷудаи сиёсиву ҳуқуқӣ дар кишвар дорои нерӯи мутобиқшавӣ буда, метавонад бо тағйироту дигаргуниҳои муҳит мувофиқ гардад;

-ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимият алоқаи ногусастанӣ доранд, зеро мақсади ҳар як ҳизби сиёсӣ–ба даст овардани ҳокимият ва истифодаи он ба манфиати электорати ҳизб, мақсади ҳокимият – такя ба сохтори ҳизбии худ барои татбиқи самараноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

## 2.3. Масъалаҳо ва дурнамои рушди системаи бисёрҳизбӣ дар раванди демократии Тоҷикистони муосир

Пошхӯрии Иттифоқи Шуравӣ ва пайдоиши давлатҳои нави миллӣ ба тағйирёбии сохтор ва мавқеи нерӯҳои сиёсӣ дар тамоми ҷаҳон оварда расонид. Ҳодисаву воқеаҳои босуръати ҷаҳонӣ дар сатҳи муайян ба сиёсикунонии аҳолӣ мусоидат намуданд. Одамон бештар ба масъалаи ҳокимият, масъалаи нигоҳдории манфиатҳои худ муроҷиат менамуданд.

Хусусияти муайянкунандаи рушди ҷамъиятӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷик, дар шароити имрӯза, ташаккули бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ миқдори ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳисоби таъсиси ҳизбҳои нав ва тариқи ҷудогардии ҳизбҳо ба ниҳодҳои нави мустақил афзоиш ёфтааст. Пас аз ноил гардидан ба истиқлолият, Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи рушди ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодии худро интихоб намуд. Лекин, баробари тағйироти сиёсӣ дигаргуниҳои ҷиддии харобиовар низ арзи ҳастӣ карданд. Пайдоиши нерӯҳои ҷамъиятӣ аз рӯи ҳувияти минтақавӣ ҳамон далелро исбот менамуд, ки маҳалгароӣ ҳамчун бемории ҷиддии ҷамъиятӣ дар тамоми ҷомеаи тоҷик реша давонидааст.

Зикр намудан зарур аст, ки сиёсикунонии ҷомеаи тоҷик бо додани мақоми давлатӣ ба забони тоҷикӣ қувват мегирад. Сипас, қабули як

қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ, ба монанди қонунҳо “Дар бораи истиқлолияти давлатии ҶШС Тоҷикистон”, “Дар бораи озодии виҷдон ва созмонҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, изҳороти Шурои Олии Тоҷикистон “Дар бораи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба сиёсикунонии ҷомеаи тоҷик таъсири ҷиддӣ расониданд. Ин ҳуҷҷатҳо ба такмили худшиносии миллӣ мусоидат намуда, заминаи ташкил ва фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои нави сиёсиро дар Тоҷикистон омода намуданд.

Пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, Тоҷикистон роҳи рушди демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявиро пеша намуд. Воситаи демократии рушд имкониятҳои навро барои ҷомеа пешниҳод менамояд. Доираи васеи амалҳо барои нерӯҳои мухталифи сиёсии ҷомеа таъмин карда мешавад ва имконият дода мешавад, ки онҳо нақшаҳои худро амалӣ кунанд, амалҳои худро ба рушди мустақияти давлатӣ равона созанд ва дар амалгардонии ҳокимият фаъолона ширкат варзанд.

Бо авомфиребӣ, мубориза барои вазифаҳои роҳбарикунанда ва найрангу дасисабозиҳо ҳеҷ як нерӯи сиёсӣ наметавонад соҳиби эҳтироми гардад. Дар ҳолати пешниҳод гардидани пешниҳодоти амалӣ аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди фаъолият, ки ба бадастории муносибатҳои муфиди тарафайн, мустаҳкам намудани осоиштагӣ ва сулҳ равона гардидааст, нақш ва обрӯи онҳо меафзояд. Танҳо дар чунин ҳолат метавон зикр намуд, ки ин ё он ҳизби сиёсӣ вазифаи таърихии худро дар назди халқ ва мустақилияти давлатӣ иҷро намудааст.[1]

Раванди ташаккули низоми демократии бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад. Дар чунин ҳолат муқаррароти ҳуқуқи байналхалқӣ, Конститутсия ва дигар қонунҳои Тоҷикистон, ки маҳдудияти ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, таъсиси озоди ҳизбҳо ва фаъолияти озоди ҳизбҳоро асоснок менамоянд, дар шароити кишвар риоя

[1] Ниг.: Каримов О. Политическое состояние Таджикистана. -Худжанд, 2007. –С. 226-229.

мегарданд. Ҳамин тариқ, мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ тадриҷан мустаҳкам мегардад.

Низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон марҳилаи мураккаби рушдро паси сар менамояд. Дар шароити имрӯза дар кишвар 7 ҳизби сиёсӣ - Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ), Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ), Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (ҲКТ), Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), Ҳизбиислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ), Ҳизби сотсиалистии Тоқикистон (ҲСТ) ва Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) фаъолият мебаранд.

Дар шароити имрӯза ҲХДТ ҳизби ҳукмрон ба ҳисоб меравад ва аксарияти вазифадорони сатҳи олии давлатӣ аъзоёни ҳизби мазкур ба ҳисоб мераванд. Аз 6 ҳизбҳои сиёсии дигар танҳо ҲСДТ фаъолияти дақиқи оппозитсиониро пеш бурда, мавқеи алтернативии худро нисбат ба проблемаҳои мухталифи ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар пешниҳод менамояд. Фаъолияти 5 ҳизби сиёсии боқимонда – ҲАТ, ҲДТ, ҲКТ, ҲИИТ, ҲСТ асосан бо муносибати содиқона ба ҳокимият ва мутаносибан муносибати хайрхоҳона ҳокимият ба онҳо тавсиф карда мешавад.

Низоми интихоботии мажоритарӣ-мутаносиб яке аз монеаҳои асосии ошкоргардии нерӯи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон мебошад, ки дар доираи он аз 63 нафар - теъдоди умумии депутатҳои Маҷлиси намояндагон (палатаи поёнии парламенти миллӣ) танҳо 22 нафар мувофиқи рӯйхати ҳизбӣ интихоб гардида, 41 нафари дигар аз ҳавзаҳои интихоботии якмандата интихоб карда мешаванд. Дар ҳавзаҳои интихоботии якмандата дар интихоботи парламентӣ баҳсҳои пешазинтихоботӣ, асосан, на байни намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, балки байни шахсони машҳури пешбаринамудаи ҷомеаҳои маҳаллӣ сурат мегирад.

Дар Тоҷикистон интихоботи умумихалқӣ ба вазифаи олии давлатӣ – вазифаи президентӣ, ба палатаи поёнии парламенти миллӣ, мақомоти

маҳаллии ҳокимияти намояндагӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ гузаронида мешавад. Интихоботҳои бевоситаи сарварони ҳокимияти иҷроия – ҳокимони ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо гузаронида намешаванд.

Дар баррасии заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба инобат гирифтани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ зарур аст, ки дар қонунгузорӣ осори фаромушнашаванда гузоштааст. Дар давоми ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 Конститутсияи нав таҳия ва қабул карда шуд. Конститутсия якпорчагии давлатдории тоҷиконро нигоҳ дошта, ба ҷомеа арзишҳои демократӣ ворид намуд, инчунин ба қувват гирифтани самтҳои марказшитоб дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Баъди  ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ  муборизаи ғоявӣ-сиёсӣ ҳизбҳои сиёсии гуногунро ба сатҳи парламентӣ ворид намуд. Комиссияи оштии миллӣ муқаррароти умумии Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ"-таҳия кард. Дар раванди коркарди лоиҳаи қонуни мазкур мавзуи асосии баҳсҳо масъалаи мақоми ҳизби сиёсӣ пайдо намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятии динӣ ба ҳисоб мерафт. Баҳсҳо нисбат ба масъалаи мазкур тӯлонӣ гардида, ба раванди барқароркунии баъдимоҷароӣ халал ворид кард. Бинобар ин қарор қабул карда шуд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" (соли 1998) фаъолияти ҲНИТ дар баробари дигар ҳизбҳои сиёсии дунявӣ иҷозат дода шавад.

Бунёди асосҳои қонунии фаъолияти ҳизби сиёсии динӣ боиси мавҷудият ва ҳамкории беназири ҳизбҳои сиёсии дорои хусусиятҳои мухталиф гардид. Ҳамин тариқ, солҳои 1998-2015 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои пасошӯравӣ ягона кишваре ба ҳисоб мерафт, ки дар он ба таври қонунӣ ҳизби сиёсӣ бо идеологияи исломӣ амал менамуд. Соли 2015 роҳбарияти ҲНИТ ба иштирок дар балвои номуваффақи моҳи сентябрӣ гунаҳкор дониста шуда, аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон фаъолияти он манъ гардид. Бо ҳамин, мубориза и хусусияти давлатдории миллии дунявӣ ва динӣ дар Тоҷикистон ба итмом расид.

Тоҷикистон ба қатори ҳамон кишварҳое дохил мешавад, ки дар онҳо ҳанӯз кодекси ягонаи интихоботӣ таҳия нагардидааст. Аз ин рӯ раванди интихоботӣ дар доираи қонунҳои алоҳидаи мустақил танзим карда мешавад. Албатта, чунин вазъият як қатор номуайяниҳоро дар раванди интихоботӣ ба миён меорад. Масалан, интихобот ба парламент ва интихоботи мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар як ҳолат баргузор карда мешаванд. Дар ин маврид Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ танҳо ба интихоботи парламенти миллӣ масъул буда, интихоботҳои маҳаллӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ гузаронида мешаванд.

Аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар, асосан, дар марҳилаҳои пешазинтихоботӣ фаъол мегарданд, аз ин хотир арзёбии заминаи идеологии онҳо мушкил ва мураккаб аст. Интихоби чунин услуби фаъолият, аз бисёр ҷиҳат, аз маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва моддиву техникӣ, нарасидани нерӯи зеҳнӣ ва ҷой надоштани чандирии роҳбарии сиёсӣ-маъмурии аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ вобаста аст.

Дар шароити Тоҷикистон дар асоси омӯзиш ва таҳлили оиннома ва барномаи ҳизбҳо, онҳоро шартан ба ҳизбҳои чап ва рост ҷудо намудан мумкин аст. ҲКТ ва ҲСТ ба ҳизбҳои чап тааллуқ дошта, моликияти коллективонаро дастгирӣ менамоянд, ҳизбҳои дигар – ҲАТ, ҲДТ, ҲХДТ, ҲСДТ, ҲИИТ дар тарафи рости ҳаёти сиёсии кишвар амал намуда, шакли бозории иқтисодиётро дастгирӣ мекунанд.

Қабули ҷамъиятии ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон на ба заминаи идеологии фаъолияти онҳо, балки ба омили шахсияти сарварони онҳо асос ёфтааст. Чунин вазъият шаҳодат медиҳад, ки на танҳо дар сохторҳои ҳокимият, балки дар роҳбарияти ҳизбӣ муносибати консервативӣ дар гардиши кадрӣ мушоҳида карда мешавад. Бешубҳа,

чунин вазъият услуби авторитарии роҳбариро дар тамоми созмонҳои ҳизбӣ пешбинӣ менамояд.

Дар шароити имрӯза мувофиқи ақидаи аксарият, ки дар раванди интихоботӣ ширкат меварзанд, проблемаи интихобот ба парламент сатҳи нисбатан баланди гарави интихоботӣ барои ҳизбҳои сиёсӣ мебошад, ки барои ҳар як нафар аз рӯйхати ҳизбӣ дар ҳаҷми 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст. Ин нишондиҳанда барои ҳизбҳои сиёсии миёна хеле гарон аст. Гарчанде гарави интихоботӣ дар ҳолати ғолиябияти номзад баргардонида мешавад, инчунин барои гузаронидани маърикаи интихоботӣ маблағгузории давлатии ҳизбҳои сиёсӣ амалӣ мегардад, гарави интихоботӣ яке аз проблемаҳои баҳсноки байни ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимият боқӣ мондааст.

Мувофиқи қонунгузорӣ танҳо ҳизбҳое, ки дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олӣ панҷ ё зиёда аз он намоянда доранд, ҳуқуқ доранд фраксияҳои худро бунёд намоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми аз парламенти даъватӣ ба парламенти касбӣ гузаштани Тоҷикистон, дар он ба таври доимӣ танҳо ҲХДТ дорои фраксияи худ буд. Ҳизбҳои дигар монеаи муқарраргардидаро паси сар карда натавонистанд. Дар интихоботи парламентии соли 2015 танҳо ҲАТ тавонист ин монеаро гузашта, фраксияи парламентии худро ташкил намояд. Илова бар ин, дар баробари фраксияҳои парламентӣ фаъолияти гурӯҳҳои депутатӣ муқаррар карда шудааст, ки аз ҳисоби депутатҳои ғайриҳизбӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон пас аз тағйирпазирии тулонӣ ва мураккаб, омили воқеии ҳаёти сиёсии ҷомеа гардид. Ба мушкилоти сиёсӣ ва қонунгузорӣ нигоҳ накарда ҳизбҳо ва созмонҳои ибтидоии онҳо бемайлон ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷик ворид мегарданд. Ҷомеа, дар навбати худ, аз интихобот ба интихобот ба таври доимӣ платформаҳои

пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсии гуногунсамтро дарк намуда, тафовути байни онҳоро муайян мекунад.

Лозим ба зикр, ки яке аз омилҳои муҳимми рушди бисёрҳизбӣ рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ барои бадастории ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳизбҳои сиёсӣ бо рақобатнокии худ ниҳодҳое шуморида шуданд, ки метавонанд ҳолати навро дар сиёсат ворид кунанд ва ташаббускори навоварӣ бошанд. Метавон гуфт, ки тарҳи ҳизбии демократия, ки ба плюрализми нерӯҳои сиёсӣ ва муборизаи рақобатнок барои ҳокимияти давлатӣ асос ёфтааст, ба монанди тарҳи бозории иқтисодиёт арзиши фундаменталии ҷаҳони имрӯза ҳисобида шудаанд. Барои мисол муҳаққиқон К Ҷаггерз. ва Т Гурр. рақобатнокии иштироки сиёсӣ, интихобӣ будани мансабҳои иҷроия ва назаррас будани тасиррасонӣ ба ҳокимияти иҷроия шароитҳои муҳимми «мустаҳкамсозии ниҳодии» демократияро медонанд.[1]Албатта, чунин ҳолат фаъолии ҳизбҳои сиёсӣ ва рақобатнокии низоми бисёрҳизбиро талаб мекунад.

Низоми бисёрҳизбии дорои рақобат новобаста аз ҷиҳатҳои манфии хеш паҳлӯҳои мусбати зиёде дорад. Хусусан, он ҷиҳати низоми бисёрҳизбӣ муҳим аст, ки инҳисори сиёсиро аз байн мебарад. Бар замми ин низоми бисёрҳизбии рақобатнок роҳҳои қонунӣ ва машрӯи интиқоди ҳукумат ва қаринаҳои алтернативии самти сиёсиро ба роҳ мемонад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, дар, танҳо ҲСДТ дар ҳалли масъалаҳои гуногун, махсусан ҳуқуқӣ бо ҳизби ҳукмрон рақобат менамояд, лекин чунин рақобат нобаробар буда, одатан бо ғолиябияти ҳизби ҳукмрон ба итмом мерасад. Ҳизбҳои дигари Тоҷикистон ҳизбҳои “кисагӣ” буда, бо сиёсати ҳизби ҳукмрон пурра ҳамфикр мебошанд. Аз ин хотир рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дошта, қариб, ки мушоҳида намегардад. Албатта бо чунин муносибат дар кишвар бисёрҳизбии воқеӣ ташаккул намеёбад.

---

[1]Ниг.: Jaggers K., Gurr T. Tracking Democracy’s Third Wave with the Polity Ill Data // Journal of Peace Research. 1995. Vol. 32. № 4.

Омили дигари рушди низоми бисёрҳизбӣ иштироки фаъоли мардум дар ҳаёти сиёсӣ мебошад. Он ҷиҳати масъала муҳим аҳамият пайдо мекунад, ки то кадом андоза дар доираи низоми сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбӣ иштироки озодона ва мубориза фаъол барои расидан ба ҳокимият ҷой дорад. Дар ин маврид нақши ҳизби ҳукмрон муҳим мегардад. Хусусан он ҷиҳати масъала муҳим аст, ки барои муборизаҳои сиёсӣ ҳизби ҳукмрон то кадом сатҳ аз манбаъҳои маъмурӣ истифода менамояд. Дар мавриди иштироки сиёсӣ, инчунин, фаъолнокии ҳизбҳои оппозитсионӣ низ муҳим мегардад. Албатта, дар ҳамаи низомҳои бисёрҳизбӣ иштироки фаъол ва рақобатноки ҳизбҳои сиёсӣ якранг ба назар намерасад. Зикр намудан зарур аст, ки фарқи фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ дар низомҳои бисёрҳизбӣ таъсири худро ба чигунагии таҳкими низоми демократӣ мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки сиёсии оммаи мардум на он қадар назаррас аст. Интихоботҳои солҳои охир, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, шароит ва озодии фаъолият ба фаъолнокии сиёсии оммаи мардум таъсири манфӣ расонидаанд. Оммаи мардум на ба ҳизб ва на ба интихобот, ки яке аз унсурҳои асосии демократия ба ҳисоб меравад, бовар надоранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҳаёти имрӯзаи кишвар ҳизби ҳукмрон шароити давраи шуравиро барқарор намудааст. Гарчанде, ба таври расмӣ дар кишвар бисёрҳизбӣ, интихоботи озод ва шаффоф амал менамояд, дар воқеият шароит дигар аст. Маҳдуднамоии иштироки фаъоли оммаи мардум дар ҳаёти сиёсӣ мушоҳида карда мешавад.

Яке аз омилҳои дар шароити имрӯза ба рушди бисёрҳизбӣ ва таҳкими демократия мамонияткунанда таҷаммуи ҳокимият дар атрофи сарвари сохтори иҷроия ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи америкоӣ С. Ҳантингтон дар самти мустаҳкамсозии демократия таҷаммуи ҳокимиятро дар дасти сарварони сохторҳои иҷроия хатари ҷиддӣ мешуморад. Ба андешаи ӯ тамаркузи ҳокимият боиси зуҳури

авторитаризм ва дастгирӣ намудани усулҳои сахти ҳукмронӣ мегардад, ки бар зарари иштироки сиёсӣ ва намояндагии манфиатҳо анҷом меёбад. Дар ин сурат хатар ба таҳкими демократия, ҳамчунин, аз маҳдудсозии ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, маҳдудсозии васоити ахбори омма ва мавқеи оппозитсия дар низоми сиёсӣ таҳдид мекунад.[1]

Муҳаққиқи дигари америкоӣ Л. Дайамонд низ дар мавриди мустаҳкамсозии демократия тағйироти зиёд дар ниҳодҳо, сиёсат ва рафторро муҳим медонад. Ба андешаи ӯ, вазифаҳои намояндагии идоракунии демократӣ тавассути рушди ҳизбҳои сиёсӣ ва алоқаҳои онҳо бо гурӯҳҳои иҷтимоӣ, паст намудани фрагментатсияи (қисматшавии) низоми ҳизбӣ ва мустаҳкам шудани ҷомеаи шаҳрвандӣ беҳтар мегардад.[2]

Бо субот будани низоми ҳизбӣ омили дигари муҳимми нақшгузории низоми бисёрҳизбӣ дар мустаҳкамшавии демократия ба шумор меравад. Танҳо низоми босуботи бисёҳизбӣ метавонад ба мустаҳкамшавии демократия нақш гузорад. Дар ин маврид зарур аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ меъёрҳои барои фаъолияти онҳо муқарраршуда, меъёрҳои муносибати созанда ва рақобати солимро ба роҳбарӣ гирифта бошанд. Ҷиҳати дигари босуботии низоми бисёрҳизбӣ дар натиҷаи рақобатҳои низоъангези ҳизбҳои сиёсӣ  ба низоъ гирифтор накардани низоми сиёсӣ ва дар умум ҷомеа мебошад. Рақобати носолим ва низоъангези миёни ҳизбҳои сиёсӣ дар як низоми бисёрҳизбӣ на боиси мустаҳкамшавии демократия балки боиси коҳиши симои низоми демократӣ мегардад. Барои мисол, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон бархӯрди идеологии миёни ҳизбҳои сиёсӣ яке аз омилҳои зуҳури низои сиёсӣ дар кишвар гардида буд, ки дар натиҷа дар он замон,  боварии мардум ба низоми демократӣ коҳиш ёфт. Танҳо суботи комил ва қонунмеҳварии низоми бисёрҳизбӣ метавонад шароити мустаҳкамшавии низоми демократиро фароҳам созад. Лозим ба ёдоварист, ки рақобати

---

[1] Ниг.: Huntington S. Democracy for the Long Haul // Journal of Democracy. 1996. Vol. 7. № 2.
[2]Ниг.: Diamond L. Introduction: In Search of Consolidation // Consolidating the Third Wave Democracies. Regional Challenges / Ed. by L. Diamond, M. Plattner, Y. Chu and H. Tien. — Baltimore, London: The Johns Hopkins University Press, 1997.

ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи як низоми ҳизбӣ шароитҳои муайянеро талаб мекунад. Муҳим аст, ки рақобатнокӣ боиси таҳкими демократия гардад ва шароити низоъангезро ба миён наоварад. Аз ин рӯ, дар доираи як низоми бисёрҳизбӣ муқаррар кардани меъёрҳои умумӣ ва арзишҳои барои ҳамаи нерӯҳои сиёсӣ қобили қабул муҳим мебошад.

Муҳаққиқони дигар низ ба масъалаи босуботии низоми ҳизбӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Муҳаққиқон Ҷ.О.Донел. ва Ф.Шмиттер. рушди низоми ҳизбии босуботеро, ки тавонад ташаккули ҳукумати масъулро дар назди мардум таъмин намояд, ҳамчун самти муҳимми мустаҳкамшавии низоми демократӣ мешуморанд.[1] Ба андешаи онҳо ҳамон низоми ҳизби метавонад дар мустаҳкамшавии демократия саҳм гузорад, ки агар масъулиятшиносии низоми идориро дар ҷомеа таъмин карда тавонад. Воқеан, низомҳои бисёрҳизбие, ки ҳисоботдиҳандагӣ ва шаффофияти фаъолияти ҳукуматҳоро таъмин мекунанд, дар мустаҳкамшавии низоми демократӣ нақши бориз бозида метавонанд.

Барои саҳмгузории низоми бисёрҳизбӣ дар мустаҳкамшавии демократия таркиби ҳизбии ин низом низ муҳим аст. Зарур аст, ки ҳизбҳои сиёсии дар таркиби низоми бисёрҳизбӣ амалкунанда хосияти деструктивӣ (вайронкунанда) надошта бошанд. Чи тавре ки муҳаққиқ Клаус фон Бейме зикр намудааст, ҳизбҳо моҳиятан бад нестанд, аммо ҳизбҳои «хуб» ва «бад» мавҷуданд.[2]

Миёни нишондиҳандаҳое, ки аз рӯи онҳо мустаҳкамшавии низоми демократӣ арзёбӣ мегардад, баъзе аз муҳаққиқон суботи низомро дар лобалои бозсозиҳои радикалии низоми ҳизбӣ ва мавҷуд набудани ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои зиддинизоманд муҳим медонанд.[3] Сиёсатшиноси амрикоӣ С. Ҳантингтон низ барқароршавии ҳокимияти собиқ ҳизбҳои коммунистӣ (гардиши сурх) ва ҳизбҳои дорои идеологияи

---

[1] Ниг.: O'Donnel G., Schmitter Ph. and Whitehead L. (eds.). Transitions from Authoritarian Rule: Prospects for Democracy. — Baltimore: The Johns Hopkins University, 1986.
[2] Ниг.: Beyme K. von Party Leadership and Change in Party Systems: Towards a Postmodern Party State? // Government and Opposition. 1996. Vol. 31. № 2.
[3]Ниг.. Gunter R., Diamandouros N., Puhle H.-J. (eds.) The Politics of Democratic Consolidation: Southern Europe in Comparative Perspective. — Baltimore: John Hopkins University Press, 1995.

зиддидемократӣ ва бунёдгароро хатар ба мустаҳкамшавии демократия ҳисоб мекунад.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби ҳизбии низоми бисёрҳизбӣ гуногун буда, ки аз ҳизбҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, аграрӣ иборат аст. Лекин, фаъолияти онҳо ин соҳаҳоро пурра фарогир нест. Гарчанде, дар барнома ва нақшаҳои фаъолияти онҳо соҳаи муайян афзалият дорад, лекин дар амалия фаъолияти мушаххас ба назар намерасад.

Агар фаъолияти ҲНИТ-ро, ки то соли 2015 дар доираи низоми бисёрҳизбӣ фаъолият дошт, ба инобат нагирем. Ҳизбҳо дар кишвар хусусияти деструктивӣ надоранд. Чунин ҳизбҳо, албатта, ба таҳкими демократия хатари ҷиддӣ ворид менамоянд.

Омили дигари самарабахшии низоми бисёрҳизбӣ дар мустаҳкамшавии демократия аз чигунагии ташкил ва фаъолияти ниҳодҳои намояндагӣ ва нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар онҳо вобастагӣ дорад. Аксар маврид мо метавонем хусусияти самаранокии низоми ҳизбиро дар як кишвар аз рӯи ташкил ва фаъолияти ниҳоди намояндагӣ ва, хусусан, парлумони он дарк намоем.

Муҳаққиқони алоҳида ба ин масъала низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Барои мисол, дар «Индекси рушди сиёсӣ» -и худ муҳаққиқ Катрайт Ф. хусусиятҳои самаранокии рушди бисёрҳизбиро дар мисоли ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия овардааст. Барои холҳои баландро соҳиб шудани ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияи як кишвар дар индекси ин муҳаққиқ ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ муҳим талаққӣ шудаанд. Ба андешаи ин муҳаққиқ ҳокимияти қонунгузор дар он шароит ба меъёрҳои демократӣ ҷавобгӯ дониста мешавад, ки агар палатаи поёнии парлумон ва ё кулли парлумон аз намояндагони ду ва ё зиёда ҳизбҳои сиёсӣ иборат бошанд ва ақаллияти ҳизбӣ дар парлумон ҳадди ақал 30%-ро ташкил диҳанд. Ба меъёри демократӣ ҷавобгӯ будани ҳокимияти иҷроия дар ин индекс чунин муқаррар шудааст: давлатро сарвари ҳокимияти иҷроия, ки дар

[1] Ниг.: Huntington S. Democracy for the Long Haul // Journal of Democracy. 1996. Vol. 7. № 2.

асоси рақобати бисёрҳизбӣ интихоб шудааст, идора менамояд ва шароити гирифтани холи баланд барои ҳокимияти қонунгузор мавҷуд аст.[1]

Лекин дар шароити Тоҷикистон ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар мақомоти иҷроия ва қонунгузор аз чунин талабот дур аст. Аксарияти мақомоти давлатиро намояндагони ҳизби ҳукмрон ишғол намудаанд ва дар ин самт нисбат ба ҳизбҳои дигар, махсусан ба ҲСДТ маҳдудиятҳо ҷой доранд. Дар парлумони кишвар бошад, аксарияти ҷойҳо танҳо ба ҲХДТ тааллуқ дошта, ҳизбҳои дигар, ҳатто дар якҷоягӣ наметавонанд, ки 30% ҷойҳоро ишғол намоянд. Дар чунин ҳолат тамоми қарорҳои сиёсӣ бе рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ қабул карда мешаванд. Албатта, чунин воқеият ба дурнамои рушди бисёрҳизбӣ дар кишвар хатари ҷиддӣ ворид менамояд.

Яке аз меъёрҳои муҳим, ки нақши низоми ҳизбиро дар мустаҳкамсозии демократия нишон медиҳад, имконияти ташкили коалитсияи ҳизбӣ дар он мебошад. Дар он низомҳои ҳизбие, ки дорои рақобат мебошанд, имконияти ташкили коалитсияҳои ҳизбӣ назаррас аст. Ба андешаи М. Скот, дар низомҳои бисёрҳизбии парлумонӣ бунёди коалитсияҳо шароитро барои таҳкими демократия ва ҳокимияти босубот ба вуҷуд меорад. Бунёди коалитсияи босубот дар низомҳои бисёрҳизбии демократияҳои президентӣ нисбатан мушкил дониста мешавад. Низомҳои парлумонӣ дорои механизмҳои зиёди бунёди коалитсия мебошанд, ки ба демократияи бисёрҳизбӣ ва таҳкими он нисбат ба низомҳои президентӣ мусоидат менамояд.[2]

Ҳизбҳои сиёсӣ бо ташкил намудани коалитсия манфиатҳои умумиро аз истисмор шудан аз ҷониби дигар навъи манфиатҳо, ки шояд ба таҳкими демократия хатар дошта бошад, ҳифз мекунад. Дар чунин ҳолат

---

[1] Ниг: Cutright Ph. National Political Development: Measurement and Analysis // American Sociological Review. 1963. Vol. 28. № 1.

[2] Ниг.: Scott Mainwaring, Presidentialism, multiparty systems, and democracy: the difficult equation, January 1997, https://www.researchgate.net/publication/253966997

маъракаҳои интихоботӣ ба интихоби тими роҳбарон табдил меёбад ва то як андоза ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои мухталиф замина мегузорад.

Дар Тоҷикистон коалитсияи ҳизбӣ танҳо дар интихоботи президентии соли 2013 мушоҳида гардида буд, ки дар он ҲНИТ ва ҲСДТ дар асоси бунёди коалитсионӣ ба интихобот номзади ягонаро пешниҳод намуданд. Умуман, метавон зикр намуд, ки дар шароити имрӯза ба ғайр аз ҲСДТ, ҳизбҳои дигар бо ҳизби ҳукмрон коалитсия бунёд кардаанд, ки ба талаботи назарияҳои муосир мувофиқ нест. Бунёд намудани чунин коалитсия, ба ақидаи мо, зарурати мавҷудияти чунин ҳизбҳоро аз байн мебардорад. Дар парламент низ имконияти бунёди коалитсияи ҳизбӣ ҷой надорад.

Дигар ҷанбаи самаранокии низоми бисёрҳизбӣ дар мустаҳкамшавии демократия аз чигунагии низоми интихоботӣ вобастагӣ дорад. Низоми интихоботии як кишвар ба чигунагии низоми ҳизбии он ва, дар умум, ба таҳкими демократия дар он таъсири ҷиддӣ мегузорад. Танҳо низоми короям, шаффоф, беғараз ва бетақаллуби интихоботӣ метавонад ба таҳкими низоми ҳизбии як кишвар ва дар умум ба рушди демократия дар он мусоидат дошта бошад. Ба хотири таҳкими низоми ҳизбӣ ва саҳмгузории он дар мустаҳкамшавии демократия дар як кишвар зарур аст, ки принсипҳои муқарраршудаи интихоботӣ ба пуррагӣ риоя карда шаванд. Ҳуқуқи умумии интихоботӣ ҳизбҳои сиёсиро водор созад, ки ба маъракаҳои интихоботӣ таваҷҷуҳи хоса дошта бошанд. Хусусан, ба онҳо зарур аст, ки таркиби мустаҳками узвиятро шакл диҳанд, барои васеъ шудани пойгоҳи иҷтимоии хеш ва гурӯҳи интихобкунандагон самтгирӣ намоянд, сиёсати идеологияшонро таҳия намоянд ва фаъолияти васоити ахбори оммаи худро ба роҳ монанд. Дар ҳар сурат барои мустаҳкамшавии демократия дар як ҷомеа зарур аст, ки рақобати электоралӣ миёни ҳизбҳои сиёсӣ ба роҳ монда шавад.

Дар мавриди нақши низоми бисёрҳизбӣ дар мустаҳкамшавии демократия андешаҳои муҳаққиқ А. Лейпхарт хеле ҷолиб мебошад. Ба

андешаи ӯ, мавҷудияти шумораи зиёди ҳизбҳои сиёсии кӯчак эҳтимоли онро ба миён меорад, ки ҳар яки онҳо мафиатҳои зерфарҳангҳо ва мизоҷони муайянро инъикос месозанд ва имконияти каме барои намояндагии манфиатҳои умумимиллӣ боқӣ мемонад.[1]

Албатта, лозим ба таъкид аст, ки самаранокии низоми бисёрҳизбӣ дар ягон сурат аз шумораи зиёди ҳизбҳо вобастагӣ надорад. Балки ҷиҳати муҳим он аст, ки то кадом андоза ин низом ба таҳкими механизмҳои демократӣ мусоидат мекунад ва худи ин низом ба арзишҳои демократӣ то кадом андоза ҷавобгӯ аст.

Низоми бисёрҳизбӣ дар маънии васеъ чун плюрализми сиёсӣ фаҳмида мешавад  на чун шумораи ҳизбҳое, ки дар як кишвар ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд ва ё мавҷудияти қонун перомуни ҳизбҳо, ки фаъолияти онҳоро ба танзим меандозад. Аз нуқтаи назари Г. Алмонд ва Б. Пауэлл низоми бисёрҳизбӣ аз ду омили муҳим вобастагӣ дорад: «аҳаммияти бартаридоштаи овози интихобкунандагоне, ки ба ҳизб овоз додаанд ва он дар интихоби озод ва муайян намудани самти сиёсӣ ғолиб шудааст; имконияти ҳизбҳои гуногун барои ташаккул ёфтан ва ба роҳ мондани рақобати озод барои овози интихобкунандагон».[2]

Лозим ба ёдоварист, ки чи гуна хусусият доштан ва ба кадом навъи низоми бисёрҳизбӣ майл доштани низоми ҳизбии як кишвар метавонад дар таҳкими демократия дар он таъсири якранг надошта бошад. Ба андешаи мо, навъи низоми бисёрҳизбии бидуни ҳизби ҳукмрон нисбат ба низоми бисёрҳизбии дорои ҳизби ҳукмрон дар таҳкими низоми демократӣ нақши бештаре дошта метавонад. Албатта, таъсиргузории низоми бисёрҳизбӣ дар таҳкимбахшии демократия аз навъи чунин низом вобастагӣ дорад. На ҳамаи навъҳои низоми бисёрҳизбӣ ба мустаҳкамшавии низоми демократӣ мусоидат карда метавонанд.

---

[1] Ниг.: Лейпхарт А., Демократия в многосоставных обществах: Сравнительное исследование. М.: Аспект Пресс, 1997, 287с.

[2] Лейпхарт А., Демократия в многосоставных обществах: Сравнительное исследование. М.: Аспект Пресс, 1997, 287 с.

Лозим ба ёдоварист, ки навъҳои зикршудаи низоми бисёрҳизбӣ дар мустаҳкамшавии демократия таъсири якранг надоранд. Ба назар мерасад, ки дар навъи мутавассит бештар имконияти мустаҳкамшавии демократия вуҷуд дорад. Дар навъҳои қисматгардида ва тақсимшуда низ имконияти мустаҳкамшавии демократия бо шарти риояи меъёрҳои қабулшудаи фаъолияти ҳизбӣ мавҷуд аст. Аммо навъи муқобил ғолибан хосияти низоъангезанда дорад, ки на ба мустаҳкамшавии демократия, балки ба хатарҳои эҳтимолӣ ба низоми демократӣ оварда мерасонад.

Ҳамчунин навъҳои рақобатнок ва берақобати низоми бисёрҳизбиро зикр кардан лозим аст, ки таъсири онҳо низ дар мустаҳкамшавии низоми демократӣ якранг нест. Ба андешаи мо, танҳо низоми бисёрҳизбии дорои рақобати солим ва созанда метавонад бар хилофи низоми бисёрҳизбии берақобат ва сокит ба мустаҳкамшавии демократия саҳмгузор бошад. Аз ин рӯ, дар самти мустаҳкамсозии низоми демократӣ зарур аст, ки низоми бисёрҳизбӣ дорои рақобатнокии солиму созанда бошад. Дар сурати ғайр низоми бисёрҳизбӣ дар ҳеҷ сурате наметавонад омили мустаҳкамгардии низоми демократӣ дар як кишвар гардад. Дар сурати ғайр, ҷиҳати ниҳодии таҳкими демократия дар як кишвар зери суол меравад.

Ҳолати таъсиргузории низоми бисёрҳизбӣ ба мустаҳкамшавии низоми демократӣ дар бештари мавридҳо аз чигунагии сохтори сиёсии як кишвар низ бастагӣ дошта метавонад. Аслан низоми бисёрҳизбиро ғолибан дар кишварҳои дорои низоми парлумонии идоракунӣ самаранок мешуморанд. Дар низомҳои идораи президентӣ аз сабаби таъсиргузории ниҳоди президентӣ дар идораи давлатӣ низоми бисёрҳизбӣ чандон коршоям дониста намешавад ва саҳмгузории он низ дар таҳкими низоми демократӣ зери шубҳа қарор мегирад. Аз ин рӯ, саҳмгузории низоми бисёрҳизбӣ дар таҳкими демократия аз чигунагии низоми идории як кишвар вобастагӣ дошта метавонад. Дар кишварҳои дорои шакли идораи президентӣ низоми дуҳизбӣ бештар короям ва функсионалӣ шуморида мешавад.

Дар умум зикр намудан бамаврид аст, ки дар мустаҳкамшавии низоми демократӣ нақши низомҳои ҳизбӣ дар як кишвар назаррас аст. Низоми ҳизбӣ ҷиҳати муҳимми ниҳодии мустаҳкамшавии демократияро ташкил медиҳад. Ҳизбҳои сиёсӣ бо рақобатнокӣ, масъулияти сиёсӣ, талаби ҳисоботдиҳандагӣ ва шаффофият, интиқод ва масъалагузорӣ, чолишбарангезӣ дар муҳити сиёсии ҷомеа, мубориза барои ба даст овардани овози мардум ва дастгирии онҳо, таҳияи барномаҳои нави рушди ҷомеа, омода намудани сарварони сиёсӣ, таблиғи платформаи тағйирот ва рушд дар як ҷомеа, баланд намудани ҳисси масъулияти идорӣ ва ғайра метавонанд дар таҳкимбахшии низоми демократӣ дар як кишвар саҳми беандоза муҳиммеро дошта бошанд. Ба андешаи мо, мустаҳкамшавии демократия дар як кишвар бидуни бунёди низоми ҳизбии короям ва рақобатнок ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба масъалаи саҳмгузории низоми бисёрҳизбӣ ва омилҳои мухталифи саҳмгузории ин низом дар мустаҳкамсозии демократия дар як ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад. Дар ҳар сурат моро зарур аст, омилҳои таъсиргузор ба самаранокии низоми бисёрҳизбиро дар шароити Тоҷикистони имрӯза мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода бошем. Танҳо бо ин васила мо метавонем, мушкилоти мавҷударо дар ин самт ошкор ва тавсияҳои беҳтарсозии низоми бисёрҳизбиро дар шароити Тоҷикистони имрӯза ироа карда бошем.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳо метавон зикр намуд, ки дурнамои бисёрҳизбӣ аз масъалаҳои баррасигардида вобаста буда, ба андешаи мо, дар шароити имрӯза таҳкими заминаҳои ҳуқуқиро талаб менамояд. Бо тағйир ва такмил додани, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳо ва баргузории интихобот ба рушди минбаъдаи низоми бисёрҳизбӣ дар кишвар имконият пайдо мешавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси баррасии вазъият ва дурнамои низоми бисёрҳизбӣ дар таҳкими демократия метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

-раванди ташаккули низоми демократии бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад. Дар чунин ҳолат муқарраротиi ҳуқуқи байналхалқӣ, Конститутсия ва дигар қонунҳои Тоҷикистон, ки маҳдудияти ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, таъсиси озоди ва фаъолияти озоди ҳизбҳоро асоснок менамоянд, дар шароити кишвар риоя мегарданд;

- яке аз монеаҳои асосии ошкоргардии нерӯи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон низоми интихоботии мажоритарӣ-мутаносиб мебошад, ки дар доираи он аз 63 нафар - миқдори умумии депутатҳои Маҷлиси намояндагон (палатаи поёнии парламенти миллӣ) танҳо 22 нафар мувофиқи рӯйхати ҳизбӣ интихоб гардида, 41 нафари дигар аз ҳавзаҳои интихоботии якмандата интихоб карда мешаванд;

- Тоҷикистон ба қатори ҳамон кишварҳое ворид мегардад, ки дар онҳо ҳанӯз кодекси ягонаи интихоботӣ таҳия нагардидааст, аз ин хотир раванди интихоботӣ дар доираи қонунҳои алоҳидаи мустақил танзим карда мешавад. Албатта, чунин вазъият як қатор номуайяниро дар раванди интихоботӣ ба миён меорад;

- аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар, асосан, дар марҳилаҳои пешазинтихоботӣ фаъол мегарданд, бинобар ин арзёбии заминаи идеологии онҳо мушкил ва мураккаб аст. Интихоби чунин услуби фаъолият, аз бисёр ҷиҳат, аз маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва моддиву техникӣ, нарасидани нерӯи зеҳнӣ ва ҷой надоштани чандирии роҳбарии сиёсӣ-маъмурии аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ вобаста аст;

- низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон пас аз тағйирпазирии тӯлонӣ ва мураккаб, омили воқеии ҳаёти сиёсии ҷомеа гардид. Ба мушкилоти сиёсӣ ва қонунгузорӣ нигоҳ накарда ҳизбҳо ва созмонҳои ибтидоии онҳо мунтазам ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷик ворид мегарданд;

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки сиёёсии оммаи мардум на он қадар назаррас аст. Интихоботҳои солҳои охир, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, шароит ва озодии фаъолият ба фаъолнокии сиёсии оммаи мардум таъсири манфӣ таъсир расонидаанд;

- дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон бархӯрди идеологии миёни ҳизбҳои сиёсӣ яке аз омилҳои зуҳури низои сиёсӣ дар кишвар гардида, боиси коҳиш ёфтани боварии мардум ба низоми демократӣ дар он замон шуд. Танҳо суботи комил ва қонунмеҳварии низоми бисёрҳизбӣ метавонад шароити мустаҳкамшавии низоми демократиро фароҳам созад;

- дар шароити Тоҷикистон ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар мақомоти иҷроия ва қонунгузор ба чунин талабот ҷавобгӯ нест. Аксарияти мақомоти давлатиро намояндагони ҳизби ҳукмрон ишғол намуда, дар ин самт нисбат ба ҳизбҳои дигар, махсусан ҲСДТ маҳдудиятҳо ҷой доранд. Дар парлумони кишвар бошад, аксарияти ҷойҳо танҳо ба ҲХДТ тааллуқ дошта, ҳизбҳои дигар ҳатто дар якҷоягӣ наметавонанд, ки 30% ҷойҳоро ишғол намоянд.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи илмии масъалаи бисёрҳизбӣ дар таҳкими демократия чунин хулоса ва тавсияҳо зарур дониста мешаванд:

1. Дар шароити тағйирпазирии низоми сиёсӣ дар фазои сиёсии муосир яке аз масъалаҳои мураккаб ва пурихтилоф ҷустуҷӯи шаклҳои нави муносибатҳои тарафайни ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун иштирокчиёни асосии равандҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала, махсусан дар шароити ташаккул ва инкишофи низоми бисёрҳизбӣ, ки ҳанӯз ноустувор ва беқувват аст, шиддатнок мегардад. [1–М].

2. Ҳизбҳо, чун қоида, "бозингарони" фаъол ва самаранок дар саҳнаи интихобот буда, дар доираи фаъолияти худ номзадҳоро омода менамоянд, дастгирии сиёсӣ ва технологии маъракаи интихоботиро таъмин менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба таври назаррас тағйирпазирии ҷаҳони сиёсатро таъмин намуда, имкониятҳои навро барои таъсири шаҳрвандон, гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ба ҳокимият бунёд менамудаанд. [3–М].

3. Аз назари сохтори сиёсии кишвар, бисёрҳизбӣ дар қатори гуногунии идеологӣ яке аз шаклҳои плюрализми сиёсӣ баромад менамояд, ки ҳамчун принсипи асосии сохтори демократӣ хизмат менамояд. Гуногунии сиёсӣ одатан ҳамчун плюрализми сиёсӣ баррасӣ мешавад. Дар чунин ҳолат гуногунии сиёсӣ ва плюрализми сиёсӣ муродиф ҳисобида мешаванд, зеро он аз калимаи лотинии plulalis гирифта шуда, маънои сершуморро дорад. [2–М].

4. Дар шаффофияти фаъолияти ҳокимият ва ҳисоботдиҳанда будани он дар назди ҷомеа бисёрҳизбӣ мавқеи хосса дорад. Чунин мешуморем, ки мавҷудияти ҳизбҳои сершумор дар доираи низоми бисёрҳизбӣ дар шаффофияти фаъолияти ҳокимият мусоидат менамояд. Чунин шаффофият дар ҳолате имконпазир мегардад, ки ҳизбҳои сиёсии мавҷуда

ба таври воқеӣ фаъолият намуда, дар ҳолати ҷой доштани камбудӣ ва норасоиҳо дар фаъолияти ҳокимият, аз он дарак дода, баҳри бартараф намудани онҳо кӯшиш намоянд. [5–М].

5. Низоми бисёрҳизбӣ дар ташаккул ва инкишофи оппозитсия мусоидат менамояд. Бисёрҳизбӣ ва мавҷудияти оппозитсия ҳамеша ҳамчун аломати муҳими демократия эътироф мегардад. Нақши бисёрҳизбӣ, аз бисёр ҷиҳат, бо сохтори сиёсии кишвар, навъи низоми интихоботӣ, тарҳи идоракунӣ муайян карда мешавад. Омӯзиши низоми бисёрҳизбӣ ва фаъолияти неруҳои оппозитсионӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳо ва қонуниятҳои ташаккули бисёрҳизбӣ ва оппозитсия ошкор карда шавад. [3–М].

6. Ба роҳ мондани бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо равандҳои бозсозӣ, бо таъсиси иттиҳодияҳо ва клубҳои сиёсии ғайрирасмӣ, ҳаракатҳои алтернативӣ дар дастгирии бозсозӣ, ошкорбаёнӣ, пешбурди ислоҳоти демократӣ алоқаманд аст. Дар таркиби ин созмонҳо, асосан, намояндагони зиёиён, ҷавонон, ки гузаронидани ислоҳоти демократиро талаб менамоянд, муттаҳид мегарданд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи мақсадҳои барномавӣ, оинномаҳо ва вазифаҳои асосӣ пайдо гардиданд. [4 -М].

7. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди демократикунонии низоми сиёсӣ гузариш аз низоми якҳизбӣ ба низоми бисёрҳизбӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар шароити ҷомеаи шаҳрвандии рушднакарда, мавҷуд набудани анъанаҳои демократӣ амалӣ гардидааст. Илова бар ин, бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ рушд намудааст, ки як қатор гурӯҳҳои этникиву минтақавӣ бо ҳизбҳо ва ҳаракатҳои худ элитаи сиёсиро ташаккул дода, ҳаракатҳо ва ҳизбҳои дигар дар канор монданд. [2–М].

8. Дар солҳои 90-уми асри XX созмонҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ нашрияҳои худро таъсис доданд, ки дар саҳифаҳои он масъалаҳои мухталифи ҷамъиятиро баррасӣ менамуданд, оммаи мардумро ба муборизаи

ошкоро даъват намуда, рӯз ба рӯз вазъияти сиёсиро шиддатнок мекарданд. Дар ин самт метавон рӯзномаҳои “Адолат”, “Чароғи рӯз”, “Растохез”, “Сухан”, “Ҷавонони Тоҷикистон”-ро метавон қайд намуд. [1–М].

9. Ҳодисаву равандҳои солҳои 90-ум ба таври дақиқ мавқеи зиддикоммунистии ҲДТ, ҲНИТ, ҳаракатҳои “Растохез” ва “Лаъли Бадахшон”-ро нишон доданд. Зери ниқоби мубориза бо ҲКТ ин неруҳо ба ғасби ҳокимияти давлатӣ ва сиёсӣ кӯшиш менамуданд. Лекин ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии демократӣ, ки иродаи сиёсии аъзои худро ифода менамоянд, тариқи намояндагони худ, аъзо ва тарафдорон дар мақомотҳои давлатӣ ба ғасби ҳокимият кӯшиш менамоянд. [6–М].

10. Дар шароити имрӯза ҲХДТ ҳизби ҳукмрон ба ҳисоб меравад ва аксарияти вазифадорони сатҳи олии давлатӣ аъзои ҳизби мазкур ба ҳисоб мераванд. Аз 6 ҳизбҳои сиёсии дигар танҳо ҲСДТ фаъолияти оппозитсиониро пеш бурда, мавқеи алтернативии худро нисбати проблемаҳои мухталифи ҷомеа пешниҳод менамояд. Фаъолияти 5 ҳизби сиёсии боқимонда – ҲАТ, ҲДТ, ҲКТ, ҲИИТ, ҲСТ асосан бо муносибати содиқона ба ҳокимият ва мутобиқан садоқатмандии ҳокимият ба онҳо тавсиф карда мешавад. [4–М].

11. Бунёди асосҳои легитимии фаъолияти ҳизби сиёсии характери динидошта боиси мавҷудият ва ҳамкории беназири ҳизбҳои сиёсии мухталиф гардид. Ҳамин тариқ, солҳои 1998-2015 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои нави сиёсӣ ягона кишваре ба ҳисоб мерафт, ки дар он ба таври қонунӣ ҳизби сиёсӣ бо идеологияи исломӣ амал менамуд. Соли 2015 роҳбарияти ҲНИТ барои иштирок дар балвои нокоми сентябрӣ гунаҳкор дониста шуда, фаъолияти он аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд. Ҳамин тариқ, муборизаи давлатдории миллии дунявӣ ва динӣ дар Тоҷикистон ба итмом расид. [5–М].

12. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки сиёсии оммаи мардум на он қадар назаррас аст. Интихоботҳои солҳои охир, фаъолияти ҳизбҳои

сиёсӣ, шароит ва сатҳи озодии фаъолият ба фаъолнокии сиёсии оммаи мардум ба таъсири манфӣ расонидаанд. Оммаи мардум на ба ҳизб ва на ба интихобот, ки яке аз унсурҳои асосии демократия ба ҳисоб меравад, чандон бовар надоранд. [8–М].

**II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, аз фазои сиёсию ҳуқуқии кишварҳо вобаста аст. Дар шароити Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқиифаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба такмил ниёз доранд, зеро як қатор муқаррароти он ба рушди бисёрҳизбӣ дар кишвар ва таҳкими демократия мувофиқ нестанд. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза зарур аст, ки бо назардошти рушди минбаъдаи низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон ба қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ҳизбҳо тағйироту иловаҳо ворид шавад.

2. Яке аз омилҳои асосии рушди бисёрҳизбӣ мавҷудияти бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ амал мекунад, лекин фаъолияти онҳо ба рушди минбаъдаи бисёрҳизбӣ на он қадар мусоидат менамояд. Аз ин хотир, зарур аст ки фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми сиёсӣ таъмин карда шуда, онҳо ҳамчун ҳизбҳои оппозитсионӣ нисбат ба ҳизби ҳукмрон фаъолият карда тавонанд.

3. Яке аз омилҳои муҳимми рушди бисёрҳизбӣ рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ аст, ки ба хотири ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ равона шудааст. Ҳизбҳои сиёсӣ бо рақобатнокии худ ниҳодҳое шуморида шуданд, ки метавонанд ҳолати навро дар сиёсат ворид кунанд ва чун ташаббускори навоварӣ бошанд. Аз ин хотир, ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистонро зарур аст, ки принсипи рақобатро ба роҳбарӣ гирифта, дар ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намоянд.

4. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иштироки онҳо дар парламенти кишвар ба ҳисоб мервад. Таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон нишон медиҳад, ки на ҳамаи ҳизбҳо дар

ин раванд фаъолона ширкат меварзанд, зеро дар парламенти кишвар дар асоси интихоботи озод ва шаффоф миқдори зарурии овозҳоро ба даст наовардаанд. Чунин ҳолат ба моҳияти бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди раванди демократикунонӣ мувофиқ нест. Аз ин хотир, зарур аст ки дар кишвар ҳизбҳои сиёсӣ фаъол гардида, дар рушди бисёрҳизбии воқеӣ саҳмгузор бошанд.

5. Рушди ҳизбҳои сиёсӣ ва ворид гардидани онҳо ба мақомоти намояндагии кишвар, пеш аз ҳама, аз муносибати оммаи мардум, махсусан ҷавонон ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ вобаста аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза як навъ нобоварии оммаи мардум, махсусан, ҷавонон ба фаъолияти ҳизбҳо ба миён омадааст, ки барои бартараф кардани он фаъолгардии ҳизбҳои сиёсӣ дар самти рушди шуури сиёсии оммаи мардум зарурат дорад.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ


1. Барномаи Ҳизби аграрии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

2. Барномаи Ҳизби демократии Точикистон // (Санадҳо: дирӯз, имрӯз ва фардо). - Душанбе, 2000.

3. Барномаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

4. Барномаи Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

5. Барномаи Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

6. Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990. № 12. Ст. 189.

7. Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990. № 42. Ст. 839.

8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

9. Конвенсияи Аврупоии ҳимоя ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ. // www.ec hr.coe.int

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 10. Моддаи 139.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 10. Моддаи 139.

12. Международный пакт «О гражданских и политических правах», от 16.12.1966г., Международный билль о правах человека. - Душанбе, 1999.


## Монография ва дастурҳои илмӣ


13. Абдукадыров А. Освещение общественно-политической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы (1990-1995гг.). - Душанбе, 1997.

14. Авакьян С.А. Конституционный лексикон: государственно-правовой терминологический словарь. - М., 2015.

15. Алисова Л.Н. Партийная система // Политическая энциклопедия в 2 т.: том 2. - Национальный общественно- научный фонд, 1999. - 191 с.

16. Алмонд Г., Пауэлл Дж., Стром К., Далтон Р.Сравнительная политология сегодня. Мировой обзор. Учеб.пособие. -М., 2002.

17. Амелин В. Межнациональные конфликты в республиках Средней Азии и роль общественных движений и политических партий в их разрешении (вторая половина 80-х начало 90-х гг.). -М. 1992.

18. Амосов М.И. Многопартийность: опыт демократических стран и его значение для России. –СПб.: Прогресс. ПОГОДА. 1998.

19. Арон Р. Демократия и тоталитаризм. - М., 1993.

20. Ачкасов В.А., Грызлов Б.В. Институты западной представительной демократии в сравнительной перспективе. - СПб., 2006.

21. БаглайМ.В. Конституционное право Российской Федерации: - М.: НОРМА (Издательская группа НОРМА - ИНФРА-М), 2000.

22. Брайс Д. Американская республика: в 3 т. - М.: Тип. А.И.Мамонтова и К, 1898. Т. 2, ч. III. 474 с.

23. Бурдье Л.Социология политики. - М., 1993. 173 с.

24. Валадес, Д. Контроль над властью / Д. Валадес. - М.: Идея-Пресс, 2006. – 248 с.

25. Васильева С.В. Принцип демократии // Основы конституционного строя России: двадцать лет развития / под ред. А.Н. Медушевского. - М., 2013.

26. Восленский М.С. Номенклатура. Господствующий класс Советского Союза. -М.: Советская Россия. 1991. 322 с.

27. Галкин А.П. Политические партии и партийные системы // Актуальные проблемы современной политической науки. В 2 ч. - Волгоград: Принт. - 2007. - С. 65-74.

28. Гельман В. Я. Институциональный дизайн: «создавая правила игры» // Первый электоральный цикл в России (1993-1996). - М., 2000. 248 с.

29. Гражданские движения в Таджикистане. - М., 1989.

30. Грегори П. Политическая экономия сталинизма. -М.: РОССПЭН. 2006. 176 с.

31. Даль Р. Принятие решения в демократическом обществе: Верховный суд и его влияние на политический курс государства // Теория и практика демократии. Избранные тексты. -М., 2006. - С.211 - 219.

32. Даниелс Р.В. Взлет и падение коммунизма в России. - М.: РОССПЭН. 2011. 175с.

33. Джанда К. Сравнение политических партий: исследования и теория // Современная сравнительная политология. - М., 1997. -С.84-94.

34. Дюверже, М. Политические партии / М. Дюверже; пер. с франц. - М.: Академический Проект, 2000. 278с.

35. Заславский С. Е., Коргунюк Ю. Г. Российская многопартийность: становление, функционирование, развитие / С.Е. Заславский. -М., 1996. -385 с.

36. Зубов А. Пароаментская демократия в незападных обществах. – М., 1991. 177с.

37. Зульцбах В. Основы образования политических партий. - М., 2006. 176с.

38. Исаев Б.А. Теория партий и партийных систем: учебник для бакалавриата и магистратуры. 2-е изд., испр. и доп. - М.: Юрайт, 2016. 370 с.

39. Кабышев С.В., Ермаков А.Д. Конституционные цели политических партий современной России. - М., 2015. 277с.

40. Каримов О. Политическое состояние Таджикистана. -Худжанд, 2007. 324 с.

41. Кенҷаев С. Табаддулоти Тоҷикистон. Ҷ. 1 –Душанбе, 1993. 245с.

42. Комкова Г.Н., Колесников Е.В., Афанасьева О.В. Конституционное право зарубежных стран. 3-е изд. - М., 2013. 236 с.

43. Конституция общенародного государства / под общ. ред. М.М. Смиртюкова и К.М. Боголюбова -М., 1978. 241с.

44. Конституции зарубежных государств: учебное пособие / сост. В.В. Маклаков. 4-е изд., перераб. и доп. - М., 2003. 231с.

45. Конституционное (государственное) право зарубежных стран: учебник: в 4 т. Т. 1–2: Часть Общая / отв. ред. Б.А. Страшун. 3-е изд., - М., 2000. 467с.

46. Конституционное право: Энциклопедический словарь / Отв. ред. С. А. Авакьян. - М.: НОРМА (Издательская группа НОРМА -ИНФРА-М), 2001. 688 с.

47. Конституционное право ФРГ. –М., 1996. 341с.

48. Коргунюк Ю.Г. Становление партийной системы современной России. - М.: Фонд ИНДЕМ, Московский городской педагогический университет, 2007. 544 с

49. Котляров И.В. Феномен многопартийности в современном белорусском обществе. - Минск, 2009. –254с.

50. Котляров И. В. Социология политических партий. - Минск: Белорусская наука, 2011. 388 с.

51. Крусс В.И. Теория конституционного правопользования. М.: Норма, 2007. 648 с.

52. Ленин В. И. Полн. собр. соч. - Т. 20. - С. 37-66.

53. Лейпхарт А., Демократия в многосоставных обществах: Сравнительное исследование. - М.: Аспект Пресс, 1997. 287с.

54. Лоуэлл Э. Правительства и политические партии в государствах Западной Европы. - М.: Изд. С.Скирмунта, 1905. 644 с.

55. Лучина В.О. Избирательное право России. -М., 2008. 244с.

56. Макаренков Е.В. Политические партии и партийные системы / Е.В. Макаренков, И.К. Харичкин - М.: МПИ ФСБ России. - 2007. 322 с.

57. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 22. М., 1962. 804 с.

58. Милюков П.Н. Россия на переломе. Большевистский период русской революции. - Париж: Imp. d'Art Voltaire, 1927. - Т. 1. 276 с.

59. Мишин А.А. Конституционное право зарубежных стран. 14-е изд., перераб. и доп. - М., 2009. 488.

60. Моргунова М. А. Скандинавский парламентаризм. Теория и практика. - М.: Рос. гос. гум. ун-т, 2001. 350 с.

61. Мэннинг Н., Парисон Н. Реформа государственного управления: международный опыт. - М., 2006. 280 с.

62. Набиев В. Созмонҳои чавонон дар Тоҷикистон. -Душанбе, 1995. 311 с.

63. Набиев В.М. Сулх, ризоият, ваҳдат. –Худжанд: “Хуросон”, 2007. 277 с.

64. Набиев В.М, Политические партии Таджикистана. - Душанбе, 2002. 174с.

65. Нисневич Ю.А. Аудит политической системы посткоммунистической России. - М.: Материк, 2007. - С. 45-56.

66. Нисневич Ю.А. Информация и власть. - М.: Мысль, 2000. 213с.

67. Нудненко Л.А. Конституционное право России: учебник для бакалавров. 2-е изд., перераб. и доп. –М., 2004. 361с.

68. Олимов К. Демократический процесс становится устойчивым. - Душанбе, 1998. С. 7.

69. Паренти М. Демократия для избранных. Настольная книга о политических играх в США. - М., 2006. 394 с.

70. Парсонс Т. О социальных системах. - М.,2002. 568с.

71. Политические партии. Политологический словарь-справочник / под ред. Г.В. Полуниной. - М., 1996. 492 с.

72. Политический процесс: основные аспекты и способы анализа: Сборник учебных материалов / Под. ред. Мелешкиной Е.Ю. — М.: Издательский Дом ≪ИНФРА-М≫, Издательство «Весь Мир», 2001. 375с.

73. Политология: Энциклопедический словарь. - М., 1993. 296с.

74. Пряхина Т.М. Конституционная доктрина современной России. - Саратов, 2002. С. 83–84.

75. Радкевич С. Как взять и/или удержать власть: секреты строительства непобедимой партии / С. Радкевич. - Ростов н/Д: Феникс, 2007. - С. 11.

76. Романов Р.М. Истоки парламентаризма. От законодательных органов древности до наших дней. 2-е изд., доп. и перераб. М.: Современная экономика и право, 2006. 296 с.

77. Саюров Н.Ф. Партии в политической системе германского общества. - Липецк: ЛЭТИ. 2000. С.87.

78. Соловьев А.И. Политология: Политическая теория, политические технологии. - М., 2001.

79. Усманов И. Таърихи сиёсии Точикистони сохибистиклол. - Худжанд, 2003.

80. Фарукшин М.Х. Партийная идентификация в контексте политической идентичности // Политическая идентичность и политика идентичности: очерки / под ред. О.И. Зазнаева. Казань: Отечество, 2011. С. 84–111.

81. Швейцер В.Я. Многопартийность: перемены на западном фронте. –М., 199. 261с.

82. Шапиро И. Демократическое правосудие // Теория и практика демократии. Избранные тексты. - М., 2006. С.212.

83. Шокиров Б., Махмадкаримов А. Возникновение политических партий и движений в Таджикистане и их деятельность (1989-1992г). – Душанбе, 1999.

84. Шумпетер Й. Капитализм, социализм и демократия. - М., 1995. С.372.

85. Эбзеев Б.С. Конституция, власть и свобода в России: опыт синтетического исследования. - М., 2014. С. 235–236.

**Мақолаҳои илмӣ**

86. Барабанов М. В. Роль и место политических партий современной России в формировании государственной власти / М.В.

Барабанов // Социально-гуманитарное знание. – 2006. – № 5. – С. 330–338.

87. Бирюков С. В., Барсуков А. М. Этнорегиональные партии как фактор демократизации общеевропейского политического процесса // Регионология. 2010. № 4. С. 17–27.

88. Гельман В.Я. В.Я. О становлении российской партийной системы и практиках политических коалиций // Полис, 2007, №3. - С.189.

89. Глебова И.И. Партия власти // Полис, 2004, №2. С.85-92.

90. Голосов Г.В. Форматы партийных систем в новых демократиях: институциональные факторы неустойчивости и фрагментации // Полис. - 1998. - № 1.

91. Кисс Э. Искажают ли партии демократию? / Конституционное право: восточноевропейское обозрение. -1996. - № 2.

92. Кузнецова О.В. Содержание конституционного принципа равенства прав граждан России в пассивном избирательном праве // Ленинградский юридический журнал. 2012. № 3 (29). С. 136.

93. Купряшин Л.Г. Государственное управление посредством институциональных изменений / Г.Л. Купряшин //Политические исследования. - 2012. -№6. -С. 112-125.

94. Меркл П. Каковы сегодняшние демократии? // Международный журнал социальных наук. 1993. №3. С.141-142,

95. Махник Д.И. Конституционно-правовые средства противо-действия экстремизму при реализации гражданами права на объединение в политические партии // Журнал российского права. 2011. № 6. -С.122.

96. Михельс Р. Социология политических партий в условиях демократии: Главы из книги // Диалог. 1990. № 3. –С. 84.

97. Набиев В. Политические процессы 90-х годов и многопартийная система в Таджикистане// Материалы 11 Международной научно-практической конференции «Место Таджикистана в новом международном порядке». - Душанбе, 1997.

98. Набиев В.М, Политические партии Таджикистана и их вклад в межнациональное согласие //Сб. статей Миротворческие процессы в Таджикистане. - Душанбе, 1998. –С. 220.

99. Нисневич Ю. А. Роль конкуренции в обеспечении социально-политической стабильности и подавлении коррупции // Вестн. Рос. ун-та дружбы народов. Сер. Политология. 2009. № 3. С. 3–17.

100. Нисневич Ю.А. Информационно-коммуникационная стабилизация политической системы // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия Политология. 2006. №1 (6). С.70

101. Политический журнал «Эксперт». - 1998. - № 9. –С. 62.

102. Пшизова С.Н. Какую партийную модель воспримет наше общество? // Полис, 2008, №4. - С.101-113.

103. Растимешина Т. В., Епифанов А. С. Политические партии: основные подходы к определению понятия, природа и функции / Т. Растимешина, А. Епифанов // Экономические и социально-гуманитарные исследования. – 2017. – № 1. – С. 148–158.

104. Рубеж. Альманах социологических исследований. 1992, №3. С, 75-98.

105. Сафаров Л.Ш. Избирательная система в Таджикистане: проблемы и перспективы ее совершенствования. / Л.Ш. Сафаров // «Таджикистан и современный мир» №1. (30).- 2012. - С. 130 – 140.

106. Селивончик А.В.О связи конституционного права с партиями как политическими институтами // Современное право. 2005. № 2. С. 98.

107. Шилов В. Н. Демократическая политическая конкуренция и предпосылки ее эффективности // Научный результат. Сер. Социальные и гуманитарные исследования. 2014. Т. 1, № 1(1). С. 18–32.

108. Шмачкова Т.В. Мир политических партий // Полис. - 1992. - № 1, 2.

109. Эйзенштадт Ш.Н. Парадокс демократических режимов: хрупкость и изменяемость (II) // Полис. 2002. №3. С.86.

**Автореферат ва диссертатсияҳо**

110. Герасимов Д.С. Многопартийность в условиях переходных систем: автореф. дис. … канд. полит наук. - М., 2009.

111. Сайфиддинов А. Становление и развитие избирательного права в Таджикистане: автореф.дисс... канд. юрид. наук. М., 2002.

112. Толочко А.В. Многопартийность в современной России: роль государства: автореф. дис. … канд. полит. наук. Воронеж, 2011.

**Сарчашмаҳо бо забони хориҷӣ**

113. Best E. Political Parties, Voters, and Institutions: An Examination of Party System Fragmentation in Advanced Democracies, 1950–2005. Binghamton, 2007. –С. 145-14.

114. Beyme K. von Party Leadership and Change in Party Systems: Towards a Postmodern Party State? // Government and Opposition. 1996. Vol. 31. № 2.

115. Blas Guerrero, Andrés de. Teoría del Estado I. El Estado y Sus Instituciones / Andrés de Blas Guerrero. – Madrid: UNED. – 2010. – 460 p

116. Cutright Ph. National Political Development: Measurement and Analysis // American Sociological Review. 1963. Vol. 28. № 1.

117. Diamond L. Introduction: In Search of Consolidation // Consolidating the Third Wave Democracies. Regional Challenges / Ed. by L. Diamond, M. Plattner, Y. Chu and H. Tien. — Baltimore, London: The Johns Hopkins University Press, 1997.

118. Easton D. A system analysis of political life. N.Y., 1965. –P.74.

119. Epstein L.D. Political parties in Western Democracies. Transaction Pablishers. NewBrunswick (USA), London (U.K.), 1979. 405 p. –P. 17.

120. Gross D.A., Goidel R.K. The states of campaign finance reform. Columbus: Ohio State University Press, 2003.

121. Gunter R., Diamandouros N., Puhle H.-J. (eds.) The Politics of Democratic Consolidation: Southern Europe in Comparative Perspective. — Baltimore: John Hopkins University Press, 1995.

122. Hadenius A. Party Development: Russia in a Comparative Perspective. В кн.: The Political Party System in Russia in the period of Yeltsin Presidency / Ed. by A. Hadenius, V. Sergeev. Moscow: Letny Sad, 2008. P. 6.

123. Huntington S. Democracy for the Long Haul // Journal of Democracy. 1996. Vol. 7. № 2.

124. Jaggers K., Gurr T. Tracking Democracy's Third Wave with the Polity Ill Data // Journal of Peace Research. 1995. Vol. 32. № 4.

125. Katz R.S. Democracy and Elections. Oxford University Press, 1997.

126. La Palombara J., Weiner M. Political Parties and Political Development. В кн.: The Origin and Development of Political Parties. Princeton, NJ, 1966. P. 3—4.

127. Lambert L., Jansen H. Party Building by a State Dependent Party: The Case of the Green Party of Canada — Paper presented to the Annual Meeting of the Canadian Political Science Association. Saskatoon, Saskatchewan, May 30-June 1, 2007.

128. Lawson K. Political Parties and Democracy. California, 2010. P. 33.

129. Moser R.G. Unexpected Outcomes. Electoral Systems, Political Parties, and Representation in Russia. Pittsburgh: University of Pittsburgh Press, 2001.

130. O'Donnel G., Schmitter Ph. and Whitehead L. (eds.). Transitions from Authoritarian Rule: Prospects for Democracy. — Baltimore: The Johns Hopkins University, 1986.

131. Sartori, Giovanni. Parties and Party System: A Framework for Analysis. Cambridge: Cambridge University Press. 1976. –P. 43

**Шабакаҳои интернетӣ**

132. Милль Дж. С. Представительное правление. Публицистические очерки [Электронный ресурс] / Дж. С. Милль. - СПб.: Изд. Ф. Павленкова, 1897. - URL: http://www.litres.ru/static/or3/view/or.html

133. Милод Ф. Парламент: от непослушного собрания до спокойного и безмолвного аппарата // Радио Озоди. [http:// rus.ozodi.mobi/a/26746138.html], 20 января 2014.

134. Scott Mainwaring, Presidentialism, multiparty systems, and democracy: the difficult equation, January 1997, https://www.researchgate.net/publication/253966997

**Матбуоти даврӣ**

135. Рахмон Э. Выступление на 4 съезде НДПТ. 18 апреля 1998г.// Народная газета. - 1998. - 8 мая.

136. Рахмон Э. Выступление на встрече с членами Общественного совета. //Народная газета. №8. 23.02.2005.

## ИНТИШОРИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1–М]. Саидова М.А. Нақши низоми бисёрҳизбӣ дар таҳкими ҳокимияти сиёсӣ [Матн] / М.А. Саидова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои фалсафӣ. –Душанбе, 2022. № 2 (6). – С.94-100. ISSN 2710 - 4672

[2–М]. Саидова М.А. Ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Саидова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. –Душанбе, -2020. -№3 (011). -С.158-163 ISSN 2076-2569.

[3–М]. Саидова М.А. Омилҳои самаранокии низоми бисёрҳизбӣ дар таҳкими демократия [Матн] / М.А. Саидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2021.-№ 3 (88). – С. 173-181. ISSN 2411-1945

[4–М]. Саидова М.А. Мақоми бисёрҳизбӣ дар низоми сиёсии замони муосир [Матн] / М.А. Саидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,

бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2022.-№ 3 (92). – С. 137-142. ISSN 2411-1945.

[5–М]. Акмалова М.А. Саидова М.А. Муносибатҳои тарафайни ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар шароити Тоҷикистон / М.А. Акмалова, М.А.Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. № 10. –С. 223-235. ISSN 2413-5151.

## II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо

[6–М]. Саидова М.А. Мақом ва нақши менеҷменти сиёсӣ дар ҷомеаи муосир // Конфронси 16-уми олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилоят бахшида ба 20-солагии қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд. 2016. –С. 98-101.

[7–М]. Саидова М.А. Идораи давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ // Конференсияи илмию амалии олимони ҷавон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантони ДДҲБСТ. Хуҷанд, 2016. – С. 67-69.

[8–М]. Саидова М.А. Ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон // Конференсияи анъанавии илмӣ – амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони “Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ” (22-25.04.2020,ДДҲБСТ).–Хуҷанд. 2020. - С.163-165.